016

Низомии Арӯзии Самарқандӣ

# ЧАҲОР МАҚОЛА

АҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ
ВИЛОЯТИ СУҒД

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«МАРКАЗИ ИЛМИИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ»

**Низомии Арӯзии Самарқандӣ**

# ЧАҲОР МАҚОЛА

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд-2015**

ББК 83.3(0)9
С – 27

**Низомии Арӯзии Самарқандӣ. ЧАҲОР МАҚОЛА.
Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов.**
– Хуҷанд: Ношир, 2015. – 192 саҳ.

«Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ аз ҷумлаи арзишмандтарин осори насрии форсу тоҷик буда, дар асри XII ба қалам омадааст. Муаллиф маълумоти хеле муфидро дар мавриди аҳамияти дабирӣ, шоирӣ, мунаҷҷимӣ ва табибӣ бо забони адабӣ баён медорад. Қисме аз нодиртарин асноди таърихӣ ва гузоришҳои адабӣ танҳо ба василаи ҳамин китоб маҳфуз мондаанд.

Китоб барои суханшиносон, муаррихон, мутахассисони илмҳои нуҷуму тиб ва ҳамаи маърифатҷӯён пешкаш мегардад.

ISBN 978-99975-41-92-5

КИТОБХО
713883
АМВОЛ №

**© МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ», 2015**

*Ба номи Он, ки олимон дар васфи ҷамолаш ҳайрон, орифон дар шуҳуди ҷамолаш гудозон, воҷидон дар вуҷуди ифзолаш нозон, дӯстон дар шавқи висолаш сӯзон, толибон дар бодияи ниёзаш хурӯшон.*

# НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ ВА «ЧАҲОР МАҚОЛА»-И Ӯ

Асри XII дурахшонтарин давраи насрнависии форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Чанде аз арзишмандтарин мероси мансури илму адаби мо, ба мисли «Кашф-ул-асрор»-и Абулфазли Майбудӣ, «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷабуддини Ҷувайнӣ, «ат-Тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддини Муншӣ, «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Қозӣ Ҳамидуддини Балхӣ, «Тарҷумаи Таърихи Яминӣ»-и Ҷурфодиқонӣ, «Роҳат-ус-судур»-и Равандӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Тоҷ-ут-тароҷим»-и Шоҳфури Исфароинӣ, «Тафсир-ут-тафосир»-и Сурободӣ, «Басоири Яминӣ»-и Муҳаммади Нишопурӣ ва иддае дигар ҳама дар ин аҳд ба қалам омадаанд.

«Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ низ дар ҳамин давра таълиф ёфтааст ва дар байни осори насрии асри XII аз мақоми хоса бархурдор аст. Ин китоб бо доро будан ба арзишҳои баланди адабӣ ва маълумотҳои нодири таърихиву меҳаншиносӣ дар сафи сарчашмаҳои бисёр муҳим қарор гирифта, таваҷҷуҳи садҳо муҳаққиқони шарқиву ғарбиро ба худ ҷалб намудааст.

Метавон муҳимтарин нуктаҳоро дар мавриди маърифати муаллиф ва муаррифии китоб ба тариқи зайл арза дошт:

**1. Рӯзгор ва фаъолияти илмиву адабӣ.** Куния, ному насаб ва нисбаи муаллиф Абулҳасан Низомуддин (ё Наҷмуддин) Аҳмад ибни Умар ибни Алии Самарқандӣ, маъруф ба «Низомии Арӯзӣ»-ст. Бо он ки Низомии Арӯзӣ

аз насрнависон ва шоирони шинохтаи асри XII аст, маълумот дар бораи шахсият ва рӯзгори ӯ хеле андак мебошад. Қадимтарин сарчашмае, ки аз рӯзгору шахсияти Низомии Арӯзӣ маълумот медиҳад, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороист[1]. Авфӣ бо он ки тақрибан ним қарн бо Низомии Арӯзӣ фосилаи замонӣ дорад, ба ҷуз ёде аз мақоми шоирӣ ва нақли намунаҳое аз назми ӯ чизе дигарро зикр накардааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ. 207-208). Манобеи баъдӣ, аз қабили «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (саҳ. 379-381), «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (саҳ. 47-49, 59), «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир (ҷ. 2, саҳ. 360), «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ (ҷ.3, саҳ. 1529-1531), «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят (ҷ.1, бахши савум, саҳ. 2200-2202) низ ба зикри чанд нуктаи мухтасар иктифо намудаанд ё танҳо ном бурдаанд.

Аз ин рӯ, дар мавриди зиндагиномаи ӯ маълумоти кофӣ ва муфассал вуҷуд надорад. Ҳамоно, он чи ки метавонад то ҷое барои маърифати ҳаёт ва фаъолияти илмиву адабии Низомии Арӯзӣ кӯмак намояд, матни «Чаҳор мақола»-и ӯ мебошад.

Тааммул бар асноди аз матни китоб бадастомада чунин зоҳир месозад, ки Низомии Арӯзӣ дар ҳудуди соли 480/1087 ба дунё омадааст[2]. Зодгоҳи ӯ, бино бар назари

[1] Албатта, дар «Таърихи Табаристон» (таълифаш соли 613/1216), ки пеш аз тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ (таълифаш соли 617/1220) ба қалам омадааст, аз «Чаҳор мақола»-и Низомӣ ёд гардида (Таърихи Табаристон, ҷ. 2, саҳ.23-25), аммо он танҳо истифода аз манбаъ аст ва дар мавриди зиндагӣ ва фаъолияти ӯ чизеро арза намедорад.

[2] Ин назари моро чандин санад аз матни китоб таъйид менамоянд, ки намунаҳои зерин аз ҷумлаи онҳоянд: а) Соли 505/1111 дар сӯҳбати амирон қарор доштан. Он ҷо, ки навишта: «…Маро он рӯз маълум гашт, ки ӯ девона аст. Аммо бо ин девонагӣ дидам, ки дар санаи хамса ва хамсумиа (яъне, соли 505), ки султон Санҷар ба дашти Хузон фуруд омад… Амир Дод султонро дар Панҷдеҳ мизбонӣ кард, азим шигарф» (саҳ. 128). б) Соли 510/1116 дар дашти Турук ба урдуи Санҷар назди Муиззӣ рафтан. Он ҷо Муиззӣ аз устодии ӯ дар фанни шеър ҳарф задааст. Чунончи навишта: «Дар санаи ашара ва хамсумиа

ҷумҳури уламо, Самарқанд аст[1].

Зоҳиран, муқаддамоти илмро дар зодгоҳи худ Самарқанд фаро гирифтааст[2]. Устодони зиёд дошта, ки Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад Абӯсаъди Нашавӣ[3], Амир Муиззӣ[4], Умари Хайёмӣ[5] аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Соли

(яъне, соли 510) подшоҳи ислом Санҷар ибни Маликшоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу ва адома ила-л-маолӣ иртиқоаҳу (яъне, Худованд умрашро дароз ва сарфарозиашро бар баландиҳо бардавом созад), ба ҳадди Тӯс ба дашти Турук баҳор дод ва ду моҳ он ҷо муқом кард ва ман аз Ҳарӣ бар сабили интиҷоъ бад-он ҳазрат пайвастам ва надоштам аз баргу таҷаммул хеҷ. Қасидае бигуфтам ва ба наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам. Ва шеъри ман бидид ва аз чанд навъ маро барсахт, ба муроди ӯ омадам... Маро дил доду гуфт: «Ту дар ин илм ранҷ бурдаӣ ва тамом ҳосил кардаӣ, онро ҳароина асаре бошад» (саҳ. 93-95). в) Соли 511/1117 соҳиби фарзанд гардидан. Он тавр, ки тасреҳ фармуда: «Ин бандаро аҷузае буд, вилодати ӯ дар бисту ҳаштуми сафари иҳдо ашара ва хамсумиа (яъне, 28-уми моҳи сафари соли 511/1117) буд» (саҳ. 126). г) Соли 512/1118 бо донишмандони Нишопур дӯстӣ ва мусоҳибат доштааст. Он гуна, ки фармуда: «Дар санаи иснато ашарата ва хамсумиа (яъне, соли 512) дар бозори атторони Нишобур бар дуккони Муҳаммади Муҳаммад, мунаҷҷими табиб, аз Хоҷа Имом Абӯбакри Даққоқ шунидам, ки» (саҳ. 141-142). Равшан аст, ки бояд дар ин айём ҳадди ақал 25-30 сол умр дошта бошад, то камолоти фанни шеър, эътибор назди фарзонагон, соҳиби хонавода шудан ва муҷолисат бо амирону салотинро дарёбад.

[1] Ба занни ғолиб, тасреҳи муаллиф ба нисбаи Самарқандии худ (ниг. саҳ. 25) ҷумҳурро ба иттифоқи назар дар Самарқанд будани зодгоҳи Низомии Арӯзӣ бозовардааст. Аммо Ризоқулихони Ҳидоят навишта, ки «асли вай на Самарқандӣ аст ва ғолибан аз аҳли Насо буда бошад» (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ч.1, бахши савум, саҳ. 2201). Ризоқулихон бар исботи назар далеле ироа надоштааст. Аммо метавон гуфт, ки имкон дорад манзури ӯ асли аҷдодии Низомӣ бошад.

[2] Дар мавриде ба ин нукта чунин ишора намуда: «Ва шунидам ба Самарқанд ба санаи арбаа ва хамсумиа (яъне, соли 504/1110) аз деҳқон Абӯраҷо Аҳмад ибни Абдуссамад ал-Обидӣ, ки...» (саҳ. 85-86).

[3] Аз устодии Нашавӣ муаллиф худ возеҳ ҳарф задааст. Он ҷо, ки фармуда: «...ҳикоят кард маро устоди ман аш-Шайх ал-Имом Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад Абӯсаъд ан-Нашавӣ» (саҳ. 164).

[4] Аз матн бармеояд, ки солҳо ва борҳо аз дилҷӯиву раҳнамоии Амир Муиззӣ бархӯрдор будааст (ниг. саҳ. 95-96,111). Давлатшоҳи Самарқандӣ ӯро «аз ҷумлаи шогирдони Амир Муиззӣ» навиштааст (Тазкират-уш-шуаро, саҳ. 49). Ҳамчунин, Ризоқулихони Ҳидоят бар ин нукта таъкид намудааст (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ч.1, бахши саввум, саҳ. 2200).

[5] Муаллиф зимни баён аз зиёрати оромгоҳи Умари Хайёмӣ аз ҳаққи устодии ӯ чунин сухан гуфта: «Чун дар санаи салосин (мурод соли 530/1136) ба Нишопур расидам, чаҳор сол буд, то он бузург рӯй дар ниқоби хок кашида буд ва олами суфлӣ аз ӯ ятим монда ва ӯро бар ман ҳаққи устодӣ буд» (саҳ. 132).

509/1115 бо мӯҷиботе норавшан дар Ҳирот қарор гирифтааст[1]. Соли 510/1116 аз Ҳирот ба ноҳияи Тӯс, дар дашти Туруқ, ба урдуи Санҷар ибни Маликшоҳ рафтааст ва дар ин ҳангом соҳиби хонавода[2] ва гирифтор ба сахтии рӯзгор будааст[3].

Дар ҳамин сафар бори нахуст ба маҳзари амирушшуаро Муиззӣ худро бозшиносонида ва мавриди дилҷӯиву меҳрубониҳои ӯ қарор гирифтааст[4]. Дар ҳамин сол, зоҳиран дар ҳамин сафар, қабри Фирдавсиро зиёрат намудааст[5]. Сипас, аз Тӯс ба Нишопур рафтааст[6]. Ба занни ғолиб солҳое он ҷо буда ва бо фозилони он шаҳр муҷолисат доштааст.

Соли 516/1122 дар шаҳри Балх дар ҳузури Умари Хайёмӣ қарор доштааст[7]. Соли 530/1136 ба Нишопур омада ва ҷумъае ҳамроҳи раҳнамо барои зиёрати қабри Умари

[1] Чунонки навишта: «...дар санаи тисъа ва хамсумиа, ки ман ба Ҳирот афтодам» (саҳ. 101).

[2] Соҳиби хонавода будан ба ин далел аст, ки ба тасреҳи худи ӯ дар таърихи 28 сафари соли 511, баробар бо 8 июли соли 1117 соҳиби духтаре гардида будааст. Он ҷо, ки фармуда: "Ин бандаро аҷузае буд, вилодати ӯ дар бисту ҳаштуми сафари санаи иҳдо ашара ва хамсумиа (яъне, 511) буд " (саҳ. 126). Дигар худ даврони бордории маъмулии модарон равшан аст.

[3] Зеро муаллиф сабаби ин сафари худро рафъи ниёзмандӣ навиштааст: Чунонки омада: «...ман аз Ҳарӣ бар сабили интиҷоъ бад-он ҳазрат пайвастам ва надоштам аз баргу таҷаммул ҳеҷ» (с. 95). Ҳамчунин, он ҷо назди Муиззӣ ба тариқи зайл сухан карданаш бар ин далолат дорад: «Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодате ҳаменамудам ва гила ҳамекардам» (ҳамон).

[4] Зеро навишта, ки «қасидае бигуфтам ва ба наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам. Ва шеъри ман бидид ва аз чанд навъ маро барсахт, ба муроди ӯ омадам. Бузургиҳо фармуд ва меҳтариҳо воҷиб дошт» (саҳ. 95).

[5] Чунонки навишта: «...Даруни дарвоза боғе буд, милки Фирдавсӣ, ӯро дар он боғ дафн карданд. Имрӯз ҳам дар он ҷост ва ман дар санаи ашара ва хамсумиа (яъне, соли 510/1116) он хокро зиёрат кардам» (саҳ. 112).

[6] Зеро дар матни китоб чунин омада: «Аз Абӯризо ибни Абдуссаломи Найсобурӣ шунидам дар санаи ашара ва хамсумиа (яъне, соли 510) ба Нишобур дар масҷиди ҷомеъ...» (саҳ. 35).

[7] Он тавр, ки навишта: «Дар санаи ситта ва хамсумиа ба шаҳри Балх дар кӯи бардафурӯшон, дар сарои Амир Абӯсаъди Ҷарра Хоҷа Имом Умари Хайёмӣ ва Хоҷа Имом Музаффари Исфизорӣ нузул карда буданд ва ман бад-он хидмат пайваста будам» (саҳ. 132).

Хайёмӣ ба қабристони Ҳираи ин шаҳр рафтааст[1].

Соли 547/1152 дар ҷанге, ки байни Алоуддини Ғурӣ ва Санҷари Салҷуқӣ воқеъ шуда буд, пас аз шикасти лашкари Ғур, ба сабаби пайванд бо Ғуриён, муддате дар Ҳирот ба пинҳонӣ умр ба сар бурдааст[2]. Чун карордоди фидя ҷиҳати итлоқи амирони асир мушаххас мегардад, Низомии Арузӣ худро ба хидмати хоҷагонаш мерасонад. Дар ин асно устодии ӯ дар нуҷум мӯҷиб мегардад, то муддате пас бар навохти хосаи Шамсуддавла шарафёб гардад[3].

Аз идомаи рӯзгори Низомии Арӯзӣ ҳамин андоза метавон иттилоъи дақиқ дод, ки ӯ то соли 551-552/1156-1157 дар ҳаёт буда[4] ва дар боргоҳи Ғуриён[5] хидмат менамудааст.

Ҳоҷӣ Халифа ва дар пайравии ӯ Исмоилпошшои Бағдодӣ даргузашти ӯро дар ҳудуди соли 560/1165 навиш-

[1] Чунонки баён дошта: «Чун дар санаи салосин (манзур 530) ба Нишобур расидам, чаҳор сол буд, то он бузург рӯй дар ниқоби хок кашида буд... Одинае ба зиёрати ӯ рафтам ва якеро бо худ бибурдам, ки хоки ӯ ба ман намояд. Маро ба гӯристони Ҳира берун овард... » (саҳ. 132).

[2] Он ҷо, ки навишта: « Дар санаи сабъа ва арбаъина ва хамсумиа, ки миёни султони олам Санҷар ибни Маликшоҳ ва худованди ман Ало-уд-дунё ва-д-дин ... ба дари Ӯбаҳ масоф афтод ва лашкари Ғӯрро чунон чашмзахме афтод. Ва мани банда дар Ҳирот чун мутаворигуна ҳамегаштам, ба сабаби он ки мансуб будам ба Ғур» (саҳ. 171).

[3] Чунонки худ накл намуда: «...Мани банда дар ин ҳол бад-он хидмат расидам. Рӯзе дар ғояти дилтангӣ ба банда ишорат фармуд, ки:"Охир ин гушоиш, кай хоҳад буд ва ин ҳимл кай бирасад?" Он рӯз бад-ин ихтиёр иртифоъе гирифтам, толеъ баркашидам ва маҷҳуд ба ҷой овардам. Савум рӯз он суолро далели гушоиш буд. Дигар рӯз биёмадам ва гуфтам: "Фардо намози пешин кас расад"... Он подшоҳзода дар ин буд, ки қосиде даррасид ва ин башорат дод, ки ҳимл оварданд, панҷоҳ ҳазор динор ва гӯсфанду чизҳои дигар... Ва дар ин шабҳо буд, ки бандаро бинавохт ва гуфт: "Низомӣ! Ёд дорӣ, ки ба Ҳарӣ он ҳукм кардӣ ва чунон рост бозомад? Хостам, ки даҳони ту пури зар кунам, он ҷо зар надоштам, ин ҷо зар дорам". Зар бихост ва даҳони ман ду бор пури зар кард ва гуфт: "Басе намедорад, остин боз дор!" Остин боз доштам, пури зар кард" (саҳ. 138).

[4] Далели ин гуфтор таърихи таълифи "Чаҳор мақола" буда, дар идома тавзеҳ ёфтааст.

[5] Шоистаи ёдоварист, ки мулуки Ғур ба ду қисм – Ғурияи Шансабия ва Ғӯрияи Бомиён ҷудо мешаванд. Муаллиф бештар ба Ғӯрияи Бомиён пайванд дорад (барои огоҳии бештар аз ин хонадон ниг. ба ҳошияи саҳ. 21-22).

таанд (Кашф-уз-зунун, ҷ.3. саҳ. 193; Ҳадийят-ул-орифин, ҷ.1, саҳ. 79).

Пайванди ӯ бо хонадони Ғӯриён комилан мусаллам аст ва муаллиф худ борҳо дар матни китоб сареҳан аз он ёд намудааст[1]. Аммо дар ҷой-ҷойи матн матолиби марбут ба иродати муаллиф ба Салҷуқиён ва алоқаи ӯ бо суханварони ин хонадон низ ба назар мерасад[2]. Шояд ба ҳамин сабаб, иддае ӯро дар сафи донишмандони салоҷуқа ёд кардаанд. Аз ҷумла, Авфии Бухорӣ дар боби «Шуарои Оли Салҷуқ» ӯро муаррифӣ намудааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ. 307).

Бешак, фаъолияти илмиву адабии Низомии Арӯзӣ бештар дар дарбори Ғӯрия сурат гирифтааст. Аз дебочаи китоб бармеояд, ки муаллиф то ҳангоми таълифи китоб чиҳилу панҷ сол дар хидмати ин хонадон будааст. Он гуна, ки навишта: «Бандаи мухлису ходими мутахассис Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ ан-Низомӣ ал-Арӯзӣ ас-Самарқандӣ, ки чиҳилу панҷ сол аст, то ба хидмати он хонадон мавсум аст ва ба рақами бандагии ин давлат марқум...» (саҳ.25).

Аз фаҳвои матолиби китоб бармеояд, ки Низомии Арӯзӣ дар фанни шеър, нуҷум ва тиб ба мақоми устодӣ расида будааст.

---

[1] Дар қисмати дебоча, хитомия ва баъзе матолиби китоб ин нукта равшан зикр ёфтааст.

[2] Масалан, дар мавриде навишта: «Бомансури Боюсуф дар санаи тисъа ва хамсумиа (яъне, соли 509/1115), ки ман ба Ҳирот афтодам, маро ҳикоят кард, ки...» (саҳ. 101). Ин Бомансури Боюсуф (Абӯмансури Абӯюсуф) аз шоирони боэътибори дарбори Салҷуқиён будааст. Муаллиф дар мавриде дигар аз пайванди худ бо ӯ басароҳат чунин хабар додааст: «Оли Салҷуқ ҳама шеърдӯст буданд, аммо ҳеҷ кас шеърдӯсттар аз Туғоншоҳ ибни Алпарслон набуд ва муҳоварату муошарати ӯ ҳама бо шеър буд ва надимон ӯ ҳама шуаро буданд, чун амир Абӯабдуллоҳи Қурашӣ ва Абӯбакри Азрақӣ ва Абӯмансури Боюсуф... инҳо мураттабхидмат буданд» (саҳ. 100). Дар мавриде бар Санҷари Маликшоҳи Салҷуқӣ чунин дуои пойдории давлату тӯли умр намуда: «Дар санаи ашара ва хамсумиа (яъне, соли 510/1116) подшоҳи ислом Санҷар ибни Маликшоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу ва адома ила-л-маолӣ иртиқоаҳу (яъне, Худованд умрашро дароз ва сарфарозиашро бар баландиҳо бардавом созад)...» (саҳ. 95). Дигар иродату алоқаи муаллиф бо Амир Муиззӣ, ки амирушшуарои дарбори Салҷуқиён буд, худ возеҳ аст ва қаблан низ далоиле оварда шуд.

Муҳаммад Авфӣ табъи шоирӣ ва назми ӯро сутуда мегӯяд: «Назми Низомии Арӯзӣ, ки нуқуду урузи табъи ӯ натиҷаи конро таъйир кунад, силки дураре аст, ки иқди Сурайёро тазйифу камари Ҷавзоро таҳқир кунад...» (Лубоб-ул-албоб, ҷ. 2, саҳ. 307). Давлатшоҳи Самарқандӣ навишта: «Табъе латиф дошта... ва дар илми шеър моҳир буда» (Тазкират-уш-шуаро, саҳ. 49). Ба қавли Амин Аҳмади Розӣ, «аз некӯтабъони замони худ буда» (Ҳафт иқлим, ҷ.3, саҳ. 1529).

Иштиҳори ӯ ба «Низомии Арӯзӣ» низ аз нубуғи ӯ дар фанни шеър маншаъ гирифтааст. Чунонки Ризоқулихони Ҳидоят навишта: «Чун дар илми арӯз сарриштаи комил дошта, ба «Низомии Арӯзӣ» рояти шуҳрат барафрошта» (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ.1, бахши савум. саҳ. 2200).

Аз шуарои хосаи Оли Шансаб – Ғӯриён будани хеш чунин хабар дода: «Подшоҳро аз шоири нек чора нест... ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад. Ва асомии мулуки Ғӯр – Оли Шансаб, халладаллоҳу мулкаҳум, боқӣ монад ба Абулқосими Рафеӣ ва Абӯбакри Ҷавҳарӣ ва камтарини бандагон – Низомии Арӯзӣ...» (саҳ. 77).

Ҳамчунин, матолиби зиёд аз матни китоб, ба мисли баҳс аз муқаддамоту заруроти шеъру шоирӣ (ниг. саҳ. 68-81), бурдани қасидаи хеш ба маҳзари Амир Муиззӣ ва некӯ берун омадан аз санҷишҳои ӯ (ниг. саҳ. 95-96), овардани намунаҳои назми худ (ниг. саҳ. 78, 114-115), ба сабаби нубуғи шеърӣ кони сурби Варсод дар муддати ҳафтод рӯз – аз иди фитр то иди азҳо ба ӯ эҳдо гардидан (ниг. саҳ. 115-116) ва ғайра ҳама аз мақоми шоирии ӯ сухан менамоянд.

Аммо бо он ки «аз муқаддамони санъат» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ. 307) буда ва шеърҳои баланд дошта, то имрӯз намунаи олие аз онҳо боқӣ намондааст ва он чи ҳаст, ҷиҳати бознамоии ҳунари волои шоирии ӯ кофӣ нестанд.

Аз муқаддимаи мақолаи савуми китоб – Дар илми нуҷум ва ғазорати мунаҷҷим дар он илм (ниг. саҳ. 117-121),

пойдории салтанат барои Санҷар ибни Маликшоҳ[1].

Собит аст, ки «Мақомоти Ҳамидӣ» соли 551/1156 навишта шудааст. Даргузашти Санҷар соли 552/1157 буда ва тавсифи муаллиф баёнгари дар ҳангоми таълифи китоб дар қайди ҳаёт будани ӯст. Пас, равшан мегардад, ки «Чаҳор мақола» дар байни солҳои 551-552 таълиф ёфтааст.

Ҳадаф ва мақсади муаллиф аз таълифи ин китоб на изҳори фазлу ёдоварди хидмат, балки раҳнамоии тозароҳ ва ситоиши мамдуҳи худ будааст[2].

Низомии Арӯзӣ хоста, то ба пешгоҳи подшоҳ дастуре тақдим дорад, ки он бар асоси ҳикмату далелҳои муҳками илмӣ бошад ва дар кишвардорӣ раҳнамо қарор бигирад[3].

Муаллиф китобро ба номи шоҳзода Ҳусомуддин Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд ибни Ҳусайни Ғӯрӣ, писари Фахриддин Масъуд – нахустин подшоҳи Ғӯрияи Бомиён кардааст[4].

Муҳтавои асосии китоб, чунонки аз номи он пайдост дар қолаби чаҳор мақола рехта шудааст. Аммо пеш аз оғози мақолот муқаддимаи муфассале қарор дорад, ки он аз ҳашт қисмат таркиб ёфтааст: Дебоча ва фасли таҳмидия, ки дар он аз ҳамду санои Худованд, наъти Расул (с) ва олу асҳоби

---

[1] Он гуна, ки фармуда: «Дар санаи ашара ва хамсумиа (яъне, соли 510) подшоҳи ислом Санҷар ибни Маликшоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу ва адома ила-л-маолӣ иртиқоаҳу (Яъне: Худованд умрашро дароз ва сарфарозиашро бар баландиҳо бардавом созад)» (саҳ. 95).

[2] Чунонки зикр ёфта: «Мақсуд аз таҳрири ин рисолат ва тақрири ин мақолат изҳори фазл нест ва изкори хидмат не, балки иршоди мубтадӣ аст ва иҳмоди худованд – малики муаззами муаййади музаффари мансур Ҳусом-уд-давлати ва-д-дунё ва-д-дин ...” (саҳ. 174).

[3] Тавре, ки марқум фармуда: «Бандаи мухлису ходими мутахассис Аҳмад ибни Алӣ ан-Низомӣ ал-Арӯзӣ ас-Самарқандӣ, ки чиҳилу панҷ сол аст, то ба хидмати ин хонадон мавсум аст ва ба рақами бандагии ин давлат марқум, хост ки маҷлиси аълои подшоҳӣ, аълоҳуллоҳуро, хидмате созад бар қонуни ҳикмат, ороста ба ҳуҷаҷи қотеъа ва бароҳини сотеъа ва андар ӯ бознамояд, ки подшоҳӣ худ чист ва подшоҳ кист ва ин ташриф аз куҷост ва ин талтиф мар кирост ва ин сипос бар чӣ ваҷҳ бояд доштан ва ин миннат аз чӣ рӯй бояд қабул кардан” (саҳ. 25-26).

[4] Ин нукта дар дебоча (ниг. саҳ. 21-22) ва хитомияи китоб (ниг. саҳ. 174-175) сареҳан зикр ёфтааст.

эшон, ситоиши мамдуҳу хонадони ӯ сухан рафтааст; оғози китоб – шомили ному насаби муаллиф ва ҳадафи таълиф; фасл – фарогири мавзӯоти марбут ба ҳастӣ, чун воҷиб-ул-вуҷуд (Худо), мумкин-ул-вуҷуд (махлуқот), вазъи коинот ва ҷойгоҳи замин дар он; марҳилаҳои падидоии ҳаёт дар замин; фасл – дар баёни таъсири ситорагон бар аносир ва мизоҷи олами поёнӣ, таҷзияи қувои ҷозиба, мосика, дофиа ва ғайра; фасл – андар ҳавосси зоҳир, чун ламсу завқу басару самъу шам(м); фасл – дар ҳавосси ботин, мисли хаёл, ваҳм, ҳофиза ва ғайра; қисмати ниҳоии муқаддима, ки дар он фазилату мақоми подшоҳӣ, лавозимоти мулкдорӣ ва мундариҷаи аслии китоб – мақолаҳои чаҳорғона баён ёфтааст.

Низомии Арӯзӣ подшоҳиро пас аз пайғамбарӣ ғаронтарин масъулият ва қавитарин амал дониста, дар канори подшоҳ барои ҳаллу фасли умур раъю тадбири хирадмандонро зарур меҳисобад. Бино бар назари ӯ, подшоҳро дар ин амр аз дабир, шоир, мунаҷҷим ва табиб чора нест. Зеро устувории мулк ба дабир, бақои исми подшоҳ ба шоир, низоми умур ба мунаҷҷим ва сиҳҳати бадан ба табиб алоқаманд аст.

Бар ин асос, дар китоб чаҳор мақола (бахш, фасл) тартиб дода шудааст. Дар огози ҳар мақола муқаддимае судманд ба қалам омадааст. Пас аз он, дар ҳар мақола даҳ ҳикоят (ба истисноии мақолаи чаҳорум, ки шомили дувоздаҳ ҳикоят аст), матолиби нағзу марғуб ва он дидаву андӯхтаҳои муаллиф, ки марбут ба мавзӯи мақола аст, баён ёфтааст.

Қисмати хитомия, ки аз як фасл фароҳам омадааст, шомили гуфтор аз мақсади нигошти китоб ва сипосмандиву тавсиф аз мамдуҳу хонадони ӯ мебошад.

**3. Аҳамияти илмиву адабӣ.** «Чаҳор мақола» аз ҷумлаи он идда мероси хаттии қадимаи мост, ки аз ҳаводиси рӯзгор ва рухдодҳои талхи таърих ба саломат то мо расидааст.

Бояд аҳамияти илмиву адабии китобро аз муҳимтарин омилҳои бақову бозмонии он ба ҳисоб овард.

Ин навъ хусусияти китобро метавон дар чанд меҳвар мавриди муаррифӣ қарор дод ва бар мабнои онҳо ба арзиши илмиву адабии асар таъкиди бештар фармуд:

*а) Фарогирии матолиби нодири илмӣ.* Он гуна, ки аз муқаддимаи мақолаҳои чаҳоргона бармеояд, муаллиф аз муҳимтарин осори илмӣ огоҳии комил доштааст. Ба ин мӯҷиб, дар мавриди пешгомони илму адаб ва номоварони таърих иттилооти арзишмандро баён доштааст. Ахбору аҳволе, ки дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ, Умари Хайёмӣ, Рашидии Самарқандӣ ва дигарон нақл фармудааст, қадимтарин маълумот ба ҳисоб меравconfigured. Иддае аз гуфтору ахбори марбут ба шуаро, ки муаллиф худ шоҳиди он буда, дар зоти худ мунҳасир мебошанд ва китобро чун сарчашмаи ягона муаррифӣ менамоянд. Илова бар ин, чанд нафар шоир танҳо тавассути ҳамин китоб шинохта мешаванд ва нисбати онҳо дар ҳеҷ манбаи дигар маълумот ба назар намерасад. Ба мисли Рошидӣ, Аҳмади Халаф – аз шуарои Ғазнавиён; Луълуӣ, Килобӣ, Бонизӣ, Алии Сипеҳрӣ, Суғдӣ, Писари Теша – аз шоирони Қарахониён; Ҷаъфари Ҳамадонӣ – аз шоирони Оли Бӯя; Кифоии Ганҷаӣ, Кӯсаи Фолӣ – аз шоирони мулуки Табаристон; Абулқосими Рафеӣ, Абӯбакри Ҷавҳарӣ, Алии Сӯфӣ – аз шоирони Оли Шансаб.

Ба ҳамин сабаб аст, ки «Чаҳор мақола» ҳамчун нахустин тазкираи шоирон шинохта мешавад.

Он ахборе, ки дар мавриди табибон, мунаҷҷимон ва файласуфон, чун Ибни Сино, Исҳоқи Киндӣ, Берунӣ, Сулаймони Димишқӣ, Умари Хайёмӣ, Хоҷа Имом Абӯбакри Даққоқ, Муқрӣ Ҳаддоди Табиб ва ғайра баён ёфтаанд, низ хеле арзишманд ва қисме мунҳасир ба фард мебошанд.

Ҳамчунин, зикру гузоришҳое, ки аз исми макону осор, ба монанди работи Чоҳа, гӯристони Ҳира, Баруна, «Сад

боб»-и Сиҷзӣ ва лавҳаҳое аз рӯзгори шоҳону бузургон, ки дар хилоли ҳикоёт зикр ёфтаанд, китобро чун манбаи нодир дар бозшиносии матолиби ёдшуда муаррифӣ менамоянд.

*б) Истиқболи донишмандони баъдӣ аз китоб.* Арзиши баланд ва маълумоти нодири китоб сабаб гардида, то муаллифони муҳимтарин осори таърихӣ ва тазкираҳо аз он ҳамчун манбаъ истиқбол намоянд. Дар ҳудуди ним қарн баъд Ибни Исфандиёр дар «Таърихи Табаристон»-и хеш (таълифаш 613/1216) бо зикри ном ҳикояти Фирдавсӣ ва Султон Маҳмудро иқтибос овардааст (Таърихи Табаристон, ҷ.2, саҳ. 23-25). Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (аз муаррихони асри XIV бо ёд аз китоб дар нақли ҳикоятҳо баҳра ҷустааст (Таърихи гузида, саҳ. 379-381). Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ (аз донишмандони асри XIV) аксари ҳикоёти мақолаи аввали китобро бо сабти номи муаллиф ва китоб (ба сурати "Маҷмаъ-ул-наводир") дар таълифи худ овардааст (Дастур-ун-котиб, саҳ. 98-122). Давлатшоҳи Самарқандӣ (донишманди асри XV) дар тазкираи худ зимни муаррифии Муиззӣ ва Азрақӣ сареҳан аз китоб баҳра бурдааст (Тазкират-уш-шуаро, саҳ. 47, 59). Хондамир (муаррихи асри XVI) дар таърихи хеш бо иқтибоси моҷарои иқомати тӯлонии Насри Сомонӣ ва таъсиргузории "Бӯи Ҷӯи Мӯлиён"-и Рӯдакӣ бар ӯ аз "Чаҳор мақола" мустафид гардидааст (Ҳабиб-ус-сияр, ҷ.2, саҳ. 360-362).

Ба ҳамин тариқ, ҷойгоҳи "Чаҳор мақола" дар тадвини аксари таърихномаву тазкираҳои минбаъда, ба мисли "Таърихи Нигористон"-и Қозӣ Аҳмади Ғаффорӣ, "Равзат-ул-анвор"-и Сабзаворӣ, "Ҳафт иқлим"-и Амин Аҳмади Розӣ ва аксари осори таҳқиқии адабиву таърихии муосир равшан аст.

*в) Сабки наср.* "Чаҳор мақола" дар замоне навишта шуда, ки насри фаннӣ мусаллат буд. Нависандагон мекӯшиданд, то насрашон бо истишҳод ба оёту аҳодис, ашъору амсоли арабӣ, саҷъу ибораороиҳои такаллуфона ва ба баҳрабардорӣ аз санъатҳои лафзиву маънавӣ ба

қалам ояд. Низомии Арӯзӣ, ки худ аз осори муҳими насри фаннӣ ва муншиёна, чун тарассулоти Соҳиб, Собӣ, Қобус, алфози Ҳаммодӣ, Имомӣ, мақомоти Бадеуззамон, Ҳарирӣ, Ҳамидуддини Балхӣ ва ғайра мутолиаи кофӣ дошта ва аз онҳо басароҳат ном бурдааст, наметавонад аз таъсири ин шеваи наср комилан берун монад. Аммо як мутолиаи кӯтоҳ собит месозад, ки ин навъ наср танҳо ба қисматҳое аз муқаддима ва сароғози мақолаҳои чаҳоргона алоқаманд мебошанд. Сируси Шамисо низ дуруст бар ин нукта пай бурда, бар назари ёдшуда таъкид варзидааст (Сабкшиносии наср, саҳ. 119-120).

Низомии Арӯзӣ агарчи дар нигошти ин навъи наср тавонои комил дошт, аммо кӯшида, то берун аз сабки насри гузаштагон – насри мурсал ва байнобайн қалам накашад. Ба ин мӯҷиб, матни асосии китоб, ки бахши мақолот ҳомили онанд, ба ҳамин навъ сабк ишно шудааст. Дар ин замина навиштаи зерини Маликушшуаро Баҳор муайиди назар аст: "Агар баъзе қароин дар пораи фусул набошад, ҳар кас, ки таърихи таълифи онро (манзур "Чаҳор мақола") надонад ва ба илми сабкшиносӣ воқиф бошад, онро дар шумори насри авохири қарни панҷум яъне, асри XI хоҳад шуморид, зеро саводи аъзами он китоб дуруст бо сабки "Қобуснома" ва "Сиёсатнома" баробар аст. Нависанда нахостааст китоби худро ба шеваи аср иншо кунад ва ба сабки устодони қадим роғибтар буда" (Сабкшиносӣ, бо талхис аз саҳ. 301-302).

Насри равон ва фасоҳати калом "Чаҳор мақола"-ро ҳамчун беҳтарин намунаи насри форсии тоҷикӣ шиносонидааст ва китобро дар радифи муътабартарин мероси мансури илму адаби мо, чун "Таърихи Байҳақӣ", "Қобуснома", "Тазкират-ул-авлиё", "Сиёсатнома", "Асрор-ут-тавҳид" ва амсоли инҳо қарор додааст.

**4. Нашр ва тарҷумаҳои китоб.** Арзиши баланди илмиву адабии китоб мӯҷиб гардида, то он дар тӯли садсолаи охир борҳо тасҳеҳу нашр пазирад ва ба забонҳои мухта-

лиф тарҷума ёбад. Муҳимтарин нашр ва тарҷумаҳои китоб ба тариқи зайл аст:

*а) Нашрҳо.* «Чаҳор мақола» бори нахуст солҳои 1305 ҳ.ш./1887 м. дар Теҳрон ба эҳтимоми Абулқосим ибни Охунд Мулломуҳаммад чопи сангӣ пазируфтааст. Сипас, Аллома Қазвинӣ бо раҳнамоии Эдуард Браун ба тасҳеҳу нашри китоб ҳиммат гумоштааст. Тасҳеҳи эшон бар асоси нусхаҳои хаттии китобхонаи Музейи Британия, нусхаи Ошур-афандӣ (Истанбул) ва нашри фавқуззикри сангӣ сурат гирифтааст. Ин тасҳеҳ ҳамроҳи тавзеҳоту ҳошияҳои пурбор соли 1327 ҳ.ш./1909 м. бо муқаддимаи англисӣ дар Ледан нашр гардидааст.

Дар соли 1336 ҳ.ш./1957 м. Муҳаммад Муин аз рӯи тасҳеҳи Қазвинӣ нусхаи мусаҳҳаҳи хешро бо таъликоту феҳристҳои муфид дар Теҳрон ба чоп расонид.

Минбаъд чопҳои мукаррар аз рӯи ин нашр сурат пазируфт, ки яке аз муътабартарини онҳо нашри Саид Қарабеглу ва Ризо Анзобинажод мебошад. Нашри мазкур бо шарҳу тавзеҳоти ҷолиб соли 1382 тавассути интишороти «Ҷомӣ» манзури хонандагон гардидааст.

«Чаҳор мақола» дар Тоҷикистон бо кӯшиши устодон Худоӣ Шарифов ва Урватулло Тоиров (Душанбе:Ирфон, 1986, 160 саҳ.) табъ ёфтааст.

*б) Тарҷумаҳо.* Тарҷумаи «Чаҳор мақола» бори нахуст соли 1899 аз ҷониби Эдуард Браун ба забони англисӣ анҷом ёфт. Ин тарҷума ба таври комил дар Ҳартфурд мунташир гардид. Мутарҷим пас аз солҳо бори дигар тарҷумаи хешро такмил намуд ва онро бо инзимоми хулосае аз ёддоштҳои Қазвинӣ соли 1919 муҷаддадан нашр кард.

Тарҷумаи фаронсавии «Чаҳор мақола» аз ҷониби Изабел Гастинс анҷом пазируфт ва соли 1968 дар Париж чоп гардид.

Тарҷумаи арабии китоб таҳти унвони «ал-Мақолотул-арбаа» аз ҷониби Абдулваҳҳоб Аззом ва Яҳё Хашшоб



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С.АЙНӢ
АМВОЛ №

сурат гирифтааст. Ин тарҷума соли 1949 дар Қоҳира мунташир шудааст.

Мақолаи чаҳоруми китоб тавассути Абдулбоқии Гулпинорлӣ тарҷума ёфт ва ҳамроҳ бо хулосаи фаронсавии он соли 1936 дар Истанбул ба табъ расид.

Мавлавӣ Аҳмад Ҳасан китобро ба урдуӣ тарҷума кард. Ин тарҷума бо матни форсӣ ва фарҳанги луғот дар Деҳлӣ (бидуни соли нашр) чоп шудааст.

Донишмандон С. И. Баевский ва З. Н. Ворожейкина китобро ба забони русӣ тарҷума намудаанд («Собрание редкостей», или «Четыре беседы». - Москва: Издательство восточной литературы, 1963 г.).

* * *

Шоистаи ёдоварист, ки нашри ҳозир аз рӯи тасҳеҳи устод Қазвинӣ ва Муҳаммад Муин таҳия гардид. Қисмати тавзеҳот ва ҳошия ҳатталмақдур мустақим бар мабнои сарчашмаҳои муътабар навишта омад, ки бар арбоби дониш ва хонандагони равшанзамир ҳақиқати он маълум хоҳад шуд.

Ин ҷо аз ҷавонони азизи «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ», ки дар ҳуруфчинӣ, феҳристсозӣ ва бозхонии матн кӯмак намуданд, изҳори сипосмандӣ менамоем.

Умедворем, ин сабзварақ, ки аз нахлистони насри ниёгон бар хони маънавии адабдӯстон чун армуғон пешкаш мегардад, мӯҷиби нузҳати хотири аҳбоб қарор бигирад.

**Фахриддин Насриддинов,**
*доктори илмҳои филологӣ,*
*директори Муассисаи давлатии*
*«Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ»*

**Низомии Арӯзии Самарқандӣ**

# ЧАҲОР МАҚОЛА

**Таҳия ва тавзеҳи**
**Фахриддин Насриддинов**

بسم الله الرحمن الرحيم

# ДЕБОЧА

Ҳамду шукру сипос мар он подшоҳеро, ки олами авду маодро[1] ба тавассути малоикаи каррубиву[2] руҳонӣ дар вуҷуд овард ва олами кавну фасодро[3] ба тавассути он олам ҳаст гардонид ва биёрост ба амру наҳйи анбиёву авлиё, нигоҳ дошт ба шамшеру қалами мулуку вузаро. Ва дуруд бар сайиди кавнайн, ки акмали анбиё буд ва офарин бар аҳли байту асҳоби ӯ, ки афзали авлиё буданд. Ва сано бар подшоҳи вақт – малики олими одил, муаййади музаффари мансур, Ҳусом-уд-давлати ва-д-дин, нусрат-ул-исломи ва-л-муслимин, қомиъ-ул-кафарати ва-л-мушрикин, қоҳир-уз-занодиқати ва-л-мутамарридин, умдат-ул-ҷуюши фи-л-ъоламин, ифтихор-ул-мулуки ва-с-салотин, заҳир-ул-айём, муҷир-ул-аном, азуд-ул-хилофат, ҷамол-ул-миллат, ҷалол-ул-уммат, низом-ул-ъараби ва-л-аҷам, асил-ул-олам, шамс-ул-маолӣ, малик-ул-умаро Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд[4],

---

[1] авду маод – бозгаштану бозгаштгоҳ. Мурод охират аст.

[2] малоикаи каррубӣ – фариштагони хосса ва муқарраб

[3] кавну фасод – ба вуҷуд омадану хароб гардидан. Манзур ин дунё ва олами табиат аст, ки дар ҳама падид омадан ва нобуд шудан ҳатмист.

[4] Яъне: Муваффақи зафарманди пирӯз, шамшери давлату дин, мояи пирӯзии ислому муслимин, азбайнбарандаи кофирону мушрикон, мағлубгари бединону саркашон, такягоҳи лашкариён дар (баробари тоғиён) ҷаҳон, ифтихори подшоҳону фармонравоён, мададгор (дар мушкилоти) рӯзгорон, фарёдраси мардумон, бозуву ёвари хилофат, зинати миллату шукӯҳи уммат, мояи назму тартиби арабу аҷам, покгуҳари олам, шамсулмаолӣ, маликулумаро Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд. Манзур аз «Ҳусом-уд-давлати ва-д-дин» ва «Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд» – мамдуҳи муаллиф аст, ки ин китобро ба номи ӯ кардааст. Ҳусомуддин, ки гоҳе бо лақаби «Ҳусомуддавла» низ ёд мегардад,

насиру амирилмуъминин[1], ки зиндагонияш ба коми ӯ бод ва бештар аз олам ба номи ӯ бод ва низоми зуррияти Одам ба эҳтимоми ӯ бод, ки имрӯз афзали подшоҳони вақт аст ба аслу насаб ва рою тадбир ва адлу инсоф ва шуҷоату саховат ва перостани мулку оростани вилоят ва парвардани дӯсту қаҳр кардани[2] душман ва бардоштани лашкару[3] нигоҳ доштани раият ва амн доштани масолику[4] сокин доштани мамолик ба ройи росту хиради равшан ва азми қавиву ҳазми[5] дуруст, ки силсилаи Оли Шансаб[6] ба ҷамоли ӯ муназзаду[7] муназзам аст ва бозуи давлати он хонадон ба камоли ӯ муайяду мусаллам аст, ки Борӣ таъоло ӯро бо мулуки он хонадон аз мулку милк[8] ва тахту бахт ва кому ном ва амру наҳй бархурдорӣ диҳод, биманниҳи ва амими фазлиҳи[9].

---

писари Фахриддин Масъуд ибни Иззуддин Ҳусайн ва бародари Шамсуддин Муҳаммади Малик-ул-ҷибол, аз шоҳзодагони подшоҳони Ғӯрӣ аст. Падараш нахустин подшоҳи Ғӯрии Бомиён буд. Муаллиф дар чанд маврид, илова бар мамдуҳ, аз дигар афроди ин хонадон низ бо эҳтиром ёд кардааст.

[1] насиру амирилмуъминин – ёригари амирулмуъминин. Мурод ёригари халифаи вақт хондан аст, ки бо таъбири «ихтиёри амирулмуъминин» (ниг. саҳ.78) «қасими амирулмуъминин» (ниг. саҳ.134) низ назири ин матлаб баён гардидааст.

[2] қаҳр кардан – мағлуб намудан, шикаст додан, дур сохтан

[3] бардоштани лашкар – сипоҳро ҷое бурдан, лашкаркашӣ

[4] масолик – роҳҳо

[5] ҳазм – тасмим

[6] Оли Шансаб – хонадоне, ки дар вилояти Ғӯр (минтақае кӯҳистонӣ дар Афғонистон, дар ҷануби Ғазнин) фармонравоӣ доштанд. Бо интисоб ба ҷадди бузурги хеш Шансаб, ки дар асри саҳоба мезист, чунин нисбат ёфтаанд. Ин хонадон ду тоифа буданд. Яке дар худи Ғӯр ҳукумат доштанд ва мақарри онон Фирӯзкӯҳ буд ва дигаре дар Тахористон (қисмати шимолии Ғӯр) ҳоким будаанд, ки Бомиён тахтгоҳи эшон даниста шудааст. Тоифаи аввал ба «Ғӯрияи Шансабия» маъруф аст ва нахустин амири онон Алоуддин Ҳусайн ибни Сом мебошад. Тоифаи дувум «Ғӯрияи Бомиён» хонда мешавад ва фармонравои он Фахриддин Масъуд ибни Иззуддин Ҳусайн аст. Ғӯрия аз соли 545 то 609/1150 то 1213 фармонравоӣ намуданд ва ниҳоят аз ҷониби Хоразмшоҳиён инқироз ёфтанд.

[7] муназзад – мураттаб ва дурустнизом

[8] милк – доройӣ; он чи дар тасарруфи касе бошад

[9] Яъне: Бо инъому навозиш ва фазли густурдаву бедареғи хеш

## Фасл

Расме қадим асту аҳде баъид[1], то ин расм маъҳуду маслук[2] аст, ки муаллифу мусанниф дар ташбиби[3] сухан ва дебочаи китоб тарафе аз санои махдум ва шаммате[4] аз дуои мамдуҳ изҳор кунад, аммо мани бандаи мухлис дар ин китоб ба ҷои мадҳу санои ин подшоҳ, изкори[5] инъоме хоҳам кардан, ки Борӣ, таъоло ва тақаддас[6], дар ҳаққи ин подшоҳ ва подшоҳзода фармуда аст ва ба арзонӣ дошта, то бар ройи ҷаҳонорои ӯ арза афтад ва ба шукри ин инъом машғул гардад, ки дар китоби номахлуқ ва каломи ноофарида[7] мефармояд – *«Лаин шакартум лаазиданнакум»*[8], ки шукри банда кимиёи инъоми Худовандгори мунъим аст.

Филҷумла[9], ин подшоҳи бузург ва худованди азимро мебибояд донист, ки имрӯза бар соҳираи[10] ин кураи ағбар[11] ва дар доираи ин чатри ахзар[12] ҳеҷ подшоҳе мураффаҳтар[13] аз ин худованд нест ва ҳеҷ бузурге бархурдортар аз ин малик нест: мавҳибати ҷавонӣ ҳосил аст ва неъмати тандурустӣ барқарор, падару модар зинда, бародарони мувофиқ бар ямину ясор[14]. Чӣ гуна падаре чун худованд – малики муаззами муайяди музаффари мансур, Фахр-уд-давлати ва-д-

---

[1] аҳде баъид – паймон ва қарордоде ниҳоят бузург

[2] маъҳуду маслук – маъмулу ҷорӣ

[3] ташбиб – сароғоз, муқаддима

[4] шаммат – миқдоре, андаке

[5] изкор – ёдоварӣ

[6] таъоло ва тақаддас – бартар ва муназзаҳ аст.

[7] китоби номахлуқ ва каломи ноофарида – мурод Қуръони маҷид аст.

[8] Яъне: Агар шукр оваред, ҳатман (неъматамро) ба шумо меафзоям (сураи Иброҳим, ояти 7).

[9] филҷумла – хулосаи калом

[10] соҳира – рӯи замин

[11] кураи ағбар – мурод замин аст.

[12] чатри ахзар – манзур осмон аст.

[13] мураффаҳтар – осудаҳолтар, бороҳаттар, бархурдортар

[14] ямину ясор – росту чап, ҳарду канор

дин, хусрави Эрон[1], Малик-ул-ҷибол[2], атолаллоҳу бақоаҳу ва адома ила-л-маолӣ иртиқоаҳу[3], ки аъзами подшоҳони вақт аст ва афзали шаҳриёрони аср ва ба ройу тадбир ва илму ҳилм ва теғу бозу ва ганҷу хазина, бо даҳ ҳазор марди синондору инондор хештанро дар пеши фарзандон сипар карда, то боди сабо шӯрида бар яке аз бандагон навазад.

Ва дар ситри рафеъу[4] хидри манеъ[5], адомаллоҳу рифъатаҳо[6], доияе[7], ки ҳар «Ё Раб», ки ӯ дар самими[8] саҳаргоҳӣ бар даргоҳи илоҳӣ кунад, ба лашкаре ҷаррор[9] ва сипоҳе каррор[10] кор кунад.

Ва бародаре чун худованду худовандзода Шамс-уд-давлати ва-д-дин, зиёъ-ул-исломи ва-л-муслимин[11], азза насруҳу[12], ки дар хидмати ин худованд[13], адомаллоҳу

---

[1] малики муаззами муайяди музаффари мансур, Фахр-уд-давлати ва-д-дин, хусрави Эрон – мурод Фахриддин Масъуд аст, ки аввалин подшоҳ аз Ғӯрияи Бомиён буд. Ӯ падари мамдуҳи муаллиф – Ҳусомуддини Ғӯрӣ ва бародари Алоуддини Ғӯрӣ мебошад. Соли вафоташ дақиқ нест, аммо тибқи осори таърихӣ то соли 558/1163 дар қайди ҳаёт будааст.

[2] Малик-ул-ҷибол – лақаби умумии подшоҳони Ғӯр аст.

[3] Яъне: Худованд poяндагиашро фузунӣ бахшад ва бар сарфарозиаш сӯи бузургиҳо давомат арзонӣ фармояд.

[4] ситри рафеъ – пардаи афроштаву арҷманд

[5] хидри манеъ – саропардаи боиззату баландмақом

[6] Яъне: Худованд арҷмандияшро бардавом дорад.

[7] доия – сурати муаннаси «доӣ», яъне зани дуогӯй. Мурод аз ин таъбир ва ибороти қаблӣ модари мамдуҳ мебошад.

[8] самим – миёна; авҷ ва дили ҳар чиз

[9] ҷаррор – кашанда. Лашкари ҷарор – сипоҳе, ки аз афзунии афзору асбоби ҷангӣ ва анбӯҳии савораву сарбозон бо вазнинӣ меравад, мисли ин ки худро бо сахтӣ мекашад.

[10] каррор – хурӯшанда, ҳуҷумовар, ҳамлавар

[11] Шамс-уд-давлати ва-д-дин, зиёъ-ул-исломи ва-л-муслимин – мурод Шамсуддин Муҳаммад, бародари мамдуҳи муаллиф ва писари Фахриддин Масъуд аст. Мавсуф дувумин подшоҳи Ғӯрияи Бомиён аст. Мувофиқи маълумоти манобеъ то 586/1190 дар ҳаёт будааст.

[12] Яъне: Пирӯзиаш сутуда бод.

[13] ин худованд – мурод Шамсуддавла, ки ҳамеша ёригари бародараш Ҳусомуддин – мамдуҳи аслӣ буд ва Ҳусомуддин низ ҳамеша аз ӯ ба хубӣ қадршиносӣ менамуд.

улувваҳу[1], ба ғояту ниҳоят ҳамерасад. Ва-л-ҳамду лиллоҳ, ки ин худованд дар мукофоту муҷозот ҳеҷ боқӣ намегузорад, балки ҷаҳони равшан ба рӯи ӯ ҳамебинад ва умри ширин ба ҷамоли ӯ ҳамегузорад.

Ва неъмати бузургтар он ки мунъими баркамолу мукрими безавол[2] ӯро амме[3] ба арзонӣ доштааст чун худованди олам, султони машриқ, Ало-уд-дунё ва-д-дин Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн[4], ихтиёри амирулмуъминин, адомаллоҳу умраҳу ва халлада мулкаҳу[5], бо панҷоҳ ҳазор марди оҳанпӯши сахткӯш, ки ҷумлаи лашкарҳои оламро бозмолид ва куллии мулуки асрро дар гӯша нишонид.

Эзад, таборак ва таъоло, ҷумларо ба якдигар арзонӣ дорад ва аз якдигар бархурдорӣ диҳад ва оламро аз осори эшон пуранвор кунод, биманниҳи ва ҷудиҳи ва карамиҳи[6].

## Оғози китоб

Бандаи мухлису ходими мутахассис[7] Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ ан-Низомӣ ал-Арӯзӣ ас-Самарқандӣ, ки чиҳилу панҷ сол аст, то ба хидмати ин хонадон мавсум аст ва ба рақами бандагии ин давлат марқум, хост, ки маҷлиси аълои подшоҳӣ, аълоҳуллоҳуро[8], хидмате созад бар қонуни

---

[1] Яъне: Худованд баландмақомии ӯро бардавом дорад.

[2] мунъими баркамолу мукрими безавол – неъматдиҳандаи бартарин ва хубибахши ҳамешагин. Манзур Худованд аст.

[3] ам(м) – аму, амак

[4] Ало-уд-дунё ва-д-дин Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн – мурод бародари Фахриддин Масъуд, амуи мамдуҳи аслӣ Алоуддин Ҳусайн мебошад. Ҳамин султон аст, ки Баҳромшоҳи Ғазнавиро дар Ғазнин шикаст дод ва бо ин набард давлати Ғӯриёнро устувории хосса бахшид. Ба сабабе, ки Ғазнинро ҳафт шабонарӯз ба оташ кашид, «Ҷаҳонсӯз» лақаб ёфт. Нахустин подшоҳи Ғӯрии Фирӯзкӯҳ аст. Салтанаташ байни солҳои 545-556/1150-1161 будааст.

[5] Яъне: Худованд умрашро дарозиву мулкашро ҷовидонагӣ бахшад.

[6] Яъне: Бо навохту ҷуду карами хеш.

[7] мутахассис – ихтисос дошта, махсус

[8] Яъне: Худованд онро иззатманд дорад.

ҳикмат, ороста ба ҳуҷаҷи қотеъа[1] ва бароҳини сотеъа[2] ва андар ӯ бознамояд, ки подшоҳӣ худ чист ва подшоҳ кист ва ин ташриф аз куҷост ва ин талтиф[3] мар кирост ва ин сипос бар чӣ ваҷҳ бояд доштан ва ин миннат аз чӣ рӯй бояд қабул кардан, то сонии сайиди вулди Одам ва солиси Офаридгори олам[4] бувад. Чунонки дар китоби муҳкам ва каломи қадим[5] лаолии ин се исми[6] мутаолиро[7] дар як силки назм қарор додааст ва дар як симт[8] ҷилва карда. Қавлуҳу азза ва ҷалла: «*Атиъуллоҳа ва атиъ-ур-расула ва ули-л-амри минкум»[9],* ки дар мадориҷи мавҷудот[10] ва маъориҷи[11] маъқулот[12] баъд аз нубувват, ки ғояти мартабаи инсон аст, ҳеҷ мартабае варои[13] подшоҳӣ нест ва он ҷуз атияти[14] илоҳӣ нест.

Эзад, азза ва ало, подшоҳи вақтро ин манзалат каромат кардааст ва ин мартаба воҷиб дошта, то бар сунани мулуки мозия[15] ҳамеравад ва раоёро[16] бар қарори қуруни холия[17] ҳамедорад.

[1] ҳуҷаҷи қотеъа – далелҳои раднопазир ва қатъӣ

[2] бароҳини сотеъа – бурҳонҳои равшану возеҳ

[3] талтиф – меҳрубонӣ, мавриди лутфу навозиш қарор додан

[4] сайиди вулди Одам ва солиси Офаридгори олам – сонӣ – дувумӣ; сайиди вулди Одам – мурод Пайғамбар (с); солис – сеюм. Ин ҷумла ба ояти 59-уми сураи Нисо ишора дорад, ки дар он подшоҳ – «ули-л-амр» аз Пайғамбар (с) – «ар-расул» як зина поёнтар ва аз Худованд – «Аллоҳ» ду зина фурӯтар зикр ёфтааст. Аз ҳамин сабаб, подшоҳ нисбати ба Пайғамбар – «сонии сайди вулди Одам» ва нисбат ба Худованд – «солиси Офаридгор» навишта шудааст.

[5] китоби муҳкам ва каломи қадим – мурод Қуръони маҷид аст.

[6] ин се исм – мурод Худованду Расулу подшоҳ аст.

[7] мутаолӣ – арҷманд, баландмақом, бартар

[8] симт – риштае, ки дар он марворид ё ашёи дигарро муназзам мекашанд.

[9] Яъне: Сухани Ӯ, ки гиромӣ ва баландмартаба аст : «Худованд ва Пайғамбар ва соҳибамрони худро итоат намоед» (сураи Нисо, ояти 59).

[10] мадориҷ – зинаҳо, дараҷаҳо

[11] маъориҷ – нардбонҳо, пилаҳо

[12] маъқулот – махлуқоти номахсус ва ғайриоддӣ

[13] варо – пас аз, бартар аз, ғайр аз

[14] атият – бахшиш

[15] мозия – гузашта, пешина

[16] раоё – мардумон

[17] қуруни холия – рӯзгорони гузашта

## Фасл

Ройи олӣ[1], аълоҳуллоҳу[2], бифармояд донистан, ки мавҷудоте, ки ҳастанд аз ду берун нест: ё мавҷуде аст, ки вуҷуди ӯ ба худ аст ё мавҷуде, ки вуҷуди ӯ ба ғайр аст. Он мавҷудро, ки вуҷуди ӯ ба худ аст, «воҷиб-ул-вуҷуд»[3] хонанд ва он Борӣ, таъоло ва тақаддас аст, ки ба худ мавҷуд аст, пас ҳамеша будааст. Зеро, ки мунтазири ғайре набувад ва ҳамеша бошад, ки қоим ба худ аст, ба ғайр не. Ва он мавҷудро, ки вуҷуди ӯ ба ғайр аст, «мумкин-ул-вуҷуд» хонанд. Ва мумкин-ул-вуҷуд чунон бувад, ки моем, ки вуҷуди мо аз манӣ аст ва вуҷуди манӣ аз хун аст ва вуҷуди хун аз ғизо ва вуҷуди ғизо аз обу замину офтоб аст ва вуҷуди эшон аз чизе дигар. Ва ин ҳама онанд, ки дӣ набуданд ва фардо нахоҳанд буд ва чун ба истиқсо[4] тааммул карда ояд, ин силсилаи асбоб бикашад то сабабе, ки ӯро вуҷуд аз ғайре набувад ва вуҷуди ӯ бад-ӯ воҷиб аст, пас офаридгори ин ҳама Ӯст ва ҳама аз Ӯ дар вуҷуд омада ва бад-ӯ қоиманд. Ва чун дар ин мақом андак тафаккур карда ояд, худ равшан шавад, ки куллии мавҷудот ҳастиеанд ба нестӣ чошнӣ дода ва Ӯ ҳастӣ аст ба давоми азал ва абад ороста. Ва чун асли махлуқот нестӣ аст, раво бувад, ки боз нест шаванд. Ва тезбинони зумраи инсонӣ гуфтаанд, ки *«Куллу шайъин йарҷиъу ило аслиҳи»*[5]– ҳар чизе ба асли хеш боз шавад, хосса дар оламӣ кавну фасод.

Пас, мо, ки мумкин-ул-вуҷудем, асли мо нестӣ аст ва Ӯ, ки воҷиб-ул-вуҷуд аст, айни Ӯ ҳастӣ аст ва ҳам Ӯ, ҷалла саноуҳу ва рафаъа синоуҳу[6], дар каломи мубин ва ҳабли

---

[1] ройи олӣ – андешаи баланду оли(и подшоҳ)

[2] Яъне: Худованд онро оливу арҷманд дорад.

[3] воҷиб-ул-вуҷуд – зоте, ки вуҷуди ӯ ба ҳастии худаш марбут мебошад ва ба чизе рабту ниёз надорад. Мурод Худованд аст.

[4] ба истиқсо – бо диққат, бо таваҷҷуҳи комил

[5] Яъне: Ҳамаи чизҳо ба асли худ бозмегардад.

[6] Яъне: Санои ӯ шукӯҳманд ва бартариаш воло бод.

матин[1] мефармояд: *«Куллу шайъин ҳоликун илло ваҷҳаҳу»*[2].

Аммо бибояд донист, ки ин оламро, ки дар хилоли фалаки Қамар аст ва дар доираи ин кураи аввал, ӯро «олами кавну фасод» хонанд. Ва чунон тасаввур бояд кард, ки дар муқаъъари[3] фалаки Қамар оташ аст ва фалаки Қамар гирди ӯ даромада ва дар даруни кураи оташ ҳавост, оташ гирди ӯ даромада ва дар даруни ҳаво об аст, ҳаво гирди ӯ даромада ва даруни об хок аст, об гирди ӯ даромада ва дар миёни замин нуқтаест мавҳум[4], ки ҳар хатте, ки аз ӯ ба фалаки Қамар равад, ҳама баробари якдигар бошанд. Ва ҳар куҷо мо «фуруд» гӯем, он нуқтаро хоҳем, ё он чи бад-ӯ наздиктар аст ва ҳар куҷо «забар» гӯем, аз ӯ фалаки ақсоро[5] хоҳем, ё он чи бад-ӯ наздиктар аст. Ва он фалаке аст забари фалак-ул-буруҷ[6] ва аз он сӯи ӯ ҳеҷ нест ва олами ҷисмонӣ бад-ӯ мутаноҳӣ шавад, яъне сипарӣ гардад.

Аммо Аллоҳ, таборак ва таъоло, ба ҳикмати болиға чун хост, ки дар ин олам маодину наботу ҳайвон падид орад, ситорагонро биёфарид, хосса мар Офтобу Моҳро ва кавну фасоди инҳо ба ҳаракоти эшон боз баст. Ва хосияти Офтоб он аст, ки чизҳоро ба акс[7] гарм кунад, чун баробар[8] бошад ва ба миёнҷии[9] гармӣ баркашад, яъне ҷазб кунад. Обро ба баробарӣ гарм мекард ва ба тавассути гармӣ, ҷазб ба муд-

---

[1] каломи мубин ва ҳабли матин – мурод Қуръони маҷид аст.

[2] Яъне: Ҳама чиз ҷуз зоти Ӯ нобудшаванда аст (сураи Қасас, ояти 88).

[3] муқаъъар – фурӯрафтагӣ

[4] мавҳум – он чӣ танҳо дар тасаввур аст, хаёлӣ, ғайривоқеӣ

[5] ақсо – дуртарин

[6] фалак-ул-буруҷ – фалаки ҳаштум, ки сувари фалакии Ҳамал, Савр, Ҷавзо ва ғайра бар он қарор дорад. Қисмате аз онро, ки бурҷҳои дувоздаҳгона ба тартиб дар он ҷой мегиранд, «минтақат-ул-буруҷ» мегӯянд. Пас аз фалаки Зуҳал ва пеш аз фалак-ул-афлок аст (Луғатнома, ҷ.10, саҳ.15182).

[7] акс – тобиш, партав

[8] баробар – рӯ ба рӯ

[9] миёнҷӣ – восита, сабаб

дате дароз, то заминро як рубъ[1] бараҳна шуд, ба сабаби бисёрии бухоре, ки аз ин рубъ соъид гашт[2] ва ба боло рафт. Ва табъи об он аст, ки раво бувад, ки санг шавад, чунонки ба баъзе ҷойҳо маъҳуд[3] аст ва ба раъюлайн[4] дида мешавад. Пас, кӯҳҳо падидор омад аз об ба тобиши офтоб ва замин аз он чи буд, дар бун порае баландтар шуд ва об аз ӯ фурӯ давид ва хушк шуд, бар ин мисол, ки дида меояд. Пас, инро «рубъи макшуф»[5] хонанд бад-ин сабаб ва «рубъи маскун»[6] хонанд бад-он, ки ҳайвонотро бар вай маскан аст.

## Фасл

Чун осори ин кавокиб дар ақтори ин аносир таъсир кард ва аз он нуқтаи мавҳум мунъакис гашт, аз миёни хоку об ба маъунати[7] боду оташ ин ҷамодот падид омад, чун кӯҳҳову конҳо ва абру барфу борон ва раъду барқ ва кавокиби мунқазза[8] ва зу-з-зуоба[9] ва наёзик[10] ва исий(й)[11] ва ҳола[12]ва ҳариқ[13] ва соиқа[14] ва залзала ва уюни гуногун, чунонки дар «Осори улвӣ»[15] инро шарҳе ба мақоми худ дода

[1] рубъ – чоряк
[2] соъид гашт – боло рафт
[3] маъҳуд – маълум, маъмул
[4] раъюлайн – дидан бо чашми сар
[5] макшуф – боз, кушода, беруномада (аз об)
[6] маскун – қобили сукунат
[7] маъунат – кӯмак, ёрӣ
[8] кавокиби мунқазза – ситорагони фурӯафтанда, шиҳоб
[9] зу-з-зуоба – думболадор
[10] наёзик – сурати ҷамъи арабии калимаи «найза». Ҳолате аз ситораҳо, ки ба сурати найзаҳо мушоҳида мешаванд.
[11] исий(й) – сурати ҷамъи «асо» (чӯбдастҳо). Мурод навъе аз ситораҳои думболадор аст.
[12] ҳола – ҳалқа ва доирае, ки дар атрофи моҳ мушоҳида мегардад.
[13] ҳариқ – оташсӯзӣ, сӯхтор
[14] соиқа – садои ҳавлноки осмонӣ; балои осмонӣ
[15] «Осори улвӣ» – исми китоби Абӯҳотам Музаффар ибни Исмоили Исфизорӣ, ки аз муосирони Хайёмии Нишопурӣ будааст. Дар китоб ба ҳодисаҳое, ки дар ҳаво падид меояд, чун раъд, барқ, борон, барф ва аҷоиботе, ки дар замин рух медиҳад, ба мисли ҷӯшидани чашмаҳо, равон шудани рӯдҳо, кӯҳҳо ё он чи аз

шудааст ва дар ин мухтасар на ҷои шарҳу басти он бувад.

Аммо чун рӯзгор баромад ва адвори фалак мутавотир гашт ва мизоҷи олами суфлӣ[1] назҷе[2] ёфт ва навбати инфиол[3] бад-он фурҷае[4] расид, ки миёни обу ҳаво буд, зуҳури олами набот буд.

Пас, ин ҷавҳаре, ки набот аз ӯ зоҳир гашт, Эзад, табарак ва таъоло, ӯро чаҳор ходим офарид ва се қувват. Аз ин чаҳор ходим, яке он аст, ки ҳар чи шоистаи ӯ бувад, бад-ӯ мекашад ва ӯро «ҷозиба»[5] хонанд. Ва дувум он, ки ҳар чи ҷозиба ҷазб карда бошад, ин нигоҳ медорад ва ӯро «мосика»[6] хонанд. Ва савум он, ки он маҷзубро ҳазм кунад ва аз ҳолати хеш бигардонад, то монандаи ӯ шавад ва ӯро «ҳозима»[7] хонанд. Ва чаҳорум он, ки он чи ношоиста бувад, дафъ кунад ва ӯро «дофиа»[8] хонанд.

Аммо аз ин се қуввати ӯ яке қуввате аст, ки ӯро афзун кунад, бад-он ки гизо дар ӯ бигустаронад, густаронидани мутаносибу мутасовӣ[9]. Ва дувум қуввате аст, ки бадрақаи[10] ин ғизо бувад, то ба атроф мерасад. Ва қуввати савум он аст, ки чун ба камол расад ва хоҳад, ки рӯй дар нуқсон ниҳад, ин қувват падидор ояд ва тухм диҳад, то агар ӯро дар ин олам фаное бошад, он бадали ноиби ӯ шавад, то

---

замин берун мекашанд, монанди кону маъданҳо ва ғайра баҳс сурат гирифтааст. Ин китоб шояд нахустин таълифи форсӣ дар ин мавзӯъ бошад.

[1] олами суфлӣ – ҷаҳони зерин ва поёнӣ

[2] назҷ –пухтагӣ

[3] инфиол – асару ҳолате, ки гӯё аз фоил дар мунфаил ҳосил мешавад. Мисли гарм шудани об бар асари гармии оташ ва амсоли ин.

[4] фурҷа – фосила

[5] ҷозиба – ҷазбкунанда

[6] мосика – нигаҳдоранда

[7] ҳозима – тағйирдиҳанда

[8] дофиа – дуркунанда

[9] мутасовӣ – бо ҳам баробар

[10] бадрақа – роҳнамо

низоми олам аз ихтилол[1] масун[2] бошад ва навъ мунқатеъ нашавад ва ӯро «қуввати муваллида»[3] хонанд.

Пас, ин олам аз олами ҷамод зиёдат омад ба чандин маъонӣ, ки ёд карда шуд.

Ва ҳикмати болиғаи Офаридгор чунон иқтизо кард, ки ин оламҳо ба якдигар пайваста бошанд, мутародифу мутаволӣ, то дар олами ҷамод, ки аввалчизе гил буд, тараққӣ ҳамекард ва шарифтар ҳамешуд, то ба марҷон расид, аъни[4] буссад[5], ки охирини олами ҷамод буд, пайваста ба аввалин чизе аз олами набот. Ва аввали олами набот хор буд ва охирин хурмо ва ангур, ки ташаббуҳ[6] карданд ба олами ҳайвон. Ин фаҳл хост[7], то бор оварад ва он[8] аз душман бигурехт, ки токи раз[9] аз ашақа бигурезад. Ва он гиёҳе аст, ки чун бар токи раз печад, разро хушк кунад. Пас, ток аз ӯ бигурезад.

Пас, дар олами набот ҳеҷ шарифтар аз току нахл наёмад, бад-ин иллат, ки ба фавқи хеш ташаббуҳ карданд ва қадами лутф аз доираи олами хеш берун ниҳоданд ва ба ҷониби ашраф[10] тараққӣ карданд.

## Фасл

Аммо чун ин олам камол ёфт ва асари обои олами улвӣ[11] дар уммаҳоти олами суфлӣ[12] таъсир кард ва навбат ба фурҷаи

[1] ихтилол – халалёбӣ, парешонӣ ёфтан

[2] масун – эмин, ҳифзшаванда

[3] муваллида – таваллудсозанда, зоянда

[4] аъни – яъне

[5] буссад – марҷон

[6] ташаббуҳ – худро монанди дигаре кардан, монанд шудан

[7] ин фаҳл хост – яъне, дарахти хурмо нарина хост

[8] он – ишора ба дарахти ангур

[9] раз – дарахти ангур

[10] ашраф – шарифтар, гиромитар

[11] обои олами улвӣ – обо, яъне падарон; улвӣ, яъне баландӣ, осмонӣ. Мурод нӯҳ фалак ё сайёрагони ҳафтгона – Моҳ, Уторид, Зӯҳра, Офтоб, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал мебошад.

[12] уммаҳоти олами суфлӣ – уммаҳот, яъне модарон; суфлӣ, яъне поёнӣ.

ҳавову оташ расид, фарзанд латифтар омад ва зуҳури олами ҳайвон буд ва он қувват, ки набот дошт, бо худ овард ва ду қувват ӯро дарафзуд: яке қуввати андарёфт, ки ӯро «мудрика»[1] хонанд, ки ҳайвон чизҳоро бад-ӯ андар ёбад ва дувум қуввати ҷунбонанда, ки ба таъйиди ӯ ҳайвон биҷунбад ва бад-он чи мулоими[2] ӯст, майл кунад ва аз он чи мунофири[3] ӯст, бигурезад ва ӯро «қуввати муҳаррика»[4] хонанд.

Аммо қуввати мудрика, ки муншаъаб[5] шавад ба даҳ шох: панҷро аз ӯ «ҳавосси зоҳир» хонанд ва панҷро аз ӯ «ҳавосси ботин». Ҳавосси зоҳир чун ламсу завқу басару самъу шам(м).

Аммо қуввати ламс – қуввате аст, ки пароканда дар пӯсту гушти ҳайвон, то чизе, ки мамосси[6] ӯ шавад, аъсоб идрок кунад ва андар ёбад, чун хушкиву тариву гармӣ ва сардиву сахтӣ ва нармиву дуруштӣ ва нагзӣ[7].

Аммо завқ – қуввате аст тартибкарда дар он асаб, ки густурдааст бар рӯи забон, ки таомҳои мутаҳаллилро[8] дарёбад аз он аҷром, ки мамос(с) шаванд бо ӯ ва ӯ ҷудо кунад миёни ширину талх ва тезу турш ва амсоли он.

Аммо самъ – қуввате аст тартибкарда дар асаби мутафарриқ[9], ки дар сатҳи сумох[10] аст, дарёбад он савтеро, ки мутааддӣ[11] шавад бад-ӯ аз тамаввуҷи[12] ҳавое, ки афсурда-

Манзур аз модарони поёнӣ унсурҳои чаҳоргона – об, оташ, хок ва бод мебошанд.

[1] мудрика – дарккунанда, ёбанда
[2] мулоим – мувофиқ, мутаносиб
[3] мунофир – нохушоянд, он чи сабаби нафрат ва норoҳатӣ мегардад.
[4] муҳаррика – ба ҳаракат дароваранда
[5] муншаъаб – тақсим, ҷудо
[6] мамос(с) – соидашаванда, тамоспазиранда
[7] нағзӣ – нармӣ
[8] мутаҳаллил – ҳалшаванда
[9] мутафарриқ – пароканда
[10] сумох – пардаи гӯш
[11] мутааддӣ – расанда, восилшаванда
[12] тамаввуҷ – мавҷ задан

шуда бошад миёни мутақориъайн[1], яъне ду ҷисми бар ҳам кӯфта, ки аз ҳамкӯфтани эшон ҳаво мавҷ занад ва иллати овоз шавад, то таъдия кунад ҳавоеро, ки истодааст андар таҷвифи сумох ва мамосси ӯ шавад ва бад-он асаб пайвандад ва бишнавад.

Аммо басар – қуввате аст тартибкарда дар асабаи муҷаввафа[2], ки дарёбад он суратеро, ки мунтабеъ[3] шавад дар рутубати ҷалидӣ[4] аз ашбоҳ[5] ва аҷсоми мулавван[6], ба миёнҷии ҷисме шаффоф, ки истода бувад аз ӯ то сутуҳи аҷсоми сақила[7].

Аммо шам(м) – қуввате аст тартибкарда дар он зиёдатӣ, ки аз муқаддами димоғ берун омадааст, монандаи сари пистони занон, ки дарёбад он чи таъдия кунад бад-ӯ ҳавои мустаншиқ[8] аз бӯе, ки омехта бошад бо бухоре, ки бод ҳамеорад ё мунтабеъ шуда бошад дар ӯ ба истиҳолат[9] аз ҷирми бӯдоре.

### Фасл

Аммо ҳавосси ботин, баъзе онанд, ки сувари маҳсусотро дарёбанд ва баъзе онанд, ки маонии маҳсусотро дарёбанд.

Аввал – ҳисси муштарак аст ва ӯ қуввате аст тартибкарда дар таҷвифи аввал аз димоғ, ки қобил[10] аст ба зоти хеш мар ҷумлаи суратҳоро, ки ҳавосси зоҳир қабул карда бошанд ва дар эшон мунтабеъ шуда, ки бад-ӯ таъдия ку-

[1] мутақориъайн – ду чизи ба ҳам кӯбидашаванда
[2] муҷаввафа – дарунхолӣ, миёнтиҳӣ, дарунрафта
[3] мунтабеъ – инъикосёбанда, нақшбанданда
[4] ҷалидӣ – мурод мардумаки чашм, ё қисмате шаффофу куравишакл дар чашм, ки паси мардумаки чашм қарор дорад.
[5] ашбоҳ – аҷсом, қолабҳо
[6] мулавван – ранғоранг
[7] сақила – ҷилодиҳанда, равшан
[8] мустаншиқ – (ба бинӣ) кашидашаванда
[9] истиҳолат – дигаргунӣ ва тағйир ёфтан
[10] қобил – пазиранда

нанд. Ва маҳсус он гоҳ маҳсус шавад, ки ӯ қабул кунад.

Дувум – хаёл аст ва ӯ қуввате аст, тартибкарда дар охири таҷвифи муқаддами димоғ, ки он чи ҳисси муштарак аз ҳавосси зоҳир қабул карда бошад, ӯ нигоҳ дорад ва бимонад дар ӯ баъди гайби маҳсусот.

Савум – қуввати мутахайила[1] аст ва чун ӯро бо нафси ҳайвонӣ ёд кунанд, «мутахайила» гӯянд ва чун бо нафси инсонӣ ёд кунанд, «мутафаккира» хонанд. Ва ӯ қуввате аст тартибкарда дар таҷвифи авсат[2] аз димог ва кори ӯ он аст, ки он ҷузъиётро, ки дар хаёл аст бо якдигар таркиб кунад ва аз якдигар ҷудо кунад ба ихтиёри андеша.

Чаҳорум – қуввати ваҳм аст ва ӯ қуввате аст тартибкарда дар ниҳояти таҷвифи авсати димоғ ва кори ӯ он аст, ки дарёбад маонии номаҳсусро, ки мавҷуд бошад дар маҳсусоти ҷузъӣ, чун он қуввате, ки бузғола фарқ кунад миёни модари хешу гург ва кӯдак фарқ кунад миёни расани песаву[3]мор.

Панҷум – қуввати ҳофиза аст ва «зокира» низ хонанд. Ва ӯ қувватест тартибкарда дар таҷвифи охир аз димоғ. Он чи қуввати ваҳмӣ дарёбад аз маонии номаҳсус, ӯ ниғоҳ дорад ва нисбати ӯ ба қуввати ваҳм, ҳамон нисбат аст, ки нисбати қуввати хаёл аст ба ҳисси муштарак. Аммо он суратро нигоҳ дорад ва ин маониро.

Аммо ин ҳама ходимони нафси ҳайвониянд ва ӯ ҷавҳаре аст, ки манбаи ӯ дил аст. Чун дар дил амал кунад, ӯро «руҳи ҳайвонӣ» хонанд ва чун дар димоғ амал кунад, ӯро «руҳи нафсонӣ» хонанд ва чун дар ҷигар амал кунад, ӯро «руҳи табиӣ» хонанд. Ва ӯ бухоре латиф аст, ки аз хун

---

[1] мутахайила – нерӯе, ки сабаби пайдоиши тахайюл мегардад, қувваи тахайюл

[2] авсат – миёна, байн

[3] расани песа – таноб ва арғамчини сиёҳу сапеди ба ҳам тобида

хезад ва дар аълои шаройин[1] сараён[2] кунад ва дар равшанӣ монанди офтоб бувад. Ва ҳар ҳайвоне, ки ин ду қувват – мудрика ва муҳаррика дорад ва он даҳ[3], ки аз эшон мунша-ъаб шудааст, ӯро ҳайвони комил хонанд ва ҳар чи кам до-рад, ноқис бувад. Чунонки мӯр, ки чашм надорад ва море, ки гӯш надорад ва ӯро мори кар хонанд.

Аммо ҳеҷ ноқистар аз харотин нест ва ӯ кирме аст сурх, ки андар гили ҷӯй бувад ва ӯро «гилхора» хонанд ва ба Мовароуннаҳр «зағоркирма» хонанд. Аввали ҳайвон ӯст ва охир наснос ва ӯ ҳайвоне аст, ки дар биёбони Туркистон бошад, мунтасабулқомат алифийюлқад(д), аризулазфор[4] ва одамиро азим дӯст дорад. Ҳар куҷо одамиро бинад, бар сари роҳ ояд ва дар эшон наззора ҳамекунад ва чун яго-на аз одамӣ бинад, бибарад ва аз ӯ, гӯянд, тухм гирад. Пас, баъди инсон аз ҳайвон ӯ шарифтар аст, ки ба чандин чиз бо одамӣ ташаббуҳ кард: яке ба болои рост, дувум ба паҳноии нохун, савум ба мӯи сар.

## Ҳикоят

Аз Абӯризо ибни Абдуссалом ан-Найсобурӣ[5] шунидам дар санаи ашара ва хамсумиа[6] ба Нишобур дар масҷиди ҷомеъ, ки гуфт: «Ба ҷониби Тамғоҷ[7] ҳамерафтем ва он корвон чандин ҳазор шутур буд. Рӯзе гармгоҳ ҳамерондем, бар болои реге зане дидем истода, бараҳнасару бараҳнатан, дар ғояти некӯӣ, бо қадде чун сарв ва рӯе чун моҳ ва мӯе

[1] шаройин – рагҳо

[2] сараён – ҳаракат намудан, равон гардидан

[3] он даҳ – манзур панҷ ҳисси зоҳирӣ – босира, сомиа, шомма, зоиқа, ломиса ва панҷ ҳисси ботинӣ – хаёл, ваҳм, ҳофиза, мутасаррифа, ҳисси муштарак аст.

[4] Яъне: ростқомат, дарозқад ва паҳннохун

[5] Абӯризо ибни Абдуссалом ан-Найсобурӣ – аз афродест, ки муаллиф аз ӯ истимои илму ахбор намудааст.

[6] Яъне: соли 510 (1116).

[7] Тамғоҷ – шаҳре дар Чин

дароз ва дар мо наззора ҳамекард. Ҳарчанд бо вай сухан гуфтем, ҷавоб надод ва чун қасди ӯ кардем, бигурехт ва дар ҳазимат чунон давид, ки ҳамоно ҳеҷ асп ӯро дарнаёфтӣ. Ва кирокашони мо туркон буданд, гуфтанд: «Ин одаме ваҳшӣ аст, инро «наснос» хонанд».

Аммо бибояд донист, ки ӯ шарифтарин ҳайвон аст бад-ин се чиз, ки гуфта шуд.

* * *

Аммо чун дар дуҳури тивол[1] ва мурури айём лутфи мизоҷ зиёдат шуд ва навбат ба фурҷае расид, ки миёни аносиру афлок буд, инсон дар вуҷуд омад, ҳар чи дар олами ҷамоду наботу ҳайвон буд, бо хештан овард ва қабули маъқулот бар он зиёдат кард ва ба ақл бар ҳама ҳайвонот подшоҳ шуд ва ҷумларо таҳти тасарруфи худ овард. Аз олами ҷамод ҷавоҳиру зару сим зинати хеш кард ва аз оҳану рӯйу мису сурб ва арзиз[2] авониву[3] авомили[4] хеш сохт ва аз олами набот хӯрданиву пӯшиданиву густурданӣ сохт ва аз олами ҳайвон маркабу ҳаммол кард ва аз ҳар се олам доруҳо баргузид ва худро бад-он муолиҷат кард.

Ин ҳама тафаввуқ ӯро ба чӣ расид? Бад-он, ки маъқулотро бишинохт ва ба тавассути маъқулот Худойро бишинохт. Ва Худойро ба чӣ шинохт? Бад-он, ки худро бишинохт – *Ман ъарафа нафсаҳу фақад ъарафа раббаҳу*[5].

Пас, ин олам ба се қисм омад: Як қисм он аст, ки наздик аст ба олами ҳайвон, чун биёбониёну кӯҳиён, ки худ ҳиммати эшон беш аз он нарасад, ки тадбири маош кунанд ба ҷазби манфиат ва дафъи мазаррат. Боз як қисм

---

[1] дуҳури тивол – рӯзгорони дароз

[2] арзиз – қалъагӣ

[3] авонӣ – зарфҳо

[4] авомил – василаҳо

[5] Яъне: Ҳар кӣ худро шинохт, ба ростӣ Парвардигорашро шинохтааст.

аҳли билод ва мадоинанд, ки эшонро тамаддуну таовуну[1] инбисоти ҳирафу синоот[2] бувад ва улуми эшон мақсур бувад бар низоми ин ширкате, ки ҳаст миёни эшон, то анвоъ[3] боқӣ монад. Боз як қисм онанд, ки аз ин ҳама фароғате дорад, лайлан ва наҳоран[4], сирран ва ҷаҳран[5]. Кори эшон он бошад, ки мо кием ва аз чӣ дар вуҷуд омадаем ва падидорандаи мо кист? Яъне, ки аз ҳақоиқи ашё баҳс кунанд ва дар омадани хеш тааммул ва аз рафтан тафаккур, ки чӣ гуна омадем ва куҷо хоҳем рафтан? Ва боз ин қисм ду навъанд: Яке навъ онанд, ки ба устод ва талаққуфу[6] такаллуф[7] ва хондану набиштан ба кунҳи[8] ин маъмул[9] расанд. Ва ин навъро «ҳукамо» хонанд. Ва боз навъе онанд, ки бе устоду набиштан ба мунтаҳои ин фикрат бирасанд ва ин навъро «анбиё» хонанд. Ва хосияти набӣ се чиз аст: яке он ки улум донад ноомӯхта ва дувум он ки аз диву фардо хабар диҳад, на аз тариқи мисолу қиёс ва савум он ки нафси ӯро чандон қувват бувад, ки аз ҳар ҷисм, ки хоҳад сурат бибарад ва сурати дигар орад. Ин натавонад, илло он, ки ӯро бо олами малоика мушобиҳате бувад. Пас, дар олами инсон ҳеҷ варои ӯ набувад, фармони ӯ ба мусолеҳи олам нофиз бувад, ки ҳар чӣ эшон доранд, ӯ дорад ва зиёдатӣ дорад, ки эшон надоранд. Яъне, пайвастан ба олами малоика ва он зиёдатиро ба муҷмал «нубувват» хонанд ва ба тафсил чунонки шарҳ кардем.

---

[1] таовун – дастгирии ҳамдигар, ҳамкорӣ
[2] инбисоти ҳирафу синоот – пайдо кардани пешаву санъатҳо ва рушдбахшӣ бар истеҳсолот
[3] анвоъ – навъу ҷинсҳо
[4] Яъне: шабу рӯз
[5] Яъне: пӯшидаву пайдо
[6] талаққуф – фаро гирифтан
[7] такаллуф – худро водор кардан, ранҷ кашидан
[8] кунҳ – асл
[9] маъмул – он чи орзу бурда мешавад.

Ва то ин инсон зинда бувад, мусолеҳи ду олам ба уммат ҳаменамояд ба фармони Борӣ, азза исмуҳу, ва ба воситаи малоика. Ва чун ба инҳилоли[1] табиат рӯй бад-он олам орад, аз ишорати Борӣ, азза исмуҳу, ва аз ибороти хеш дастурӣ бигузорад, қоиммақоми хеш (ва вайро) ноибе бояд ҳароина, то шаръу суннати ӯ бар пой дорад. Ва ин кас бояд, ки афзали он ҷамъ ва акмали он вақт бувад, то ин шариатро эҳё кунад ва ин суннатро имзо намояд[2] ва ӯро «имом» хонанд. Ва ин имом ба офоқи машриқу мағриб ва шимолу ҷануб натавонад расид, то асари ҳифзи ӯ ба қосиву донӣ[3] расад ва амру наҳйи ӯ ба оқилу ҷоҳил. Лобуд(д) ӯро ноибон боянд, ки ба атрофи олам ин навбат[4] ҳамедоранд ва аз эшон ҳар якеро ин қувват набошад, ки ин ҷумла ба унф[5] тақрир кунад. Лобуд(д) соисе[6] бояд ва қоҳире лозим ояд. Он соис ва қоҳирро малик хонанд, аънӣ подшоҳ. Ва ин ниёбатро подшоҳӣ. Пас, подшоҳ ноиби имом аст ва имом ноиби пайғмабар ва пайғамбар ноиби Худой, азза ва ҷалла. Ва хуш гуфта дар ин маънӣ Фирдавсӣ:

*Чунон дон, ки шоҳиву пайғамбарӣ,*
*Ду гавҳар бувад дар як ангуштарӣ.*

Ва худ сайиди вулди Одам мефармояд: «*ад-Дину ва-л-мулку тавъамони*» – Дину мулк ду бародари ҳамзоданд, ки дар шаклу маънӣ аз якдигар ҳеҷ зиёдат ва нуқсон надоранд.

Пас, ба ҳукми ин қазият, баъд аз пайғомбарӣ ҳеҷ ҳимле гаронтар аз подшоҳӣ ва ҳеҷ амале қавитар аз мулк нест.

Пас, аз наздикони ӯ касоне боянд, ки ҳаллу ақди[7]

[1] инҳилол – аз ҳам боз шудан; парешон гардидан
[2] имзо намояд – таъйиду пуштибонӣ кардан; равон сохтан
[3] қосиву донӣ – дуру наздик
[4] навбат – ниёбат, ҷонишинӣ
[5] унф – тундӣ, дуруштӣ
[6] соис – коргузор, сиёсатдон
[7] ҳаллу ақд – кушодану бастан. Манзур иҷрои коре муҳим ва ҳал сохтани мушкилӣ аст.

олам ва салоҳу фасоди бандагони Худой ба машварату раъю тадбири эшон бозбаста бувад ва бояд, ки ҳар яке аз эшон афзалу акмали вақт бошанд.

Аммо дабиру шоир ва мунаҷҷиму табиб аз хавосси подшоҳанд ва аз эшон чорае нест. Қавоми[1] мулк ба дабир аст ва бақои исми ҷовидонӣ ба шоир ва низоми умур ба мунаҷҷим ва сиҳҳати бадан ба табиб. Ва ин чаҳор амали шоқ(қ)[2] ва илми шариф аз фуруъи[3] илми ҳикмат аст. Дабирӣ ва шоирӣ аз фуруъи илми мантиқ аст. Ва мунаҷҷимӣ аз фуруъи илми риёзӣ. Ва табибӣ аз фуруъи илми табиӣ. Пас, ин китоб муштамил аст бар чаҳор мақолат:

Аввал: Дар моҳияти илми дабирӣ ва кайфияти дабири балеғи комил.

Дувум: Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир.

Савум: Дар моҳияти илми нуҷум ва ғазорати[4] мунаҷҷим дар он илм.

Чаҳорум: Дар моҳияти илми тиб ва ҳидояти табиб ва кайфияти ӯ.

Пас, дар сари ҳар мақолате аз ҳикмат он чи бад-ин китоб лоиқ бувад, оварда шуд ва баъд аз он даҳ ҳикояти турфа аз наводири он боб ва аз бадоеи он мақолат, ки он табақаро афтода бошад, оварда омад, то подшоҳро равшан шавад ва маълум гардад, ки дабирӣ на хурд коре аст ва шоирӣ на андак шуғле ва нуҷум илме зарурӣ аст ва тиб санъате ногузир. Ва подшоҳи хирадмандро чора нест аз ин чаҳор шахс: дабир ва шоир ва мунаҷҷим ва табиб.

---

[1] қавом – пойдорӣ, устуворӣ
[2] шоқ(қ) – душвор, пурмашаққат
[3] фуруъ – шоха, шуъба
[4] ғазорат – табаҳҳур, фаровонии огоҳӣ

# МАҚОЛАТИ АВВАЛ

## Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил ва он чи тааллуқ бад-ин дорад

Дабирӣ[1] синоате[2] аст муштамил бар қиёсоти хитобӣ ва балоғӣ[3], мунтафеъ дар мухотаботе, ки дар миёни мардум аст бар сабили муҳоварату мушоварату мухосамат дар мадҳу замму ҳилат ва истиътофу[4] иғро[5] ва бузург гардонидани аъмолу хурд гардонидани ашғол ва сохтани вуҷуҳи узру итоб ва иҳкоми[6] васоиқу[7] изкори[8] савобиқ[9] ва зоҳир гардонидани тартибу низоми сухан дар ҳар воқеа, то бар ваҷҳи авлову аҳро[10] адо карда ояд.

Пас, дабир бояд, ки каримуласл[11] шарифулирз[12] дақиқунназар[13], амиқулфикр[14] ва соқибурраъй[15] бошад ва аз

---

[1] дабирӣ – муншигӣ, котибӣ. Дабир – касе, ки дар дарбори подшоҳон вазифаи навиштани номаву расоилро бар уҳда дорад.

[2] синоат – санъат. Ин ҷо ба маънии фанну дониш аст.

[3] қиёсоти хитобӣ ва балоғӣ – мурод каломи расову пухта ва олимонаву санҷида аст.

[4] истиътоф – дилҷӯӣ, меҳрубонӣ

[5] иғро – барангехтан, ба ҳаракат андохтан

[6] иҳком – устувор сохтан

[7] васоиқ – аҳдномаҳо, паймонҳо

[8] изкор – ёдовард

[9] савобиқ – гузаштаҳо, хубиҳои пешин

[10] аҳро – шоистатар

[11] каримуласл – покнажод, асилзода

[12] шарифулирз – обрӯманд

[13] дақиқунназар – борикбин

[14] амиқулфикр – андешаманд

[15] соқибурраъй – дақиқназар, тезҳуш

адабу самароти он қисми[1] акбар ва ҳаззи[2] авфар[3] насиби ӯ расида бошад ва аз қиёсоти мантиқӣ баъиду бегона набошад ва маротиби абнои замона[4] шиносад ва мақодири аҳли рӯзгор донад ва ба ҳутоми[5] дунёву музахрафоти[6] он машғул набошад ва ба таҳсину тақбеҳи[7] асҳоби ағроз[8] ва арбоби ағмоз[9] илтифот накунад ва ғарра нашавад ва ирзи[10] махдумро дар мақомоти тарассул[11] аз мавозеъи нозилу маросими хомил[12] маҳфуз дорад ва дар аснои китобату масоқи[13] тарассул бар арбоби ҳурмату асҳоби ҳашмат наситезад ва агарчи миёни махдум ва мухотаби ӯ мухосамат[14] бошад, ӯ қалам нигоҳ дорад ва дар ирзи ӯ вақиъат[15] накунад, илло бад-он кас, ки таҷовузи ҳад карда бошад ва қадами ҳурмат аз доираи ҳашмат берун ниҳода, ки «*Воҳидатун бивоҳидатин ва-л-бодиу азламу*»[16]. Ва дар унвонот тариқи авсат нигоҳ дорад ва ба ҳар кас он нависад, ки аслу насаб ва мулку вилоят ва лашкару хазинаи ӯ бар он далел бошад, илло ба касе, ки дар ин бора музоиқате намуда бошад ва такаббуре карда ва хурдае фурӯ гузошта ва инбисоте фузуда, ки хирад онро мувофиқи мукотибат нашумарад ва мулоими муросилат надонад. Дар ин мавзеъ дабирро дастурӣ аст ва

[1] қисм – насиб, баҳра
[2] ҳаз(з) – баҳра
[3] авфар – бештар, комилтар
[4] абнои замона – ҳамрӯзгорон
[5] ҳутом – резаву пора. Мурод амволи дунё аст.
[6] музахрафот – чизҳои ороста ва зебоиҳои зоҳириву беҳудаи дунё
[7] тақбеҳ – бад нишон додан, бад кардан
[8] асҳоби ағроз – соҳибғаразон, ғаразмандон
[9] арбоби ағмоз – чашмпӯшандагон, некназарон
[10] ирз – обрӯ, шараф
[11] мақомоти тарассул – зинаву шеваҳои номанигорӣ
[12] мавозеъи нозилу маросими хомил – ҷойҳову одатҳои камарзиш
[13] масоқ – зимн, рафт, навишт
[14] мухосамат – ҷидол, душманӣ
[15] вақиъат – дарафтодан ба бадгӯӣ
[16] Яъне: Як бар як (ин дар баробари он) ва оғозкунанда ситамгартар аст.

иҷозат, ки қалам бардорад ва қадам даргузорад ва дар ин мамар(р)[1] ба ақсои гоят ва мунтаҳои ниҳоят бирасад, ки акмали инсон ва афзали эшон, салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳи[2], мефармояд, ки: *«ат-Такаббуру маъа-л-мутакаббири садақатун»[3]*. Ва албатта нагузорад, ки ҳеҷ ғуборе дар фазои мукотибат аз ҳавои муросилат бар домани ҳурмати махдуми ӯ нишинад. Ва дар сиёқати сухан он тариқ гирад, ки алфоз мутобеи маонӣ ояд ва сухан кӯтоҳ гардад, ки фусаҳои араб гуфтаанд: *«Хайр-ул-каломи мо қалла ва далла»[4].* Зеро ки ҳар гоҳ, ки маонӣ мутобеи алфоз афтад, сухан дароз шавад ва котибро «миксор» хонанд. *Ва-л-миксору миҳзорун*[5].

Аммо сухани дабир бад-ин дараҷа нарасад, то аз ҳар илм баҳрае надорад ва аз ҳар устод нуктае ёд нагирад ва аз ҳар ҳаким латифае нашнавад ва аз ҳар адиб турфае иқтибос накунад. Пас, одат бояд кард ба хондани каломи Рабб-ул-иззат ва ахбори Мустафо ва осори саҳоба ва амсоли арабу калимоти аҷам ва мутолиаи кутуби салафу мунозираи суҳуфи халаф[6], чун тарассули Соҳибу[7] Собиву[8] Қобус[9] ва алфози Ҳаммодиву Имомиву[10] Кудома ибни

---

[1] мамар(р) – роҳ, гузаргоҳ

[2] Яъне: Дуруду саломи Худо бар ӯ бод.

[3] Яъне: Гарданфарозӣ дар баробари гарданфароз садақа аст.

[4] Яъне: Беҳтарин сухан онест, ки андак ва кофиву раҳнамо бошад.

[5] Яъне: Пургӯй беҳудагӯй аст.

[6] мунозираи суҳуфи халаф – андешидан ва бо назари борик бар китобҳои пасиниён нигаристан.

[7] Соҳиб – мурод Соҳиб ибни Аббод аст, ки вазир ва адиби номвари Оли Бӯя буд. Соли 385/995 даргузаштааст.

[8] Собӣ – Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Ҳилол, адиб ва нависандаи номии масеҳӣ, ки соли 384/994 дар синни 71 солагӣ вафот намудааст.

[9] Қобус – манзур Абулҳасан Қобус ибни Вушмгир ибни Зиёр аст. Аз подшоҳони Оли Заёр буд. Ӯ дар насри арабӣ дасти тавоно дошт ва бо бузургтарин булағои рӯзгори худ дӯш бар дӯш мезад. Соҳиби хатте бас зебо буд ва дар арабиву форсӣ назме матин дошт. Соли 403/1013 кушта шуд. Тарассулоти ӯ таҳти унвони «Камол-ул-балоға» фароҳам оварда шудааст.

[10] Ҳаммодӣ, Имомӣ– аз булағое, ки зоҳиран то асри X зистаанд.

Ҷаъфар[1] ва «Мақомот»-и Бадеъу[2] Ҳaририву[3] Ҳамид[4] ва «Тавқеот»-и Балъамиву[5] Аҳмади Ҳасану[6] Абӯнасри Кундурӣ[7] ва номаҳои Муҳаммади Абдаҳу[8] Абдулҳамиду[9]

---

[1] Қудома ибни Ҷаъфар – аз котибон ва балиғони маъруф, ки «Абулфараҷ» куния дошт. Дар балоғат бар ӯ масал зада мешавад. Соли 337/948 дар Бағдод вафот намудааст. «Нақд-уш-шеър», «Ҷавоҳир-ул-алфоз», «Заҳр-ур-рабеъ», «Нузҳат-ул-қулуб», «ар-Рад(д) ъало Ибн ал-Муътаз фимо ъоба биҳи Аботаммома»-ро дар адабу таърих таълиф намудааст (ал-Аълом, ҷ.5, саҳ.191).

[2] Бадеъ – манзур Абулфазл Бадеуззамони Ҳамадонӣ аст, ки дар адаби арабӣ номвари рӯзгор буд. «Расоил» ва «Мақомот»-и ӯ муҳимтарин ёдгорномаи ӯ дар ин замина аст. Соли 398/1008 вафот кардааст.

[3] Ҳарирӣ – Абӯмуҳаммад Қосим ибни Алӣ, ки аз адибону балиғони эронитабор аст. «Мақомот»-и ӯ аз шоҳкориҳои адабиёти араб ҳисоб меёбад. Соли 516/1122 дар Басра даргузаштааст.

[4] Ҳамид – Абӯбакр ибни Умар ибни Маҳмуди Балхӣ, маъруф ба «Қозӣ Ҳамидуддини Балхӣ», ки дар наср дасти тавоно дошт. «Мақомот»-и ӯ, ки дар пайравӣ аз «Мақомот»-и Бадеуззамону Ҳарирӣ ба форсӣ иншо шудааст, аз ин шаҳодат медиҳад.

[5] Балъамӣ – Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ, ки аз соли 279 то 326 (892 то 938) вазирии Сомониёнро дар ҳукумати Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ, писари ӯ Аҳмад ва писари ӯ Наср дар ӯҳда дошт. Дар илму адаб моҳир буд. Манобеъ бар табаҳҳури ӯ дар балоғат таъкид менамоянд. «Тавқеот»-и ӯ дар ин боб буда, бо забони арабӣ ба қалам омадааст. Балъамӣ соли 330/940 вафот кардааст.

[6] Аҳмади Ҳасан – мурод Абулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандист, ки вазири донишманди Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд буд. Аз адаб баҳраи комил дошт. Вафоти ӯ соли 424/1033 рух додааст.

[7] Абӯнасри Кундурӣ – Муҳаммад ибни Мансур ибни Муҳаммад, мулаққаб ба «Амид-ул-мулук», ки аз бузургмардони китобату зако ва шаҳомату сахо буд. Нахустин вазири Салҷуқиён маҳсуб мегардад. Аз ҷониби Туғралбеки Салҷуқӣ ба ин симат баргузида шуд. Соли 546/1151 ба шаҳодат расид (Вафийёт-ул-аъён, ҷ.4, саҳ. 374-379).

[8] Муҳаммади Абдаҳ (Абадаҳ) – аз котибони номии Мовароуннаҳр будааст. Низомӣ худ дар ин китоб аз ҳама беҳтар ӯро муаррифӣ намудааст. Он ҷо, ки навишта: «... дабири Буғрохон буд ва дар илм тааммуқеву дар фазл танаввуқе дошт ва дар назму наср табаҳҳуре ва аз фузалову булағои ислом яке ӯ буд» (ниг. саҳ.66). Ашъори ӯ дар манобеъ маҳфуз мондааст (ниг.Луғатнома, ҷ.12, саҳ.18038).

[9] Абдулҳамид – мурод Абдулҳамид ибни Яҳё ибни Саъди Омирӣ аст, ки ба «Котиб» маъруф мебошад. Дар балоғат бар ӯ масал зада мешавад. Устоди номанигорон аст. Ҷумлаи маъруфи «Футиҳати-р-расоилу би Абдилҳамид ва хутимат би Ибн ал-Амид» дар шаъни ӯст. «Номаҳо»-и ӯ дар ҳудуди ҳазор варақ будааст ва қисме аз онҳо нашр ёфтаанд. Ӯ нахустин нафарест, ки номаҳоро тӯл бахшид ва тамҳидотро дар фаслҳои ҷудогонаи расоил ҷой дод. Аз наздиктарин афроди Марвон ибни Муҳаммад – охирин подшоҳи умавӣ буд ва то охири

Сайид-ур-руасо[1] ва «Маҷолис»-и Муҳаммади Мансуру[2] Ибни Аббодиву[3] Ибни Нассобаи Алавӣ[4] ва аз ин давовини араб девони Мутанаббиву[5] Абевардиву[6] Ғаззӣ[7] ва аз шеъри аҷам ашъори Рӯдакиву маснавии Фирдавсиву мадоеҳи Унсурӣ.

Ҳар яке аз инҳо, ки баршумурдам, дар синоати хеш

---

умр дар канори ӯ бимонд. Ниҳоят соли 132/750 ҳамроҳи ӯ дар қарибии Миср ба қатл расид (ал-Аълом, ҷ.3, саҳ.290).

[1] Саййид-ур-руасо – зоҳиран, Абулмаҳосин Муҳаммад ибни Фазлуллоҳ аст, ки аз котибони маъруфи дарбори Маликшоҳи Салҷуқӣ буд.

[2] Муҳаммади Мансур – манзур Шараф-ул-мулк Абӯсаъд Муҳаммад ибни Мансур аст, ки аз бузургмардони боргоҳи Маликшоҳ ва котибони ӯ буд. Марди дасткушод буд. Мадрасаву корвонсароҳо ва мавқуфоти бисёре бар ҷой гузошт. Қуббаи қабри Имоми Аъзамро ӯ сохт ва мадрасаи канори онро ҳам ӯ бино намуд. Даргузашти ӯро дар Исфаҳон дар соли 464/1072 навиштаанд (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.439).

[3] Ибни Аббодӣ – Қазвинӣ ҳадс зада, ки шояд мурод Абӯмансур Музаффар ибни Абулҳусайни Ардашер ибни Абӯмансури Аббодӣ ё падари ӯ Абулҳусайни Ардашер бошад (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу), саҳ. 122-123). Тибқи навиштаи Самъонӣ онон аз аҳли Марв буданд. Падар – Абулҳусайни Ардашер, ки ба «Амир» мулаққаб аст, воизи некӯсухан буд ва дар Бағдод байни ҷомеа қабули ом дошт. Дар ҳудуди соли 490/1097 дарғузаштааст. Писар – Абӯмансур Музаффари Аббодӣ низ аз воизони машҳуру хушбаён буд. Самъонӣ дар Панҷдеҳ аз ӯ чанд ҳадис бишунид. Соли 547/1152 дар Аскари Мукрами Хуҷустон даргузаштааст (ал-Ансоб, ҷ.4, саҳ.99-100).

[4] Ибни Нассобаи Алавӣ – зоҳиран, Саййид Абӯабдуллоҳ Ҳусайн ибни Алӣ ибни Доӣ ибни Яҳёи Алавӣ(- и Нассоба) аст, ки дар соли 513/1119 дар Нишопур даргузаштааст. Тақрибан, муосири муаллиф мебошад.

[5] Мутанаббӣ – Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Ҳасан ибни Абдуссамади Ҷуъфии Куфии Киндӣ, ки аз шоирони ифтихорофари араб аст. Соли 303/915 дар маҳаллаи Киндаи Куфа ба дунё омад ва дар Шом рушду тарбият ёфт. Дар назди салотин, бахусус, Азудуддавлаи Дайламӣ эътибори баланд ёфт. Соли 354/965 дар бозгашт аз назди султони мазкур, ки қасди Бағдоду Куфаро дошт, дар Нӯъмония (наздикии Бағдод) ба шаҳодат расид (ал-Аълом, ҷ.1, саҳ.115).

[6] Абевардӣ – Абулмузаффар Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исҳоқи Абевардии Куфанӣ, ки дар луғату ансоб яғонаи даврон буд. Ашъораш мудавван ва сари забонҳо будааст. Дар рабеулаввали соли 507/1114 дар Исфаҳон аз дунё чашм пӯшидааст (ал-Ансоб, ҷ.5, саҳ.222).

[7] Ғаззӣ – Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Усмон (ё ибни Яҳё ибни Усмон) ибни Муҳаммади Калбии Ушбаҳии Ғаззӣ, ки аз шоирони номвари араб аст. Соли 441/1050 дар Ғаззаи Фаластин ба дунё омад. Солҳо дар Ироқу Хуросон сафар дошт. Оли Бӯя ва дигар хонадонҳоро ситоиш кард. Соли 524/1130 дар Хуросон даргузашт ва дар Балх ба хок супорида шуд (ал-Аълом, ҷ.1, саҳ.50).

насиҷи вахда[1] буданду ваҳиди вақт(а)[2]. Ва ҳар котиб, ки ин кутуб дорад ва мутолиаи он фурӯ нагузорад, хотирро ташҳиз[3] кунад ва димоғро сиқол[4] диҳад ва табъро барафрӯзад ва суханро ба боло кашад ва дабир бад-ӯ маъруф шавад.

Аммо чун Қуръон донад, ба як ояте аз уҳдаи вилояте берун ояд, чунонки Искофӣ.

## Ҳикоят (1)

Искофӣ[5] дабире буд аз ҷумлаи дабирони Оли Сомон[6], раҳимаҳумуллоҳ[7], ва он синоат некӯ омӯхта буд ва бар шавоҳиқ[8] некӯ рафтӣ ва аз мазойиқ[9] некӯ берун омадӣ ва дар девони рисолати Нӯҳ ибни Мансур[10] муҳаррирӣ кардӣ. Магар қадри ӯ нашинохтанд ва ба қадри фазл ӯро нанавохтанд. Аз Бухоро ба Ҳирот рафт, ба наздики Алптагин[11]. Ва Алптагин турке хирадманд

---

[1] насиҷи вахда – порчаи бемисл, матои беҳамто

[2] ваҳиди вақт – ягонаи рӯзгор. Барои риояти мавзунии калом ва ҳифзи тавозуни қаринаҳо ин таъбирро «ваҳиди вақта» хондан мувофиқтар аст.

[3] ташҳиз – тез намудан, рӯшан сохтан

[4] сиқол – сайқал, чило

[5] Искофӣ – Алӣ ибни Муҳаммади Искофии Нишопурӣ, ки дар ибтидо котиби Абӯалӣ ибни Муҳтоҷи Чағонӣ буд, сипас бар девони расоили Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмади Сомонӣ қарор гирифт. Дар замони Абдулмалик ибни Нӯҳи Сомонӣ (343-350/954-961) даргузашт.

[6] Оли Сомон – хонадони фарҳангофари тоҷикон, ки байни солҳои 261-389/874-999 дар Хуросону Мовароуннаҳр ва қисмате аз Эрони марказӣ салтанат доштанд. Ин хонадон, ки ба «Сомониён» бештар маъруф аст, бо интисоб ба Сомон Худот чунин хонда шудааст.

[7] Яъне: Худованд ононро бо раҳмати хеш навозад.

[8] шавоҳиқ – баландиҳо. Мурод авҷу зинаҳои баланди нависандагӣ ва мақомоти зарифу борики сухан аст.

[9] мазойиқ – тангноҳо. Манзур мавридҳои нозуки баёну ифодаи калом аст.

[10] Нӯҳ ибни Мансур – аз амирони Сомонӣ, ки «Амири разӣ» лақаб дошт. Пас аз падари хеш ба салтанат расид. Байни солҳои 365-387/976-997 ҳукмронӣ намудааст.

[11] Алптагин (Алптегин) – аз ғуломони Сомониён, ки дар даврони Абдулмалик ибни Нӯҳи Сомонӣ ба мансаб расид ва ба аморати Тахористон фиристода шуд. Сабуктагинро бо худ бурд. Бо Сабуктагин аз Тахористон ба Ғазнин рафт ва бо шикасти волии он шаҳр (соли 351/962) ҳукумати Ғазнинро соҳиб шуд.

буд ва мумаййиз[1], ӯро азиз кард ва девони рисолат бад-ӯ тафвиз[2] фармуд ва кори ӯ ғардон шуд[3]. Ва ба сабаби он ки навхостагон[4] дар ҳазрат[5] падидор омада буданд, бар қадимон истихфоф[6] ҳамекарданд ва Алптагин таҳаммул ҳамекард ва охири кори ӯ ба исён кашид ба истихфофе, ки дар ҳаққи ӯ рафта буд, ба иғрои ҷамоате, ки навхоста буданд. Ва амир Нӯҳ аз Бухоро ба Зовулистон бинавишт, то Сабуктагин[7] бо он лашкар биёянд ва Симҷӯриён[8] аз Нишобур биёянд ва бо Алптагин муқобалаву муқотала кунанд. Ва он ҳарб сахт маъруф асту он воқеа саъб[9] машҳур.

Пас аз он, ки он лашкарҳо ба Ҳирот расиданд, амир Нӯҳ Алӣ ибни Муҳтоҷ ал-Кушониро[10], ки ҳоҷиб-ул-боб[11] буд, бо Алптагин фиристод бо номае чун обу оташ. Мазмуни ӯ ҳама ваъид[12] ва макруни ӯ ҳама таҳдид, сулҳро

[1] мумаййиз – бозшиносанда, фарқгузоранда байни аҳлу ноаҳл

[2] тафвиз – супоридан, вогузор кардан

[3] гардон шуд – равнақ ёфт

[4] навхостагон – навдавлатон, касоне ки тоза мансаб ёфтаанд

[5] ҳазрат – дарбор, пешгоҳи султон

[6] истихфоф – беҳурматӣ, қадрношиносӣ

[7] Сабуктагин – ғуломи Алптагин, ки муассиси давлати Ғазнавиён ҳисоб меёбад. Аз соли 366/976 то 387/997 ҳукумат намуд.

[8] Симҷӯриён – номи хонадони маъруфест аз амирони Қаҳистон ва Нишопур, ки дар Хуросон мақомоти баланд ёфтанд. Муассиси онон Симҷӯри Давотӣ аст. Ӯ аз ходимони Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ буд. Соли 300/913 аз ҷониби ходими хеш ба ҳукумати Систон мансуб гардад. Соли 314/926 Рай низ ба ӯ дода шуд. Иброҳими Симҷӯр ва набераащ Абӯалии Симҷӯр сипаҳсолори Хуросон буданд. Дигар афроди ин хонадон низ аз ҷониби Сомониён эътибори баланд пайдо намуданд ва дар Нишопуру дигар манотиқи Хуросон аморат ёфтанд.

[9] саъб – ниҳоят сахт

[10] Алӣ ибни Муҳтоҷ ал-Кушонӣ – устод Қазвинӣ мурод Алӣ ибни Муҳтоҷи Чағонӣ дониста, ки ӯ волии Хуросон ва сипаҳсолори он мамлакат буд. Бар ин асос, навиштаи муаллифро холӣ аз иштибоҳ намедонад. Зеро ин Алии Чағонӣ на «ҳоҷиб-ул-боб» (пардадор), балки волӣ буд ва соли 344/955, яъне 22 сол пештар аз расидани Нӯҳ ба салтанат (366/977), аз дунё даргузаштааст (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу), саҳ.128). Аммо боби тафаҳҳус ҳанӯз боз аст.

[11] ҳоҷиб-ул-боб – пардадор

[12] ваъид – бим додан, таҳдид

маҷол ногузошта ва оштиро сабил раҳо нокарда. Чунонки дар чунин воқеае ва чунин доҳияе[1] худованди заҷри қосӣ[2] ба бандагони осӣ нависад. Ҳама нома пур аз он, ки биёяму бигираму бикушам.

Чун ҳоҷиб Абулҳасан Алӣ ибни Муҳтоҷ ал-Кушонӣ нома арза кард ва пайғом бигуфт ва ҳеҷ бознагирифт[3], Алптагин озурда буд, озурдатар шуд. Барошуфту гуфт: «Ман бандаи падари ӯям, аммо дар он вақт, ки хоҷаи ман[4] аз дори фано ба дори бақо таҳвил кард, ӯро ба ман супурд, на маро бад-ӯ ва агарчи аз рӯи зоҳир маро дар фармони ӯ ҳамебояд буд, аммо чун қазиятро таҳқиқ кунӣ, натиҷа бар хилофи ин ояд, ки ман дар мароҳили шайбам[5] ва ӯ дар манозили шабоб[6] ва онҳо, ки ӯро бар ин баъс[7] ҳамекунанд, ноқизи[8] ин давлатанд, на носеҳ ва ҳодими[9] ин хонадонанд, на ходим». Ва аз гояти заорат[10] ба Искофӣ ишорат кард, ки чун нома ҷавоб кунӣ, аз истихфоф ҳеҷ бозмагир ва бар пушти нома хоҳам, ки ҷавоб кунӣ.

Пас, Искофӣ бар бадеҳа ҷавоб кард ва аввал бинавишт: «*Бимиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Ё Нуҳу қад ҷодалтано фааксарта ҷидолано фаътино бимо таъидуно ин кунта мина-с-содиқин*»[11].

Чун нома ба амири Хуросон Нӯҳ ибни Мансур расид,

[1] доҳия – воқеаи мудҳиш, рухдоди ҳаросангез

[2] худованди заҷри қосӣ – хоҷаи сахт озурда ва хашмгини дурафтода

[3] ҳеҷ бознагирифт – яъне аз баёну китобати ҳар чи Амир Нӯҳи Сомонӣ бигуфт, чизеро нагузошт ва ҳамаро бинавишт.

[4] хоҷаи ман – мурод падари Нӯҳ аст.

[5] мароҳили шайб – даврони пирӣ

[6] манозили шабоб – айёми ҷавонӣ

[7] баъс – барангехтан

[8] ноқиз – шиканanда, барҳамзананда

[9] ҳодим – харобсозанда

[10] заорат – тундхӯӣ, дуруштӣ

[11] Яъне: Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон. Эй Нӯҳ, бо мо муҷодала намудӣ ва дар ин кор аз ҳад гузаштӣ. Пас, он чи моро аз он метарсонӣ, бар сарамон биёвар, агар аз ростгӯён бошӣ (сураи Ҳуд, ояти 32).

он нома бихонд, тааҷҷубҳо кард ва хоҷагони давлат ҳайрон фурӯ монданд ва дабирон ангушт ба дандон газиданд.

Чун кори Алптагин яксӯ шуд, Искофӣ мутаворӣ[1] гашт ва тарсону ҳаросон ҳамебуд, то як навбат, ки Нӯҳ кас фиристод ва ӯро талаб кард ва дабирӣ бад-ӯ дод ва кори ӯ боло гирифт ва дар миёни аҳли қалам манзуру машҳур гашт.

Агар Қуръон некӯ надонистӣ, бад-он воқеа бад-ин оят нарасидӣ ва кори ӯ аз он дараҷа бад-ин ғоят накашидӣ.

## Ҳикоят (2)

Чун Искофиро кор боло гирифт, дар хидмати амир Нӯҳ ибни Мансур мутамаккин гашт ва Мокони Кокуӣ[2] ба Рай[3] ва Кӯҳистон[4] исён оғоз кард ва сар аз рибқаи[5] итоат бикашид ва уммол[6] ба Хор[7] ва Симнак[8] фиристод ва чанд шаҳр аз Кумиш[9] ба даст фурӯ гирифт ва низ аз Сомониён

---

[1] мутаворӣ – пинҳон

[2] Мокони Кокуӣ – аз ҳокимони Мозандарон ва диловарони Дайламиён буд. Қасди тасхири Хуросонро дошт. Нӯҳ ибни Мансур зуд чораи боздошт ва рафъи зарари ӯро андешид. Воқеаи аз байн бардоштани Мокон ва қатли ӯ соли 329/941 сурат гирифтааст (Луғатнома, ч.12, саҳ.17632).

[3] Рай – шаҳре қадима дар наздикии Теҳрон, ки мансуб ба он «Розӣ» гуфта мешавад.

[4] Кӯҳистон – ноҳияе дар Хуросон, байни Ҳироту Нишопур, он ҷо, ки байни кӯҳҳост. Ба маънии ҷойгоҳи кӯҳҳо, кӯҳсор аст, ки ба сурати арабии «Қуҳустон» ва «Қаҳистон» маъруф аст (ал-Ансоб, ч.4, саҳ.543). Куҳастон (бо фатҳи «ҳо») – мавзее дар Қум низ дониста шудааст (Луғатнома, ч.11, саҳ.15711).

[5] рибқа – банд

[6] уммол – коргузорон

[7] Хор (Хувор) – шаҳре байни Рай ва Симнон. Бо Рай тақрибан бист фарсах фосила дорад (Муъҷам-ул-булдон, ч.2, саҳ.394).

[8] Симнак – шаҳраке, ки бо Симнон пайваст аст (ал-Ансоб, ч.3, саҳ.332).

[9] Кумиш – минтақае, ки чун ироқӣ ба сӯи Хуросон роҳ пеш гирад, дар қади шоҳроҳи Хуросон қарор дорад. Аз Бастом то Симнонро фаро мегирад (ал-Ансоб, ч.4, саҳ.539). Сурати арабишудаи он «Қумис» аст. Ёқут афзуда, ки он сарзамини пурдоманае аз иқлими чаҳорум аст ва чандин шаҳру деҳот ва киштзорҳоро фаро мегирад. Қасабаи машҳури он Домғон аст ва он байни Рай ва Нишопур қарор дорад (Муъҷам-ул-булдон, ч.4, саҳ.415).

ёд накард. Нӯҳ ибни Мансур битарсид аз он, ки ӯ марде саҳмгин ва кофӣ буд. Ва ба тадоруки ҳоли ӯ машғул гашт ва Тоши Испаҳсолорро[1] бо ҳафт ҳазор савор ба ҳарби ӯ номзад кард, ки биравад ва он фитнаро фурӯ нишонад ва он шуғли гарон аз пеш баргирад бар он ваҷҳ, ки маслиҳат бинад, ки Тош азим хирадманд буду равшанрой ва дар мазойиқ чуст даромадиву чобук берун рафтӣ ва пирӯзҷанг будӣ ва аз корҳо ҳеҷ бемурод бознагашта буд ва аз ҳарбҳо ҳеҷ шикаста наёмада буд ва то ӯ зинда буд, мулки Банӣ Сомон равнақе тамом ва кори эшон таровате қавӣ дошт.

Пас, дар ин воқеа амир азим машғулдил буд ва парешонхотир. Кас фиристод ва Искофиро бихонд ва бо ӯ ба хилват биниш аст ва гуфт: «Ман аз ин шуғл азим ҳаросонам, ки Мокон марде далер аст ва бо далерӣ ва мардӣ кифоят дорад ва ҷуд ҳам. Ва аз Даёлима чун ӯ кам афтодааст, бояд ки бо Тош мувофиқат кунӣ ва ҳар чи дар ин воқеа аз лашкаркашӣ бар вай фурӯ шавад[2], ту бо ёди ӯ фурӯ диҳӣ. Ва ман ба Нишопур муқом хоҳам кард, то пушти лашкар ба ман гарм гардад ва хасм шикастадил шавад, бояд ки ҳар рӯз мусриъе[3] бо мулаттафа[4] аз они ту ба ман расад ва ҳар чи рафта бошад, нукат аз он берун оварда бошӣ ва дар он мулаттафа сабт карда, чунонки тасаллии хотир ояд».

[1] Тоши Испаҳсолор – мурод Абулаббос Ҳусомуддавла аст, ки дар ибтидо аз ғуломони Абӯҷаъфари Утбӣ буд ва аз ҷониби ӯ ба боргоҳи Мансур ибни Нӯҳ расид. Он ҷо ҳоҷибии бузург, пас аз он сипаҳсолории Хуросонро дарёфт. Дар охир муфсидон байни ӯ ва Нӯҳ ибни Мансур сардмеҳрӣ андохтанд. Тош ба Гургон рафт ва ба дарбори Фахруддавлаи Дайламӣ паноҳ бурд. Ҳар қадар кӯшид, натавонист гумони баде, ки нисбати ӯ дар Нӯҳ падид омада буд, аз байн барад. Ниҳоят соли 376/986 дар Гургон бар асари вабои сахт аз дунё даргузашт.

[2] фурӯ шавад – фаромӯш шавад, пӯшида монад

[3] мусриъ – пайки тезрав

[4] мулаттафа – номае мухтасар, ки дар корҳои фаврӣ ё маҳрамона матлабро ба тариқи хулоса бар он менавиштанд.

Искофӣ хидмат кард ва гуфт: «Фармонбардорам».

Пас, дигар рӯз Тош роёт[1] бикушод ва кӯс бизад[2] ва бар муқаддима аз Бухоро бирафт ва аз Ҷайҳун абар кард[3] бо ҳафт ҳазор савор ва амир бо боқии лашкар дар пайи ӯ ба Нишопур биёмад. Пас амир Тошрову лашкарро хилъат бидод ва Тош даркашид[4] ва ба Байҳақ[5] даромад ва ба Кумиш берун шуд ва рӯй ба Рай ниҳод ва бо азме дуруст ва ҳазме[6] тамом. Ва Мокон бо даҳ ҳазор марди ҳарбии зиреҳпӯшида бар дари Рай нишаста буд ва ба Рай истинод карда[7], то Тош бирасид ва аз шаҳр баргузашт ва дар муқобили ӯ фуруд омад. Ва расулон омаду шуд гирифтанд. Бар ҳеҷ қарор нагирифт, ки Мокон мағрур гашта буд бадон лашкари дилангез[8], ки аз ҳар ҷой фароҳам оварда буд. Пас, бар он қарор гирифт, ки масоф[9] кунанд. Ва Тош гурги пир буд ва чиҳил сол сипаҳсоларӣ карда буд ва аз он навъ бисёр дида. Чунон тартиб кард, ки чун ду лашкар дар муқобили якдигар омаданд ва абтолу[10] шидоди[11] лашкари Мовароуннаҳру Хуросон аз қалб[12] ҳаракат карданд, ниме аз лашкари Мокон ба ҷанг дасте гушоданд ва боқӣ ҳарб накарданд ва Мокон кушта гашт.

Тош баъд аз он, ки аз гирифтану бастану куштан фориғ шуд, рӯй ба Искофӣ кард ва гуфт: «Кабӯтар бибояд

---

[1] роёт – дирафшҳо, парчамҳо

[2] кӯс бизад – табл кӯбид. Дар гузашта маъмулан барои эълони ҷанг ё ҳаракати лашкар кӯс зада мешуд.

[3] абар кард – бигузашт

[4] даркашид – лашкарро бар роҳ андохт

[5] Байҳақ – аз навоҳии Нишопур, ки деҳкадаҳои зиёдеро фарогир аст.

[6] ҳазм – тасмим, кордонӣ, ҳушёрӣ

[7] истинод карда – пушт ниҳода, пушт гузошта

[8] дилангез – писандида; довталаб; чирек; нерӯи низомии ғайрирасмӣ

[9] масоф(ф) – корзор, ҷанг

[10] абтол – паҳлавонон, далерон

[11] шидод – нерӯмандон, паҳлавонон

[12] қалб – қисмати марказии лашкар бахусус дар вақти ҷанг

фиристод бар муқаддима, то аз пайи ӯ мусриъ фиристода шавад. Аммо ҷумлаи вақоеъро ба як нукта боз бояд овард, чунонки бар ҳамагии аҳвол далел бувад ва кабӯтар битавонад кашид ва мақсуд ба ҳосил ояд».

Пас, Искофӣ ду ангушт коғаз баргирифт ва бинавишт: *«Аммо Мокон фасора каисмиҳи. Вассалом».*

Аз ин «мо» «мо»-и нафӣ хост ва аз «кона» феъли мозӣ, то порсӣ чунон бувад, ки «Мокон чун номи хеш шуд». Яъне, нест шуд.

Чун ин кабӯтар ба Амир Нӯҳ ибни Мансур расид, аз ин фатҳ чандон тааҷҷуб накард, ки аз ин лафз. Ва асбоби тарфеҳи[1] Искофӣ тоза фармуд ва гуфт: «Чунин кас фориғдил бояд, то ба чунин нуктаҳо бирасад».

## Ҳикоят (3)

Ҳар синоат, ки таъаллуқ ба тафаккур дорад, соҳиби синоат бояд, ки фориғдил ва мураффаҳ[2] бошад, ки агар ба хилофи ин бувад, сиҳоми фикри ӯ муталошӣ[3] шавад ва бар ҳадафи савоб ба ҷамъ наёяд. Зеро ки ҷуз ба ҷамъияти хотир ба чунон калимот бознатавонад хӯрд.

Овардаанд, ки яке аз дабирони хулафои Банӣ Аббос, разияллоҳу анҳум, ба волии Миср нома менавишт ва хотир ҷамъ карда буд ва дар баҳри фикрат гарқ шуда ва сухан мепардохт чун дурри самин[4] ва мои маъин[5]. Ногоҳ канизакаш даромаду гуфт: «Орд намонд». Дабир чунон шӯридатабъу парешонхотир гашт, ки он сиёқати сухан аз даст бидод ва бад-он сифат мунфаъил[6] шуд, ки дар

[1] тарфеҳ – рафоҳу осудагӣ, оромиш
[2] мураффаҳ – осудаҳол
[3] муталошӣ – парешон
[4] дурри самин – гавҳари гаронқимат
[5] мои маъин – оби зулолу гуворо
[6] мунфаъил – ошуфта, парешон, таъсирпазир

нома бинавишт, ки: «Орд намонд». Чунонки он номаро тамом кард ва пеши халифа фиристод. Ва аз ин калима, ки навишта буд, ҳеҷ хабар надошт.

Чун нома ба халифа расид ва мутолиа кард, чун бад-он калима расид, ҳайрон фурӯ монд ва хотираш онро бар ҳеҷ ҳамл натавонист кард, ки сахт бегона буд. Кас фиристод ва дабирро бихонд ва он ҳол аз ӯ бозпурсид. Дабир хиҷил гашт ва ба ростӣ он воқеаро дар миён ниҳод. Халифа азим аҷаб дошт ва гуфт: «Аввали ин номаро бар охир чандон фазилату раҷҳон[1] аст, ки *«Қул ҳуваллоҳу аҳад»*[2]-ро бар *«Таббат ядо Абилаҳаб»*[3]. Дареғ бошад хотири чун шумо булагоро ба дасти ғавғои мо юҳтоҷ[4] боздодан». Ва асбоби тарфеҳи ӯ чунон фармуд, ки амсоли он калима дигар ҳаргиз ба гаври гӯши ӯ фурӯ нашуд. Лоҷарам, despitecat

**Ҳикоят (4)**

Соҳиби Кофӣ[5] Исмоил ибни Аббод ар-Розӣ вазири Шаҳаншоҳ[6] буд ва дар фазл камоле дошт ва тарассулу шеъри ӯ бар ин даъво ду шоҳиди адланд[7] ва ду ҳокими[8] рост. Ва низ Соҳиб марде адлимазҳаб[9] буд. Ва адлимазҳабон бағоят мутанассик[10] ва муттақӣ бошанд ва раво доранд, ки муъмине ба хасмии як ҷав, ҷовидона дар дӯзах бимонад.

[1] раҷҳон – бартарӣ

[2] Мурод сураи пурфазилати Ихлос аст, ки бо ҳамин ҷумла ифтитоҳ меёбад. Яъне: Бигӯ: Ӯ Худои ягона аст.

[3] Манзур сураи Масад аст, ки бо калимоти мазкур оғоз мегардад. Яъне: Дастони Абӯлаҳаб бурида бод.

[4] мо юҳтоҷ – он чи бар он ниёз меафтад

[5] Соҳиби Кофӣ – лақаби Соҳиб ибни Аббод (ниг. саҳ.42) аст.

[6] Шаҳаншоҳ – мурод Муайидуддавлаи Дайламӣ аст.

[7] шоҳиди адл – ду гувоҳи одилу ростназар

[8] ҳоким – довар, ҳукмкунанда

[9] адлимазҳаб – пайрави мактаби эътизол, муътазилӣ

[10] мутанассик – парҳезгор, пойбанди тоат

Ва хадаму ҳашаму уммоли ӯ бештар он мазҳаб доштандӣ, ки ӯ дошт.

Ва қозие буд ба Қум аз дасти[1] Соҳиб, ки Соҳибро дар нуск[2] ва тақвои ӯ эътиқоде буд росих. Ва як-як бар хилофи ин аз вай хабар медоданд ва Соҳибро устувор намеомад, то аз сиқоти[3] аҳли Қум ду мақбулулқавл гуфтанд, ки замони хусумат, ки миёни фалону баҳмон буд, қозӣ понсад динор ришват бисатид. Соҳибро азим мустанкар[4] омад ба ду ваҷҳ: яке аз касрати[5] ришват ва дувум аз далериву бедиёнатии қозӣ. Ҳолӣ[6] қалам баргирифт ва бинавишт: *«Бимиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Айюҳа-л-қозӣ би Қум қад азалнока фақум»*[7].

Ва фузало донанд ва булаѓо шиносанд, ки ин калимот дар боби эйҷозу фасоҳат чӣ мартаба дорад. Лоҷарам, аз он рӯз боз ин калимаро булаѓову фусаҳо бар дилҳо ҳаменависанд ва бар ҷонҳо ҳамениѓоранд.

**Ҳикоят (5)**

Ламѓон[8] шаҳре аст аз диёри Синд, аз аъмоли[9] Ѓазнин ва имрӯз миёни эшон ва куффор кӯҳе аст баланд ва пайваста хоиф[10] бошанд аз тохтану шабехуни[11] куффор. Аммо

---

[1] аз даст – аз ҷониб

[2] нуск – ибодат, парҳезгорӣ

[3] сиқот – афроди мавриди эътимод

[4] мустанкар – нохуш, нописанд

[5] касрат –зиёдӣ

[6] ҳолӣ – ҳамон лаҳза, зуд

[7] Яъне: Эй қозии Қум, туро аз мансаб гирифтем, дигар бархезу бирав!

[8] Ламѓон – аз деҳаҳои Ѓазнин аст. Аз ин шаҳр ба сурати «Ломѓон» низ ёд мешавад. Ламѓон дар манобеъ ба шаҳри бозаргонон, ободон ва бонеъмат тавсиф ёфтааст (ниг.Луѓатнома, ч.12, саҳ.17451).

[9] аъмол – деҳот, ободиҳои марбут ба шаҳре марказӣ

[10] хоиф – тарсанда, ҳаросон

[11] шабехун – ҳамлаи ноѓаҳонӣ, бахусус дар шаб

ламғониён мардумони башукӯҳ бошанд ва ҷалду[1] касуб[2] ва бо ҷалдӣ заъире[3] азим, то ба ғояте, ки бок надоранд, ки бар омил[4] ба як ман[5] коҳ ва як байза рафъ кунанд[6]. Ва ба кам аз ин низ раво доранд, ки ба тазаллум[7] ба Ғазнин оянд ва як моҳу ду моҳ муқом кунанд ва бе ҳусули мақсуд бознагарданд. Филҷумла, дар лаҷоҷ[8] дасте доранд ва аз ибром[9] пуште.

Магар дар аҳди Яминуддавла Султон Маҳмуд[10], анораллоҳу бурҳонаҳу[11], яке шаб куффор бар эшон шабехун карданд ва ба анвоъ харобӣ ҳосил омад. Эшон худ бе хок мароға кардандӣ[12].Чун ин воқеа бияфтод, тане чанд аз маориф[13] ва машоҳир бархостанд ва ба ҳазрати Ғазнин омаданд ва ҷомаҳо бидариданд ва сарҳо бараҳна карданд ва вовайлокунон ба бозори Ғазнин даромаданд ва ба боргоҳи султон шуданд ва бинолиданду бизориданд ва он воқеаро бар сифате шарҳ доданд, ки сангро бар эшон гиристан омад. Ва ҳанӯз ин заорат[14] ва ҷалодату тазвир[15] ва тамвеҳ[16] аз эшон зоҳир нагашта буд, Хоҷаи бузург Аҳмад

[1] ҷалд – тавонманд, чолок

[2] касуб – меҳнаткаш, аҳли касбу ҳунар

[3] заъир – дуруштхӯ, тунд

[4] омил – коргузори ҳукумат

[5] ман – аз воҳидҳои вазн дар гузашта, ки дар минтақаҳо аз ҳам фарқ дошт.

[6] рафъ кунанд – шикоят баранд

[7] тазаллум – додхоҳӣ

[8] лаҷоҷ – хирасарӣ, якравӣ

[9] ибром – пофишорӣ дар коре; истодагарӣ дар рӯ ба рӯи тарафи муқобил

[10] Яминуддавла Султон Маҳмуд – фарзанди бузургтарини Сабуктагин, ки савумин подшоҳи муктадири Ғазнавиён буд. Соли 387/997 ба салтанат расид ва сиву се сол ҳукмронӣ намуд. Соли 421/1030 дар синни 51- солагӣ даргузашт.

[11] Яъне: Худованд (рӯзи қиёмат) бар забони ӯ бурҳону ҳуҷҷат бигузорад.

[12] мароға кардан – дар хок ғалтидан. Манзури матлаб бе ҳеҷ ҳуҷҷату баҳона мақсуди худро ба даст овардан аст, то чӣ расад агар далелу санаде дар даст дошта бошанд.

[13] маориф – ашхоси маъруф, номдорон

[14] заорат – бадхӯӣ

[15] тазвир – найранг

[16] тамвеҳ – чизеро бар хилофи ҳақиқаташ нишон додан

Ҳасани Маймандиро[1] бар эшон раҳмат омад ва хироҷн он соли эшонро бибахшид ва аз аворизашон[2] масун[3] дошту гуфт: «Бозгардед ва беш кӯшед ва кам харҷ кунед, то сари сол ба ҷои хеш бозоед».

Ҷамоати ламғониён бо фараҳе қавӣ ва башошате[4] тамом бозгаштанд ва он сол мураффаҳ бинишастанд ва об ба кас надоданд. Ва чун сол ба сар шуд, ҳамон ҷамоат бозомаданд ва қиссаи худ ба хоҷа[5] рафъ карданд[6]. Нукати он қисса мақсур бар он, ки соли пор худованд – хоҷаи бузург вилояти моро ба раҳмату отифати хеш биёрост ва ба ҳимояту ҳиётати[7] худ нигоҳ дошт ва аҳли Ламғон бадон караму отифат ба ҷои хеш расиданд ва чунон шуданд, ки дар он сағр[8] муқом[9] тавонанд кард. Аммо ҳанӯз чун музалзалианд[10] ва метарсем, ки агар моли мувозиатро[11] имсол талаб кунанд, баъзе мустаъсил[12] шаванд ва асари он халал ҳам ба хизонаи маъмура[13] бозгардад.

Хоҷа Аҳмади Ҳасан ҳам лутфе бикард ва моли дигар сол бибахшид.

Дар ин ду сол аҳли Ламгон тавонгар шуданд ва бар он басанда накарданд. Дар савум сол тамаъ карданд, ки магар бибахшад. Ҳамон ҷамоат боз ба девон ҳозир

---

[1] Аҳмад Ҳасани Маймандӣ – мурод Абулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандист, ки вазири донишманди Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд буд. Аз адаб баҳраи комил дошт. Вафоташ соли 424/1033 сурат гирифтааст.

[2] авориз – ҳодисот, рухдодҳо. Ин ҷо мурод молиёти барзиёдӣ аст.

[3] масун – эмин, маҳфуз

[4] башошат – шодмонӣ, хушҳолӣ

[5] хоҷа – мурод ҳамон Ҳасани Маймандист, ки чанд сатр қабл зикр ёфтааст.

[6] рафъ карданд – бардоштанд, расониданд, шикоят бурданд

[7] ҳиётат – муҳофизат, эҳтиёт кардан

[8] сағр – марз, сарҳад

[9] муқом – пойдорӣ, истодагарӣ

[10] музалзалӣ – нотавон, тарсон

[11] моли мувозиат – моле, ки ба тариқи маъмул гирифта мешуд.

[12] мустаъсил – аз шиддати ниёзу тиҳидастӣ дармонда шудан; нобуд

[13] хизонаи маъмура – хазинаи давлат (байтулмол), ки ҳамеша ободу лабрез бод.

омаданд ва қисса арза карданд ва ҳама оламро маълум шуд, ки ламғониён бар ботиланд.

Хоҷаи бузург қисса бар пушт гардонид[1] ва бинавишт, ки *«ал-Хароҷу хуроҷун адоуҳу давоуҳу»*. Гуфт: «Хироҷ реши ҳазорчашма аст, гузоридани ӯ доруи ӯст».

Ва аз рӯзгори он бузург ин маънӣ масале шуд ва дар бисёре ҷой ба кор омад. Хок бар он бузург хуш бод!

### Ҳикоят (6)

Дар аҳди давлати Оли Аббос[2], разияллоҳу анҳум[3], хоҷагон[4] шигарф хостанд[5] ва ҳоли Баромика[6] худ маъруфу машҳур аст, ки силоту[7] бахшиши эшон бар чи дараҷаву мартаба будааст. Аммо Ҳасани Саҳли Зурриёсатайн[8]

---

[1] қисса бар пушт гардонид – мурод расмест аз он замона, ки агар қасди иҳонату танбеҳи тарафи муқобил пеш меомад, дар паси мактубу дархостнома посухи онро менавиштанд.

[2] Оли Аббос – хонадоне аз Банӣ Ҳошим, аз насли Аббос ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим, ки амуи Расулуллоҳ (с) буд. Ин хонадон, ки бо номи «Аббосиён» ва «Банӣ Аббос» низ ёд мешавад, пас аз барандохтани Умавиён (Банӣ Умайя), аз соли 132 то 656/750 то 1258 хилофат ронданд. Аввалин халифаи онон Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад, маъруф ба «Саффоҳ» ва охирини эшон Муътасим буд. Нахуст Анбор, баъд Куфа ва сипас Багдод пойтахти ин хонадон қарор гирифт.

[3] разияллоҳу анҳум – Худованд аз онҳо хушнуд бод.

[4] хоҷагон – бузургон, вазирон

[5] шигарф хостанд – бузург ва боло гардиданд

[6] Баромика – сурати ҷамъи «бармакӣ», ки нисбат ба «Бармак» аст. «Бармак» унвони яке аз хонадонҳои эронӣ, ки маъбади «Навбаҳор»-ро ба тариқиваросат роҳбарӣ мекарданд. Пас аз омадани ислом мусалмон шуданд ва нахустин вазирони Аббосиён аз онҳо бархост.

[7] силот – бахшишу ҳадяҳо

[8] Ҳасани Саҳли Зурриёсатайн – мурод Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Саҳл ибни Абдуллоҳи Сарахсист, ки вазири Маъмуни Аббосӣ буд. Дар фасоҳату заковат ва ҳусни тавқеоту саховат беназир буд. Падари Бурон (Пурон) – ҳамсари Маъмун аст. Соли 236/851 дар Сарахс даргузашт (ал-Аълом, ч.2, саҳ.192). Муаллифи «Таърихи Бағдод» навишта: «Ӯ бародари Зурриёсатайн – Фазл ибни Саҳл аст. Ҳар ду аз хонадони бонуфузи маҷусон буданд ва бо падари хеш – Саҳл дар айёми Ҳорунаррашид исломро пазируфтанд» (Таърихи Бағдод, ч.6, саҳ.45). Аз ин сухан бармеояд, ки дар китоб иштибоҳ рафтааст ва «Зурриёсатайн» ба ҷои Фазл ибни Саҳл, лақаби Ҳасан ибни Саҳл дониста шудааст. Лақаби Фазл будани «Зурриёсатайн» аз ҷониби Ибни Халликон (Вафийёт-ул-аъён, ч.2, саҳ.101), Зириклӣ (ал-Аълом, ч.2, саҳ.192) ва дигар донишмандон низ таъкид ёфтааст.

ва Фазли[1] бародараш, ки аз осмон даргузаштанд, то ба дараҷае, ки Маъмун духтари Фазлро хитбат[2] кард[3] ва бихост. Ва он духтаре буд, ки дар ҷамол баркамол буд ва дар фазл бемисол. Ва қарор бар он буд, ки Маъмун ба хонаи арӯс равад ва як моҳ он ҷо муқом кунад ва баъд аз як моҳ ба хонаи хеш бозояд бо арӯс.

Ин рӯз, ки навбати рафтан буд, чунонки расм аст, хост, ки ҷомаи беҳтар пӯшад. Ва Маъмун пайваста сиёҳ пӯшидӣ ва мардумон чунон гумон бурданд, бад-он ҳамепӯшанд, ки шиори Аббосиён сиёҳ аст. То як рӯз Яҳёи Аксам[4] суол кард, ки аз чист, ки Амирулмуъминин бар ҷомаи сиёҳ иқболи беш мефармояд? Маъмун бо Қозӣ Имом гуфт, ки сиёҳ ҷомаи мардону зиндагон аст, ки ҳеҷ занеро бо ҷомаи сиёҳ арӯс накунанд ва ҳеҷ мурдаеро бо ҷомаи сиёҳ ба гӯр накунанд. Яҳё аз ин ҷавобҳо тааҷҷуб кард.

Пас, Маъмун он рӯз ҷомахонаҳо арз кардан хост ва аз он ҳазор қабои атласи маъданӣ ва мулкӣ ва тамим[5] ва насиҷ[6]

---

[1] Фазл – Абулаббос Фазл ибни Саҳли Сарахсӣ, ки вазир ва соҳибтадбири Маъмун буд. Қабл аз расидани Маъмун ба хилофат, бо ӯ дӯстӣ дошт. Чун ба хилофат расид, вазорат ва сарлашкариро ба ӯ вогузошт. Ба ин мӯҷиб, «Зуррисатайн» (соҳиби ду мансаб – вазорат (сиёсат) ва ҳарб) лақаб ёфт. Соли 202/818 дар Сарахс кушта шуд.

[2] хитбат – хостгорӣ

[3] духтари Фазлро хитбат кард – тавағғуҳ бар сарчашмаҳо возеҳ месозад, ки ин ҷо низ муаллиф ба ғалат рафтааст. Зеро Маъмун, на духтари Фазл, балки Пурон духтари бародараш Ҳасанро хостгорӣ намуд ва бо ӯ издивоҷ кард. Ин воқеа дар рамазони соли 210/825 будааст ва дар Фаммуссилҳ ба вуқуъ пайвастааст (Вафийёт-ул-аъён, ҷ.1, саҳ.277-280; Таърихи Бағдод, ҷ.6, саҳ. 45).

[4] Яҳёи Аксам – аз бузургони дарбори Маъмун аст. Дар фиқҳ ва адаби қазо саромади рӯзгори хеш ҳисоб меёфт. Дар Марв ба дунё омад (соли 159/775). Дар замони иқомати Маъмун дар Марв ба ӯ пайваст. Он гоҳ қозии Басра қарор дода шуд, баъд аз он қозиюлқуззоти Бағдод ихтиёр гардид ва афзун, бар ин тадбири мамлакат низ ба ӯ гузошта шуд. Вазирон дар фармони ӯ буданд. Осори зиёде ба мерос гузошт. Соли 242/858 дар Рабаза (аз деҳаҳои Мадина) зиндагиро падруд гуфт.

[5] тамим – навъе матоъ ва ҷомаи сапедранги гаронбаҳо

[6] насиҷ – бофташуда

ва мумаззач[1] ва миқрозӣ[2] ва иксун[3] хеҷ написандид ва ҳам сиёҳе дарпӯшид ва барнишасту рӯй ба хонаи арӯс ниҳод.

Ва он рӯз Фазл сарои хешро биёроста буд, бар сабиле, ки бузургон ҳайрон бимонданд. Чандон нафоис ҷамъ карда буд, ки анфос[4] аз шарҳу сифати он қосир буданд. Маъмун чун ба дари сарой расид, пардае дид овехта, хуррамтар аз Баҳори Чин ва нафистар аз шиори дин, нақши ӯ дар дил ҳамеовехт ва ранги ӯ ба ҷон ҳамеомехт. Рӯй ба нудамо карду гуфт: «Аз он ҳазор қабо ҳар кадом, ки ихтиёр кардаме, ин ҷо расво гаштаме. *«ал-Ҳамду лиллоҳи шукран»*[5], ки бар ин сиёҳ ихтисор афтод».

Ва аз ҷумлаи такаллуф, ки Фазл он рӯз карда буд, яке он буд, ки чун Маъмун ба миёни сарой расид, табақе пур карда буд аз мум ба ҳайъати марвориди гирд, ҳар яке чун фундуқе[6], дар ҳар яке порае коғаз, номи деҳе бар ӯ набишта, дар пои Маъмун рехт ва аз мардуми Маъмун ҳар ки аз он мум биёфт, қаболаи[7] он деҳ бад-ӯ фиристод. Ва чун Маъмун ба байтуларус[8] биёмад, хонае дид муҷассасу[9] мунаққаш, эзори[10] чинӣ зада, хуррамтар аз машриқ дар вақти дамидани субҳ ва хуштар аз бӯстон ба гоҳи расидани гул ва хонаворе ҳасир[11] аз шӯшаи зари кашида[12] афканда ва

---

[1] мумаззач – матое, ки дар он торҳои тилло ба кор мебурданд.
[2] миқрозӣ – исми навъе матои нафису гаронбаҳо
[3] иксун – навъе аз ҳарир, дебои сиёҳ
[4] анфос – баёнҳо
[5] Яъне: Худоро, ки ситоиш хоси Ӯст, шукргузорам.
[6] фундуқ – меваи чормағзгунаи қаҳваранг
[7] қабола – санади моликият
[8] байтуларус – хонаи арӯс
[9] муҷассас – гаҷкоришуда
[10] эзор – қисмати поёнии девор, ки одатан бар он такя мекунанд ва барои зинат ё эҳтиёти либос аз ранги девор, он бахшро бо чӯбкорӣ, кошикорӣ ва ғайра оро медиҳанд.
[11] ҳасир – бӯриё, зерандоз
[12] шӯшаи зари кашида – тор ва риштаҳои бофта аз зар

ба дурру лаълу пирӯза тарсеъ[1] карда ва ҳам бар он мисол шаш болише ниҳода ва нигоре дар садри ӯ нишаста, аз умру зиндагонӣ ширинтар ва аз сиҳҳату ҷавонӣ хуштар, қомате, ки сарви ғотфар[2] бад-ӯ банда навиштӣ, бо оризе, ки шамси анвар ӯро худованд хондӣ. Мӯи ӯ рашки мушку анбар буд ва чашми ӯ ҳасади ҷазъу[3] абҳар. Ҳамчу сарве бар пой хост ва бихиромиду пеши Маъмун бозомад ва хидмате некӯ бикард ва узре гарм бихост ва дасти Маъмун бигирифту биёвард ва дар садр binишонд ва пеши ӯ ба хидмат биистод. Маъмун ӯро нишастан фармуд. Ба ду зону даромад ва сар дар пеш овард ва чашм бар бисот афканд. Маъмун вола гашт, дил дарбохта буд, ҷон бар сари дил ниҳод, даст дароз кард ва аз хилоли қабо ҳаждаҳ дона марворид баркашид, ҳар яке чанди байзаи усфуре[4], аз кавокиби[5] осмон равшантар ва аз дандони хубрӯён обдортар ва аз Кайвону Муштарӣ мудаввартар, балки мунаввартар, нисор кард. Бар рӯи он бисот ба ҳаракат омаданд ва аз истивои бисоту[6] тадвири дурар[7] ҳаракот мутавотир[8] гашт ва сукунро маҷол намонд. Духтар бад-он ҷавоҳир илтифот накард ва сар аз пеш барнаёвард. Маъмун машъуфтар[9] гашт, даст биёзид ва дари инбисот[10] боз кард, то магар муонақа[11] кунад. Оризаи шарм истеъло

---

[1] тарсеъ – зарнишон кардан, заркашӣ; бар рӯи чизе зарро часпонидан

[2] сарви ғотфар – қомат ва ҷисми кашидаву зеборо бо ин таъбир ифода мекунанд.

[3] ҷазъ – навъе санги қиматбаҳо

[4] байзаи усфур – тухми гунҷишк

[5] кавокиб – ситорагон

[6] истивои бисот – ростии гилем

[7] тадвири дурар – гардиши марворидҳо

[8] мутавотир – пай дар пай

[9] машъуф – шефта

[10] инбисот – хушҳолӣ

[11] муонақа – дар оғӯш гирифтан

гирифт[1] ва он нозанин чунон мунфаъил[2] шуд, ки ҳолате, ки ба занон махсус аст, воқеъ шуд ва асари шарму хиҷолат бар сафаҳоти ваҷаноти[3] ӯ зоҳир гашт, бар фавр гуфт: «Ё Амиралмуъминин: *«Ато амруллоҳи фало тастаъҷилуҳу»*[4]. Маъмун даст бозкашид ва хост, ки ӯро ғашӣ[5] афтад аз ғояти фасоҳати ин оят ва лутфи ба кор бурдани ӯ дар ин воқеа. Низ аз ӯ чашм барнатавонист дошт ва ҳаждаҳ рӯз аз он хона берун наёмад ва ба ҳеҷ кор машғул нашуд, илло бад-ӯ. Ва кори Фазл боло гирифт ва расид бад-он ҷо, ки расид.

### Ҳикоят (7)

Аммо дар рӯзгори мо ҳам аз хулафои Банӣ Аббос Ибн ал-Мустазҳир ал-Мустаршид биллоҳ[6], амирулмуъминин, тайябаллоҳу турбатаҳу ва рафаъа фи-л-ҷинони рутбатаҳу[7], аз шаҳри Бағдод хуруҷ кард бо лашкаре ороста ва таҷаммуле пероста ва хазинае бешумор ва силоҳе бисёр, мутаваҷҷиҳан ило[8] Хуросон, ба сабаби истизодате[9], ки аз султони олам Санҷар[10] дошт. Ва он синоати асҳоби ағроз[11]

[1] истеъло гирифт – боло шуд, бедору фарогир гардид
[2] мунфаъил – шармгин, хиҷолатзада
[3] ваҷанот – рухсораҳо, чеҳраҳо
[4] Яъне: Амри Худованд расид, бар он машитобед (сураи Наҳл, ояти 1).
[5] ғашӣ – беҳушӣ
[6] ал-Мустаршид биллоҳ – Мустаршид биллоҳ – Абӯмансур Фазл ибни Аҳмад (Мустазҳир биллоҳ) ибни Муқтадии Аббосӣ, ки бистунӯҳумин халифаи Аббосиён буд. Соли 512/1118 пас аз гузашти падараш ба хилофат нишаст. Марди олиҳиммат, шуҷоъ, фасеҳ ва шоиртабъ буд. Соли 529/1135 ба шаҳодат расид.
[7] Яъне: Худованд хокҷояшро пок дорад ва дар биҳишт ҷойгоҳашро боло барад.
[8] Яъне: рӯйниҳода ҷониби
[9] истизодат – озурдагӣ, гиламандӣ
[10] Санҷар – Санҷар ибни Маликшоҳ – Муиззуддин Абулҳорис Аҳмад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ, ки охирин подшоҳи Салҷуқиёни бузург аст. Соли 552/1157 даргузаштааст.
[11] асҳоби ағроз – ғаразмандон

буд ва тамвеҳу тазвири[1] аҳли шар, ки бад-он ҷо расонида буданд.

Чун ба Кирмоншоҳон[2] расид, рӯзи одина хутбае кард, ки дар фасоҳат аз зарваи[3] авҷи офтоб даргузашта буд ва ба мунтаҳои аршу иллийин[4] расид. Дар аснои ин хутба аз бас дилтангиву ғояти ноумедӣ шикояте кард аз Оли Салҷуқ, ки фусаҳои араб ва булағои аҷам инсоф бидоданд, ки баъд аз саҳобаи набӣ, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаъин[5], ки таломизаи нуқтаи нубувват буданд ва шореҳи калимоти ҷавомеъ-ул-калим[6], ҳеҷ кас фасле бад-ин ҷазолату фасоҳат назм надода буд. *Қола Амирулмуъминина ал-Мустаршиду биллоҳи: «Фаввазно умурано ило оли Салҷуқа фабаразу ъалайно фатола ъалайҳим-ул-амаду фақасат қулубуҳум ва касирун минҳум фосиқун»*[7]. Мегӯянд: «Корҳои хеш ба Оли Салҷуқ бозгузоштем, пас бар мо берун омаданд ва рӯзгор бар эшон баромад ва сиёҳу сахт шуд дилҳои эшон ва аз эшон бештар фосиқонанд». Яъне, гардан кашиданд аз фармонҳои мо дар дин ва мусалмонӣ.

### Ҳикоят (8)

Гӯрхони Хитой[8] ба дари Самарқанд бо султони

---

[1] тамвеҳу тазвир – макру ҳила

[2] Кирмоншоҳон – аз вилоятҳои муҳими Курдистони Эрон, ки риштакӯҳҳои Поток дар саросари он печидааст. Ин шаҳр аз қадим бар сари роҳи Ироқи араб қарор дорад.

[3] зарва – нуқтаи баландтарин

[4] иллийин – ҷойгоҳе дар осмон, ки арвоҳ ва номаи аъмоли некон он ҷо нигоҳдорӣ мешавад.

[5] Яъне: Хушнудии Худованд бар ҳамаи онон бод.

[6] ҷавомеъ-ул-калим – суханони кӯтоҳи фарохмаънӣ. Мурод аҳодиси набавӣ аст.

[7] Аз қисмати «Фатола...» то охир иқтибос аз ояти 16 сураи Ҳадид аст ва фасоҳати матлаб низ бар ҳамин ҷумла ва корбурди он пайванд мегирад.

[8] Гӯрхони Хитой – «Гӯрхон» номи умумии амирони Қарохитоиён мебошад. Нахуст дар Қошғар давлат ташкил доданд ва пойтахташон Балосоғун буд. Пас аз истиқрор, ба шаҳрҳои мусалмонон ҳуҷум оварданд ва қисме аз

олам Санҷар ибни Маликшоҳ масоф кард[1] ва лашкари исломро чунон чашмзахме афтод, ки натавон гуфт ва Мовароуннаҳр ӯро мусаллам шуд, баъд аз куштани имоми машриқ Ҳусомуддин[2], анораллоҳу бурҳонаҳу ва вассаъа алайҳи ризвонаҳу[3].

Пас, Гӯрхон Бухороро ба Атмтагин[4] дод, писари Амири Биёбонӣ, бародарзодаи Хоразмшоҳ Отсиз[5]. Ва дар вақти бозгаштан ӯро ба Хоҷа Имом Тоҷулислом Аҳмад ибни Абдулазиз[6] супурд, ки имоми Бухоро буд ва писари Бурҳон, то ҳарчи кунад бо ишорати ӯ кунад ва бе амри

---

Мовароуннаҳрро забт намуданд. Баъд аз он, ки дар Қатавон (деҳае дар панҷфарсахии Самарқанд) Гӯрхони Хитоӣ Санҷарро шикаст дод, онон ба Мовароуннаҳр фармонравоии том ёфтанд (Луғатнома, ҷ.12, саҳ.17087). Номи ин Гӯрхон «Кӯшқин Тойқу» дониста шудааст.

[1] масоф кард – ин воқеа соли 536/1142 ба вуқуъ пайвастааст ва бо номи «Ҷанги Қатавон» маъруф аст.

[2] имоми машриқ Ҳусомуддин – мурод Умар ибни Абдулазиз ибни Мозаи Ҳанафӣ аст, ки ба «Садри шаҳиди Бухороӣ», «Имом ибни Имом» ва «Баҳр ибни Баҳр» мулаққаб мегардид. Дар сафари соли 483/1090 ба дунё омад. Назди падараш Имом Бурҳонуддин Бухории Ҳанафӣ илм омӯхт. Соли 536/1142 дар воқеаи мавриди назар (ҷанги Қатавон) ба шаҳодат расид. Фарзандаш Муҳаммад ибни Умар низ аз фуқаҳои ҳанафии рӯзгораш буд. «Фатовои сағир», «Фатовои кабир», «Шарҳи «Ҷомеъ-ус-сағир» аз ҷумлаи таснифоти ӯст (Ҷавоҳир-ул-музиа, саҳ.253).

[3] Яъне: Худованд (дар рӯзи қиёмат бар забонаш) бурҳон гузорад ва хушнудиашро бар ӯ фарох созад.

[4] Атмтагин – ин шахс ҳамон қадар шинохта шуд, ки аз ин ҳикоят метавон дарёфт. Забт ва сурати дурусти ин ном низ баҳсбарангез аст.

[5] Хоразмшоҳ Отсиз – мурод Абулмузаффар Отсиз (Атсиз, Одсиз) ибни Муҳаммад ибни Ануштагин, ки «Алоуддин» лақаб дошт. Амири Хоразм буд. Пас аз падараш ба ин мансаб расид. Амири илмпарвар ва адабдӯст муаррифӣ ёфтааст. Рашиди Ватвот, Замахшарӣ ва иддаи дигаре аз бузургони он рӯзгор бо ӯ пайванд доштанд. Соли 551/1156 вафот ёфтааст. «Отсиз» – мураккаб аз «от» ва «сиз», ба маънои «беном» аст. Турконро расм чунин буда, ки чун касе аз онон пас аз валодат намемонд ва вафот мекард, фарзанди тозаёфтаро «Отсиз» ном мекардаанд, то зинда монад (Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, ҷ.1, саҳ.89).

[6] Хоҷа Имом Тоҷулислом Аҳмад ибни Абдулазиз – бародари Имом Ҳусомуддини фавқуззикр аст. Мавсуф яке аз машоихи соҳиби «Ҳидоя» – Марғинонӣ мебошад (Табақот-ус-сания, ҷ.1, саҳ.380; Ҷавоҳир-ул-музиа, саҳ.52).

ӯ ҳеҷ коре накунад ва ҳеҷ ҳаракат бе ҳузури ӯ накунад. Ва Гӯрхон бозгашт ва ба Барсахон[7] бозрафт ва адли ӯро андозае набуд ва нафози амри ӯро ҳадде на. Ва, алҳақ, ҳақиқати подшоҳӣ аз ин ду беш нест.

Атмтагин чун майдон танҳо ёфт, даст ба зулм бурд ва аз Бухоро истихроҷ[8] кардан гирифт. Бухориён тане чанд ба вафд[9] сӯи Барсахон рафтанд ва тазаллум карданд. Гӯрхон чун бишнид, номае навишт сӯи Атмтагин бар тариқи аҳли ислом: «Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Атмтагин бидонад, ки миёни мо агарчи масофат дур аст, ризову сахати[10] мо бад-ӯ наздик аст. Атмтагин он кунад, ки Аҳмад фармояд ва Аҳмад он фармояд, ки Муҳаммад фармудааст. Вассалом».

Борҳо ин тааммул рафтааст ва ин тафаккур кардаем, ҳазор муҷаллад шарҳи ин нома аст, балки зиёдат ва муҷмалаш бағоят ҳувайдову равшан аст ва муҳтоҷи шарҳ нест. Ва ман мисли ин кам дидаам.

### Ҳикоят (9)

Ғояти фасоҳати Қуръон эйҷози[11] лафзу эъҷози маъно аст ва ҳар чи фусаҳову булагоро амсоли ин тазмин афтодааст, то ба дараҷаест, ки даҳшат ҳамеорад ва оқилу болиғ аз ҳоли хеш ҳамебигардад. Ва он далеле возеҳ аст ва ҳуҷҷате қотеъ бар он, ки ин калом аз маҷории нафаси[12] ҳеҷ махлуқе нарафтааст ва аз ҳеҷ кому забоне ҳодис нашудааст

---

[7] Барсахон – шаҳре дар нуқтаи дуртарини Туркистони шарқӣ, дар ҳудуди Хутан, дар канори дарё, ободону пурнеъмат (Луғатнома, ҷ.3, саҳ.3965). Набояд Барсахонро бо Барсухон, ки Самъонӣ ва Ёқут онро аз деҳаҳои Бухоро донистаанд, бо ҳам омехт.

[8] истихроҷ – хироҷ хостан

[9] вафд – гурӯҳи намоянда

[10] ризову сахат – хушнудиву хашм

[11] эйҷоз – кӯтоҳ, мухтасар будан

[12] маҷории нафас – ҳулқум, гузаргоҳи нафас

ва рақами қидам[1] бар носияи ишороту ибороти ӯ мусбат[2] аст.

Овардаанд, ки яке аз аҳли ислом пеши Валид ибни Муғира[3] ин оят ҳамехонд: *«Қила ё арзу иблаъӣ моаки ва ё самоу ақлиъӣ ва ғиза-л-моу ва қузийа-л-амру вастават ъала-л-ҷудий»*[4]. *Фақола-л-Валиду-бну-л-Мугира: «Валлоҳи инна ъалайҳи латаловатан ва инна лаҳу лаҳаловатан ва инна аълоҳу ламусмирун ва инна асфалаҳу ламуғдиқун ва мо ҳува қавл-ул-башари»*[5].

Чун душманон дар фасоҳати Қуръону эъҷози ӯ дар маъдини инсоф бад-ин мақом расиданд, дӯстон бингар, то худ ба куҷо бирасанд?! Вассалом.

## Ҳикоят (10)

Пеш аз ин дар миёни мулуки асру ҷабобираи[6] рӯзгори пеш, чун Пешдодиёну[7] Каёну[8] акосира[9] ва хулафо расме

---

[1] қидам – қадимӣ будан, зидди ҳодис ва тозарасида. Матлаб ба ҷаҳони эътиқодии муаллиф ба масъалаи қадим ё ҳодис ва махлуқ ё ғайримахлуқ будани Қуръони маҷид ишора дорад.

[2] мусбат – сабтшуда

[3] Валид ибни Муғира – аз пешвоён ва қозиёни араб дар аҳди ҷоҳилӣ, ки 530 мелодӣ ба дунё омад. Дар куҳансолӣ аҳди исломро дарёфт ва то поёни умр дар душманӣ бо ин оини осмонӣ зист. Соли 1/622 чанд моҳ қабл аз ҳиҷрат даргузашт ва дар қабристони Ҳаҷун ба хок гузошта шуд. Падари саҳоба Холид ибни Валид аст (ал-Аълом, ҷ.8, саҳ.122).

[4] Яъне: Гуфта шуд: «Эй замин, обатро фурӯ бар ва эй осмон, аз боридан бозист. Ва об фурӯ нишаст ва кор бар поён расид ва (киштии Нӯҳ) ба Ҷудӣ қарор гирифт» (сураи Ҳуд, ояти 44).

[5] Яъне: Он ҷо Валид писари Муғира гуфт: «Савганд ба Худо, бешак дар ин сухан хушиву дилпазирист ва ҳатман дар он ҳаловат аст. Ҳамоно болои он пурмева ва поёни он пуршукуфа аст. Ин ҳаргиз сухани одамӣ нест».

[6] ҷабобира – қудратмандон, подшоҳон, ситамгарон

[7] Пешдодиён – силсилаи нахустин аз подшоҳони асотирии Эрон. «Пешдод» – лақаби Ҳушанг – подшоҳи асотирии Эрон аст.

[8] Каён – дувумин силсилаи подшоҳони Эрон, аз Кайқубод то Доро; подшоҳони бузург

[9] акосира – сурати ҷамъи «Кисро». «Кисро» лақаби Анӯшервон аст. «Акосира» ба шоҳони Сосонӣ итлоқ мегардад, бахусус фарзандони Анӯшервон.

будааст, ки муфохирату муборизат ба адлу фазл кардандӣ ва ҳар расуле, ки фиристодандӣ, аз ҳикаму румузу луғаз масоил бо ӯ ҳамроҳ кардандӣ. Ва дар ин ҳолат подшоҳ муҳтоҷ шудӣ ба арбоби ақлу тамиз ва асҳоби рою тадбир. Ва чанд маҷлис дар он нишастандиву бархостандӣ, то он гоҳ, ки он ҷавобҳо бар як ваҷҳ қарор гирифтӣ ва он луғазу румуз зоҳиру ҳувайдо шудӣ, он гоҳ расулро гусел кардандӣ. Ва ин тартиб ба ҷой будааст, то ба рӯзгори султони одил Ямин-уд-давлати ва-д-дин Маҳмуд ибни Сабуктагин, раҳимаҳуллоҳ. Ва баъд аз ӯ чун Салҷуқиён омаданд ва эшон мардумони биёбоннишин буданд ва аз маҷории[1] аҳволу маолии осори[2] мулук бехабар, бештар аз русуми подшоҳӣ ба рӯзгори эшон мундарис[3] шуд ва басе аз заруриёти мулк мунтамис[4] гашт. Яке аз он девони барид[5] аст. Боқӣ бар ин қиёс тавон кардан.

Овардаанд, ки султон Яминуддавла Маҳмуд, раҳимаҳуллоҳ, рӯзе расуле фиристод ба Мовароуннаҳр ба наздики Буғрохон[6] ва дар номае, ки таҳрир афтода буд, тақрир карда ин фасл, ки: «*Қолаллоҳу таъоло: «Инна акрамакум ъиндаллоҳи атқокум»*[7]. Ва арбоби ҳақоиқу

[1] маҷорӣ – роҳҳо, равишҳо

[2] маолии осор – нишонаҳову одоти бузург

[3] мундарис – нобуд, азбайнрафта

[4] мунтамис – нопадид, маҳвшуда

[5] девони барид – идораи номаву рисолот

[6] Буғрохон – Ҳорун ибни Сулаймони элик, ки ба «Буғрохони туркӣ» маъруф аст. Аз Эликхониёни Туркистон аст. Тақрибан соли 283/896 ба Бухоро лашкар кашид ва бо гирифтани он давлати Хонияро асос гузошт (Фарҳанги форсӣ, ч.5, саҳ.272). Аллома Қазвинӣ бо такя бар соли даргузашти Буғрохон (383/993) ва номувофиқатии он бо ҷулуси Султон Маҳмуд – 388/998 ин шахсро на Буғрохон, балки Эликхон медонад. Зеро пас аз вафоти Буғрохон, Эликхон, ки бародар ё бародарзода ва ё хоҳарзодаи Буғрохон буд, ба ҷои ӯ нишаст ва бо Султон Маҳмуд муосир буд (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу) саҳ. 144). Ин назарро фатҳи мусаллами Бухоро, ки соли 389/999 дар аҳди Абдулмалики Сомонӣ аз ҷониби Эликхон Наср ибни Алӣ сурат гирифтааст, низ таъйид менамояд (Фарҳанги форсӣ, ч.5, саҳ.217).

[7] Яъне: Гиромитарини шумо назди Худованд, тақвокортарини шумост (су-

асҳоби дақоиқ бар он қарор додаанд, ки ин тақия[1] аз ҷаҳл мефармояд, ки ҳеҷ нуқсоне арвоҳи инсонро аз нуқси ҷаҳл батар нест ва аз нуқси нодонӣ бозпастар на ва каломи ноофарида[2] ғувоҳӣ ҳамедиҳад бар сиҳҳати ин қазият ва дурустии ин хабар: *«Валлазина уту-л-ъилма дараҷот»*[3]. Пас, ҳамехоҳем, ки аиммаи вилояти Мовароуннаҳр ва уламои замини машриқ ва афозили ҳазрати Хоқон[4] аз заруриёт ин қадар хабар диҳанд, ки: Нубувват чист? Вилоят чист? Дин чист? Ислом чист? Имон чист? Эҳсон чист? Тақво чист? Амри маъруф чист? Наҳйи мункар чист? Сирот чист? Мизон чист? Раҳм чист? Шафқат чист? Адл чист? Фазл чист?»

Чун ин нома ба ҳазрати Буғрохон расид ва бар мазмуну макнуни[5] ӯ вуқуф ёфт, аиммаи Мовароуннаҳрро аз диёру билод бозхонд ва дар ин маънӣ бо эшон машварат кард ва чанд кас аз кибору изоми аиммаи[6] Мовароуннаҳр қабул карданд, ки ҳар як дар ин боб китобе кунанд ва дар аснои сухану матни китоб ҷавоби он калимот дарҷ кунанд ва бар ин чаҳор моҳ замон хостанд. Ва ин муҳлат ба анвоъ музир(р)[7] ҳамебуд, чӣ аз ҳама қавитар ихроҷоти хазина буд дар ихроҷоти расулону пайкон ва тааҳҳуди аимма. То Муҳаммад ибни Абдаҳ ал-Котиб[8], ки дабири Буғрохон буд ва дар илм тааммуқе ва дар фазл танаввуқе[9] дошт ва дар

---

раи Ҳуҷурот, ояти 13).

[1] тақия – парҳезгорӣ, тақво

[2] каломи ноофарида – мурод Қуръони маҷид аст, муаллиф бо таъбири «қадим» дар сафаҳоти қабл борҳо бар ин ишора намудааст. Ин аз назарияи эътиқодии муаллиф дарак медиҳад.

[3] Яъне: Худованд олимонро ба мартабаҳое боло мебарад (сураи Муҷодала, ояти 11).

[4] Хоқон – подшоҳ; лақабе, ки ба шоҳони чиниву туркӣ медоданд.

[5] макнун – нуктаҳои пӯшида

[6] изоми аимма – бузургони пешвоён

[7] музир(р) – зараровар

[8] Муҳаммад ибни Абдаҳ ал-Котиб – ниг.саҳ.43

[9] танаввуқ – устодӣ дар кор, салиқаву завқ дар умур

назму наср табаҳҳуре ва аз фузалову булағои ислом яке ӯ буд, гуфт: «Ман ин суолотро дар ду калима ҷавоб кунам, чунонки афозили ислом ва амосили[1] машриқ чун бубинанд, дар маҳалли ризо ва мақарри[2] писанд афтад». Пас, қалам баргирифт ва дар поёни масоил бар тибқи фатво бинавишт, ки: «*Қола Расулуллоҳи, саллалоҳу алайҳи ва саллама: «ат-Таъзиму лиамриллоҳи ва-ш-шафқату ъало халқиллоҳи»*[3].

Ҳамаи аиммаи Мовароуннаҳр ангушт ба дандон гирифтанд ва шигифтиҳо намуданд ва гуфтанд: «Ин-т ҷавобе комил ва ин-т лафзе шомил!» Ва Хоқон азим барафрӯхт[4], ки ба дабир кифоят шуд ва ба аимма ҳоҷат наяфтод.

Ва чун ба Ғазнин расид, ҳама бисандидиданд.

Пас, аз ин муқаддамот натиҷа он ҳамеояд, ки дабири оқилу фозил меҳин[5] ҷамолест аз таҷаммули подшоҳ ва беҳин рифъатест аз тараффуъи[6] подшоҳӣ. Пас, бад-ин ҳикоят ин мақолатро хатм кунем. Вассалом.

---

[1] амосил – бузургон, афроди бошараф

[2] мақар(р) – ҷойгоҳ, мақом

[3] Яъне: (Посух чунин аст:) Расули Худо, дуруду саломи Худо бар ӯ бод, фармуданд: «Бузург доштани фармонҳои Худо ва ғамхорӣ бар халқи Ӯ».

[4] барафрӯхт – бисёр шод шуд; аз хурсандӣ рӯй гулгуну тобандагӣ ёфт

[5] меҳин – бузургтарин

[6] тараффуъ – баландӣ ёфтан, иззат

# МАҚОЛАТИ ДУВУМ

## Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир

Шоирӣ синоате аст, ки шоир бад-он синоат иттисоқи[1] муқаддамоти муҳима[2] кунад ва илтиоми[3] қиёсоти мунтиҷа[4], бар он ваҷҳ, ки маънии хурдро бузург гардонад ва маънои бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт бознамояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад ва ба иҳом[5] қувватҳои ғазабониву шаҳавониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро[6] инқибозеву[7] инбисоте[8] бувад ва умури изомро[9] дар низоми олам сабаб шавад. Чунонки овардаанд:

### Ҳикоят (1)

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустониро[10] пурсиданд, ки

[1] иттисоқ – танзиму тартиб бахшидан

[2] муқаддамоти муҳима – василаҳои нахустини маонии хаёлӣ

[3] илтиом (илтиём) – созгор сохтан

[4] мунтиҷа – натиҷабахш

[5] иҳом (ийҳом) – хаёл; корбурди калимаҳои ду ва ё чандмаъноӣ; ба ваҳму хаёл андохтан

[6] тибоъ – табъҳо, сириштҳо

[7] инқибоз – бастагӣ, гирифтагӣ

[8] инбисот – кушодагӣ, боз шудан

[9] изом – бузург, муҳим

[10] Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ – Ибни Асир оварда: «Аз умарои Тоҳирия буд ва баъд аз инқирози Тоҳирия ба дасти Саффория, ӯ ба хидмати Саффориён пайваст ва аз ҳусни тадбиру фарти кифояти худ ба мақомоти олия расид ва бар ағлаби билоди Хуросон муставлӣ гашт. То он ҷо, ки бо Амр ибни Лайс дар Нишопур масоф дода, ӯро бишикаст ва қасди фатҳи Ироқ намуд ва дароҳиму данонир ба номи хеш сикка зад. Вале аҷал ба зудӣ ҳавои истибдодро аз димоғаш берун бурд. Дар санаи 268/882 ба дасти ғуломони худ дар Нишо-

ту марде харбанда[1] будӣ, ба амирии Хуросон чун афтодӣ? Гуфт: «Ба Бодғис[2] дар Хуҷустон рӯзе девони Ҳанзалаи Бодғисӣ[3] ҳамехондам, бад-ин ду байт расидам:

*Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,*
*Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.*
*Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,*
*Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.*

Доияе[4] дар ботини ман падид омад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар он ҳолат, ки андар будам, розӣ натавонистам буд. Харонро бифурӯхтам ва асп харидаму аз ватани хеш реҳлат кардам ва ба хидмати Алӣ ибни Лайс[5] шудам – бародари Яъқуб ибни Лайс[6] ва Амр ибни Лайс[7]. Ва бози давлати Саффориён[8] дар зарваи авҷи иллийин парвоз ҳамекард ва Алӣ бародари кеҳин[9] буд ва Яъқубу Амрро бар ӯ иқболе тамом буд. Чун Яъқуб аз Хуросон ба Ғазнин шуд, аз роҳи ҷибол, Алӣ ибни

---

пур кушта шуду фитнаи ӯ бихобид ва муддати тағаллуби ӯ ҳашт сол буд» (ниг. Луғатнома, ҷ.1, саҳ.1032). Хуҷустон – бахше аз кӯҳистони Ҳирот аст (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.2, саҳ.347).

[1] харбанда – он ки хару хачирро ба кироя медиҳад; нигаҳбону молики хар

[2] Бодғис – шаҳраке дар наздикии Ҳирот. Сурати аслии онро «Бодхез» донистаанд.

[3] Ҳанзалаи Бодғисӣ – аз ҷумлаи аввалин шоирони форсигӯ, ки дар аҳди Тоҳириён мезист. Даргузашти ӯро дар соли 219-220/834-835 донистаанд.

[4] доия – ангеза, иштиёқ

[5] Алӣ ибни Лайс – фарзанди кӯчактарини Лайс ва бародари хурдтари Яъқуби Лайс аст. Дар айёми ҳукумати Яъқуб дар канори ӯ буд. Пас аз даргузашти ӯ, бо бародараш Амр ихтилоф пайдо кард ва ин сабаб гардид, то борҳо зиндонӣ бишавад ва дар паноҳи дигар ҳокимон умр ба сар барад.

[6] Яъқуб ибни Лайс – писари калонии Лайси Саффор. Ӯ Ҳирот, Кирмон, Форс ва Кобулро тасхир намуд ва нахустин давлати ниммустақилро пас аз аҳди ислом бунёд ниҳод. Соли 265/878 дар Хузистон даргузашт.

[7] Амр ибни Лайс – фарзанди дувуми Лайси Саффорӣ ва дувумин подшоҳи Саффориён аст. Пас аз Яъқуб, соли 265/878 ба салтанат расид. Соли 287/900 дар наздикии Балх бо Исмоили Сомонӣ корзор кард ва асир афтод. Ба Бағдод фиристода шуд ва пас аз ду сол (289/902) ба амри халифа кушта гардид.

[8] Саффориён – хонадоне, ки байни солҳои 254-290/868-903 дар Эрони шарқӣ ҳукумат намуданд. Ин хонадон «Оли Лайс», «Оли Саффор» ва «Саффория» низ хонда мешаванд. Муассиси ин хонадон Яъқуб ибни Лайс аст.

[9] кеҳин – хурдӣ

Лайс маро аз рибoти Сангин[1] бозгардонид ва ба Хуросон ба шаҳнагии[2] иқтоот[3] фармуд ва ман аз он лашкар саворе сад бар роҳ карда будам ва саворе бист аз худ доштам. Ва аз иқтооти Алӣ ибни Лайс яке Карухи[4] Ҳарӣ[5] буд ва дувум Хофи[6] Нишопур.

Чун ба Карух расидам, фармон арза кардам. Он чи ба ман расид, тафриқаи лашкар кардам ва ба лашкар додам. Савори ман сесад шуд. Чун ба Хоф расидам ва фармон арза кардам, хоҷагони Хоф тамкин накарданд ва гуфтанд: «Моро шаҳнае бояд бо даҳ тан».

Ройи ман бар он ҷумла қарор гирифт, ки даст аз тоати Саффориён боздоштам ва Хофро горат кардам ва ба рустои Бушт[7] берун шудам ва ба Байҳақ даромадам. Ду ҳазор савор бар ман ҷамъ шуд. Биёмадам ва Нишопур бигирифтам ва кори ман боло гирифт ва тараққӣ ҳамекард, то ҷумлаи Хуросон хештанро мустахлас[8] гардонидам. Асл ва сабаб ин ду байт шеър буд.

Ва Салломӣ[9] андар «Таърих»-и хеш ҳамеорад, ки кори Аҳмад ибни Абдуллоҳ ба дараҷае расид, ки ба Нишопур як

---

[1] рибoти Сангин – имкон дорад корвонсаро ё ҷойгоҳи хосе бошад

[2] шаҳнагӣ – маъмури низомӣ, муҳтасиб

[3] иқтоот – қитъаҳои замине, ки ба касе вогузор менамоянд; сарзаминҳо; минтақаҳои хосса

[4] Карух – шаҳраке, ки байни он ва Ҳирот даҳ фарсах роҳ аст. Аз ин шаҳрак ба ҳамаи сарзаминҳо кишмиш бурда мешавад (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.4, саҳ.458).

[5] Ҳарӣ – Ҳирот

[6] Хоф – аз навоҳии Нишопур, муттасил ба Зӯзан, ки деҳоти зиёд дорад ва сарсабз аст. Аз он адвия ва ангури бисёр ба даст меояд (ал-Ансоб, ҷ.2, саҳ.470).

[7] Бушт (Буст) – шаҳре буда воқеъ байни Сиҷистон, Ғазнин ва Ҳирот (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.1, саҳ.414).

[8] мустахлас – озод шуда, ба тасарруф даромада

[9] Салломӣ – Абуалӣ Салломии Байҳақии Нишопурӣ, ки соли 300/913 даргузаштааст. Саолибӣ ӯро аз зумраи наздикон ва котибони Алӣ ибни Мухтоҷ ва писари ӯ Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Муҳтоҷ хондааст. Ӯро соҳиби тасонифи бисёр дониста, ки «ат-Торих фӣ ахбори вуллоти Хуросон» аз ҷумлаи онҳо мебошад (Луғатнома, ҷ.8, саҳ.12091).

шаб сесад ҳазор динор ва понсад сар асп ва ҳазор то ҷома бибахшид. Ва имрӯз дар таърих аз мулуки қоҳира яке ӯст.

Асл он ду байт шеър буд. Ва дар арабу аҷам амсоли ин бисёр аст. Аммо бар ин яке ихтисор кардем.

Пас, подшоҳро аз шоири нек чора нест, ки бақои исми ӯро тартиб кунад ва зикри ӯро дар давовин ва дафотир мусбат гардонад, зеро ки чун подшоҳ ба амре, ки ногузир аст, маъмур шавад, аз лашкару ганҷу хазинаи ӯ осор намонад ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад.

Шариф Муҷаллидии Гургонӣ[1] гӯяд:

*Аз он чандон наими инҷаҳонӣ,*
*Ки монд аз Оли Сосон в-Оли Сомон.*
*Санои Рӯдакӣ мондасту мидҳат,*
*Навои Борбад мондасту дастон[2].*

Ва асомии[3] мулуки асру содоти[4] замон ба назми роеъву[5] шеъри шоеъи[6] ин ҷамоат боқӣ аст. Чунонки асомии Оли Сомон ба Устод Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ар-Рӯдакӣ ва Абулаббос ар-Рабинҷанӣ[7] ва Абулмасал ал-

---

[1] Шариф Муҷаллидии Гургонӣ – зоҳиран аз шоирони поёни асри X ва оғози асри XI аст. Зеро аз Сомониён чун давлати гузашта ёд мекунад. Ҳамчунин ашъораш дар «Тарҷумон-ул-балоға», ки аз таълифоти охири асри XI маҳсуб мегардад, мундариҷ аст. Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» аз ӯ ба сурати «Абӯшариф Аҳмад ибни Алии Муҷаллидии Гургонӣ» ёд намудааст. Дар «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Луғати фурс» ҳам ба ҳамин забт омадааст. Аз ин рӯ, имкон дорад, ки чунин низ бошад (Луғатнома, ҷ.12, саҳ. 17938).

[2] дастон – суруд, тарона

[3] асомӣ – номҳо

[4] содот – бузургон

[5] роеъ – гуворо, олӣ

[6] шоеъ – паҳншуда, роиҷ

[7] Абулаббос ар-Рабинҷанӣ – Абулаббос Фазл ибни Аббоси Рабинҷанӣ, аз шуарои Сомониён ва муосири Рӯдакист. Сурудааш дар марсияи Наср ибни Аҳмад ва таҳнияти ҷулуси Амир Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ возеҳ месозад, ки то соли 331/943 зинда будааст. Назди шуарои пас аз худ эътибори баланд доштааст. Манучеҳрӣ ӯро дар сафи шоирони бузурги қабл аз хеш ёд намудааст (Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон, саҳ.125). Рабинҷан – аз шаҳрҳои

Бухорӣ[1] ва Абӯисҳоқи Ҷӯйборӣ[2] ва Абулҳасани Ағаҷӣ[3] ва Таҳовӣ[4] ва Хаббозии Нишопурӣ[5] ва Абулҳасан ал-Кисоӣ[6].

Аммо асомии мулуки Оли Носируддин[7] боқӣ монад ба амсоли Унсурӣ[8] ва Асҷадӣ[9] ва Фаррухӣ[10] ва Баҳромӣ[11]

---

Суғд буда, дар наздикии Самарқанд қарор дорад. Ба сурати «Арбинҷан» низ ёд мешавад (ал-Ансоб, ҷ.3, саҳ.48).

[1] Абулмасал ал-Бухорӣ – аз шоирони оғози асри X ва ситоишгарони Оли Сомон аст. Абёти парокандаи ӯ дар фарҳангҳои куҳан ба назар мерасад ва ин аз мақоми баланди шоирии ӯ дарак медиҳад.

[2] Абӯисҳоқи Ҷӯйборӣ – Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Бухории Ҷӯйборӣ аз шоирони бузурги Оли Сомон ва муосири Рӯдакист. Авфӣ навишта: «Ҷӯйборӣ пайваста ризоҷӯи Борӣ буд, заргаре устод ва шоире устод» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.11).

[3] Абулҳасани Ағаҷӣ – аз амирону шоирони асри X ва муосири Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ аст. Номи ӯ ба суратҳои «Ағоҷӣ», «Оғочӣ», «Оғаҷӣ» низ сабт ёфтааст. Ӯ, илова бар шеъри форсӣ, дар насри арабӣ низ устод будааст. Саолибӣ ӯро дар радифи шоирони маъруфи тозигӯй овардааст (Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон, саҳ.189).

[4] Таҳовӣ – аз ситоишгарони Оли Сомон ва муосири Рӯдакӣ аст. Аз он ҷо, ки «Таҳовӣ» нисбат ба «Таҳо» – деҳае дар поёнзамини Миср, дар биёбон (ал-Ансоб, ҷ.4, саҳ.31) аст, назди муҳаққиқон ин забт номусаллам қарор гирифтааст. Ба ин мӯҷиб, сурати дурустро «Тахорӣ» (мансуб ба Тахорон – аз тавобеъ Марв ё Тахористон, ноҳияи маъруфи Хуросон) донистаанд (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу), саҳ. 149).

[5] Хаббозии Нишопурӣ – аз шоирони боэътибори аҳди Сомонӣ, ки соли 342/953 даргузаштааст.

[6] Абулҳасан ал-Кисоӣ – Абулҳасан (Абӯисҳоқ) Маҷдуддин Кисоии Марвазӣ, ки аз шоирони охири аҳди сомонӣ ва аввали аҳди ғазнавӣ буд. Соли 341/953 дар Марв ба дунё омад. То соли 391/1001 дар ҳаёт будааст. Авфӣ «аксари ашъори ӯ(ро) дар зуҳду ваъз» хондааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.33).

[7] Оли Носируддин– мурод Ғазнавиён аст. «Носируддин» – лақаби Сабуктагин мебошад, ки асосгузори салтанати ин хонадон буд.

[8] Унсурӣ – шоири маъруфи аҳди Ғазнавиён, ки дар дарбори Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд эътибори баланд дошт. Соли 431/1040 даргузаштааст.

[9] Асҷадӣ – Абӯназар Абдулазиз ибни Мансури Асҷадӣ, ки аз мамдуҳони Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ буд. Ба занни ғолиб давраи Мавдуд ибни Масъуди Ғазнавиро (ҳукм. 432-440/1041-1049) низ дарёфтааст.

[10] Фаррухӣ – аз шуарои қасидасарои номвари асри XI, ки дар дарбори Абулмузаффари Чағонӣ, сипас Маҳмуди Ғазнавӣ эътибори хосса дошт. Даргузашташ соли 429/1038 воқеъ афтодааст.

[11] Баҳромӣ – ниг. саҳ. 80

ва Зинатӣ[1] ва Бузарҷмеҳри Қойинӣ[2] ва Музаффарӣ[3] ва Маншурӣ[4] ва Манучеҳрӣ[5] ва Масъудӣ[6] ва Қассори Уммӣ[7] ва Абӯҳанифаи Искоф[8] ва Рошидӣ[9] ва Абулфараҷи Рунӣ[10] ва Масъуди Саъди Салмон[11] ва Муҳаммади Носир[12] ва Шоҳ

---

[1] Зинатӣ – Абдулҷаббор Зинатии Алавии Маҳмудӣ, ки аз шоирони боэътибори боргоҳи Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ буд ва насабаш ба табори бонаҷобат мепайваст. Авфӣ навишта: «Зинатӣ – зинати замону нодираи ҷаҳон, аз хонадони сиёдат ва аз дудмони саодат буд» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.39). Номи ӯ дар қисме аз манобеъ ба сурати «Зайнабӣ» низ сабт гардидааст.

[2] Бузарҷмеҳри Қойинӣ – аз шоирони зулисонайни асри XI, ки муосири Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ буд ва аз шукӯҳи онон сухан мегуфт. Намунаҳое аз ашъори арабиву форсии ӯ боқӣ мондааст.

[3] Музаффарӣ – мурод Музаффарии Панҷдеҳӣ аст, ки аз суханварони асри XI, муосири Фаррухӣ буд. Аз маддоҳони Маҳмуди Ғазнавист.

[4] Маншурӣ – манзур Абӯсаъд Аҳмад ибни Муҳаммади Маншурии Самарқандӣ аст. Ситоишгари Маҳмуди Ғазнавист. Авфӣ бо тасреҳ бадин нукта, чанд намуна ашъори мадҳии ӯро овардааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.531-533).

[5] Манучеҳрӣ – Абӯнаҷм Аҳмад бини Қавс ибни Аҳмади Манучеҳрии Домғонӣ аз шуарои нимаи аввали асри XI аст. Аз маддоҳони Масъуди Ғазнавист. Дар соли 432/1041 даргузаштааст.

[6] Масъудӣ – манзур Масъудии Розӣ (Ғазнавӣ) аст, ки дар аҳди Масъуди Ғазнавӣ аз эътибор бархурдор буд.

[7] Қассори Уммӣ – аз шоирони нимаи аввали асри XI буд ва Абӯаҳмад Муҳаммад ибни Маҳмуди Ғазнавиро месутуд.

[8] Абӯҳанифаи Искоф – мурод Абӯҳанифаи Искофии Ғазнавӣ аст, ки аз шоирони дарбори Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавӣ (450-492/1058-1099 ) буд.

[9] Рошидӣ – зоҳиран аз муосирони Абӯҳанифаи Искофӣ ва ситоишгарони Иброҳим ибни Мансури Ғазнавист.

[10] Абулфараҷи Рунӣ – Абулфараҷ ибни Масъуди Рунӣ, ки Абулмузаффар Иброҳим ибни Масъуд (450-492/1058-1099) ва Масъуд ибни Иброҳим ибни Масъудро (452-508/1060-1115) мадҳ мегуфт. Аҳли таҳқиқ дар мавриди зодгоҳи ӯ ихтилоф доранд. Баъзе «Руна» (аз деҳаҳои Нишопур) ва баъзе мавзее дар Лоҳур ёд намудаанд. Ризоқулихони Ҳидоят навишта: «Аслаш аз Руна – қаряи Нишопур аст… Чанде дар Лоҳур зиста ва боз ба рикоби султон пайваст. Лиҳозо, бархе ӯро «Лоҳурӣ» донанд» (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ.1, бахши аввал, саҳ.264).

[11] Масъуди Саъди Салмон – аз шоирони номвари нимаи дувуми асри XI ва ибтидои асри XII, ки бо Ғазнавиён пайванд дошт ва талхиву ширинии зиёдро аз салотини онон чашид. Даргузашти ӯро тақрибан соли 515/1121 донистаанд.

[12] Муҳаммади Носир – манзур Мухаммад ибни Носири Алавии Ғазнавӣ – бародари Сайид Ҳасани Ғазнавист, ки Баҳромшоҳи Ғазнавиро (ҳукм. 512-547/1118-1152) месутуд.

Бӯраҷо[1] ва Аҳмади Халаф[2] ва Усмони Мухторӣ[3] ва Маҷдуд ас-Саноӣ[4].

Аммо асомии Оли Хоқон[5] боқӣ монад ба Луълуӣ ва Килобӣ[6] ва Наҷибии Фарғонӣ[7] ва Амъақи Бухорӣ[8] ва Рашидии Самарқандӣ[9] ва Наҷҷори Соғарҷӣ[10] ва Алии

---

[1] Шоҳ Бӯраҷо – Шиҳобуддиншоҳ Алии Ғазнавӣ (Абӯраҷои Ғазнавӣ), ки аз шоирони дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ва муосири Саноиву Мухторӣ буд (Луғатнома, ч.7, саҳ. 401).

[2] Аҳмади Халаф – шоире ношинохта, ки зоҳиран, дар поёни асри XI ва ибтидои асри XII мезиста, ки бо шоирони инаҳдаи Ғазнавиён ҳамроҳ ёд шудааст. Қазвинӣ ба эҳтимоли заиф писари Халаф ибни Аҳмад – амири Систон донистааст (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу, саҳ.1214).

[3] Усмони Мухторӣ – Абулмафохир Хоҷа Ҳаким Сироҷиддин Абӯумар Усмон ибни Умари (ё Муҳаммади) Мухтории Ғазнавӣ, ки аз шоирони бонуфузи дарбори Ғазнавиён буд. Дар охири асри XI ва ибтидои асри XII зистааст. Илова бар салотини ғазнавӣ, Арслоншоҳи Салҷуқиро низ сутудааст. Вафоташ байни солҳои 544-549/1149-1154 дониста шудааст.

[4] Маҷдуд ас-Саноӣ – устоди шоирони ориф, муаллифи маснавии «Ҳадиқа». Бино ба қавли роҷеҳ, соли 545/1150 аз дунё даргузаштааст. Аз байни салотини ғазнавӣ бо Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавӣ пайванд дошт.

[5] Оли Хоқон – хонадоне аз фармонравоёни турк, ки тақрибан байни солҳои 320-560/932-1165 ҳукмронӣ доштанд. Аз ин хонадон ба сурати «Оли Афросиёб», «Хония», «Элик(г)хония», «Афрособия», «Қарахониён» ва «Хоқониён» низ ёд мешавад. Бештари ҳукумати онон дар Кошғар, Балосоғун ва қисмате аз Мовароуннаҳр будааст.

[6] Луълуӣ, Килобӣ – ҳамин андоза шинохта шудаанд, ки аз шоирони Оли Хоқон ҳастанд ва зоҳиран дар асри XI мезистаанд.

[7] Наҷибии Фарғонӣ – аз шоирони асри XI, ки дар дарбори Хизрхон ибни Тамғочхони Иброҳим, аз мулуки Хонияи Мовароуннаҳр, мезист. Ӯро бо Ломеии Гургонӣ мушоира ва муорифоте будааст (Луғатнома, ч.13, саҳ.19767).

[8] Амъақи Бухорӣ – аз шоирони поёни асри XI ва оғози асри XII Мовароуннаҳр, ки «Абӯнаҷиб» куния дошт ва ба «Шиҳобуддин» ва «Амирушшуаро» мулаққаб мегардид. Дар дарбори Оли Хоқон, дар Самарқанд, бо Рашидии Самарқандӣ ҳамроҳ хидмат мекард. Бо Санҷари Салҷуқӣ низ робита дошт. Тақрибан соли 543/1148 аз дунё даргузаштааст.

[9] Рашидии Самарқандӣ – аз суханварони номии дарбори Хизрхон ибни Иброҳим аст. Маддоҳи Ситтӣ Зайнаб (ҳамсари Хизрхон) буд ва ба василаи ӯ мақоми «Сайид-уш-шуаро»-ро дарёфт.

[10] Наҷҷори Соғарҷӣ – аз шуарои дарбори Хизрхон, ки ба «Саъдуддин» мулаққаб мегардид ва «Наҷҷорӣ» тахаллус дошт. Аз ӯ ба сурати «Наҷҷории Самарқандӣ» низ ёд мешавад. Авфӣ навишта, ки аксари шеъри ӯ рубоӣ мебошад (Лубоб-ул-албоб, ч.2, саҳ.383). Соғарҷ – аз деҳаҳои Суғд буда, дар панҷфарсахии Самарқанд қарор дорад (ал-Ансоб, ч.3, саҳ.221).

Бонизӣ[1] ва Писари Дарғуш[2] ва Алии Сипеҳрӣ[3] ва Ҷавҳарӣ[4] ва Суғдӣ[5] ва Писари Теша[6] ва Алии Шатранҷӣ[7].

Аммо асомии Оли Бӯя[8] боқӣ монад ба Устод Мантиқӣ[9] ва Каё Ғазоирӣ[10] ва Бундор[11].

Аммо асомии Оли Салҷуқ[12] боқӣ монад ба Фаррухии

---

[1] Алии Бонизӣ – аз шоирони дарбори Хизрхон ибни Тамғоч ва муосири Рашидӣ, Амъақ ва Наҷҷорӣ аст.

[2] Писари Дарғуш – аз шоиронест, ки дар Самарқанд дар дарбори султони хонияи Мовароуннаҳр Хизрхон мезист.

[3] Алии Сипеҳрӣ – зоҳиран аз шуарои муосир бо Амъақу Рашидист.

[4] Ҷавҳарӣ – шояд Ҷавҳарии Заргар аст, ки дар асри XII мезист. Бо Асируддини Ахсикатӣ, Адиб Собири Тирмизӣ муосир буд. Ё Ҳаким Абӯмаҳомид Маҳмуд ибни Умари Ҷавҳарии Соиғи Ҳиравӣ бошад, ки аз шоирони миёнаи асри XI аст.

[5] Суғдӣ – ҳамин андоза шинохта шуд, ки аз шуарои дарбори Оли Хоқон будааст.

[6] Писари Теша – аз шуарои Оли Хоқон аст.

[7] Алии Шатранҷӣ – манзур Ҷамолулҳукамо Деҳқон Алии Шатранҷӣ аст, ки аз ӯ ба сурати «Абӯалии Самарқандӣ» низ ёд мешвад. Бо суханварони Оли Хоқон Сӯзаниву Ломеӣ муосир буд. Гӯё дар бозии шатранҷ маҳорати хосса доштааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.199; Луғатнома, ҷ.10, саҳ.14318).

[8] Оли Бӯя – ин хонадон аз соли 320 то 448/932 то 1056 дар Эрони ҷанубӣ ва Ироқ ба истиқлол фармонравоӣ доштанд. Ин хонадонро се бародарон – Алӣ, Ҳасан ва Аҳмад, ки писарони Бӯяи моҳигир буданд, ташкил доданд. Алӣ бар Форс, Ҳасан бар Рай, Исфаҳон, Кошон, Ҳамадон ва Аҳмад бар Кирмон ва баъдан бар Бағдод ҳоким гардиданд. Хонадони мазкур ба «Дайламиён» низ маъруфанд.

[9] Мантиқӣ – мурод Абӯмуҳаммад Мансур ибни Алии Мантиқии Розист, ки аз шоирони зулисонайни асри X ва маддоҳи Соҳиб ибни Аббод – адиб ва вазири Фахруддавлаи Дайламӣ буд. Аз қадимтарин шоирони форсигӯи Ироқ ҳисоб меёбад. Аз навиштаи Авфӣ бармеояд, ки пеш аз расидани Бадеуззамони Ҳамадонӣ ба хидмати Соҳиб (байни солҳои 368-380/979-990), Мантиқӣ вафот кардааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.17-18; Шарҳи аҳвол ва... саҳ.199).

[10] Каё Ғазоирӣ – Абӯязид Муҳаммад ибни Алии Ғазоирии Розӣ, ки дар ибтидои асри XI мезист ва Баҳоуддавлаи Дайламиро месутуд. Муосири Унсурӣ буд. Мувофиқи навиштаи Ризоқулихон соли 426/1035 вафот кардааст (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, бахши дувум, саҳ.1553).

[11] Бундор – манзур Камолиддин Бундори Розӣ аст, ки аз маъруфтарин шоирони оғози асри XI буд. Дар ситоиши Оли Бӯя ва бузургони ин хонадон ашъори зиёд сурудааст. Ба арабиву форсӣ ва забони хоссаи мардуми Рай шеър мегуфт. Соли 401/1011 зиндагиро падруд гуфтааст.

[12] Оли Салҷуқ – хонадоне аз туркмони бадавӣ, ки дар ҳоли заъфи Аббосиён ба сарзаминҳои ислом фармонравоӣ ёфтанд. Ин хонадон ба чандин қисмат ҷудо шуданд ва ҳар як дар минтақае хос ҳукумат ронданд. Чун Салоҷуқаи Шом,

Гургонӣ[1] ва Ломеии Деҳистонӣ[2] ва Ҷаъфари Ҳамадонӣ[3] ва Дарфирӯзи Фахрӣ[4] ва Бурҳонӣ[5] ва Амир Муиззӣ[6] ва Абулмаолии Розӣ[7] ва Амиди Камолӣ[8] ва Шиҳобӣ[9].

Аммо асомии мулуки Табаристон[10] боқӣ монад ба

---

Салоҷуқаи Рум, Салоҷуқаи Ироқу Курдистон ва Салоҷуқаи Кирмон. Ҳар яке таърихи муайяни фармонравоӣ дорад. Аммо дар маҷмӯъ метавон онро байни солҳои 429-700/1037-1300 донист. Бештари эшон аз ҷониби Хоразмшоҳиён ва қисмате ба дасти муғулону туркони Усмонӣ инқироз ёфтанд.

1 Фаррухии Гургонӣ – шояд мурод Фахриддин Асъади Гургонӣ бошад, ки аз достонсароёни намоёни асри XI аст ва бо Туғрали Салҷуқӣ муосир буд. Зеро баид нест, ки котибон «Фахрӣ»-ро «Фаррухӣ» китобат карда бошанд.

2 Ломеии Деҳистонӣ – Абулҳасан Муҳаммад ибни Исмоили Ломеии Деҳистонӣ, аз шуарои аҳди Маликшоҳи Салҷуқӣ аст. Аз гузориши «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» бармеояд, ки ӯ назди Абӯҳомид Ғаззолӣ дарс омӯхтаст. Маликшоҳ ва вазири ӯ Низомулмулки Тӯсиро мадҳ мегуфт. Бо Бурҳонӣ (падари Муиззӣ), Сӯзанӣ, Ҷамолӣ, Амъақ мушоираву мунозира доштааст. Вафоташ ба рӯзгори Санҷар дар Самарқанд иттифоқ афтод (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, бахши савум, саҳ. 1753; Луғатнома, ҷ.12, саҳ.17264).

3 Ҷаъфари Ҳамадонӣ – аз шоирони салотини салҷуқӣ, ки зоҳиран дар асри XI мезистааст.

4 Дарфирӯзи Фахрӣ – аз шуарои асри XI, ки дар Исфаҳон мезист.

5 Бурҳонӣ – Амирушшуаро Абдулмалик Бурҳонии Нишопурӣ, ки аз шоирони миёнаи асри XI аст. Падари Амир Муиззӣ мебошад. Ситоишгари Алпарслони Салҷуқӣ буд. Тахаллуси худ «Бурҳонӣ»-ро аз лақаби Алпарслон – «Бурҳонулмуъминин» гирифтааст. Соли 465/1073 дар Қазвин вафот кардааст.

6 Амир Муиззӣ – писари шоир Бурҳонии фавқуззикр, ки дар дарбори Маликшоҳи Салҷуқӣ мезист. Тахаллуси «Муиззӣ»-и ӯ низ ба ин далолат дорад. Зеро онро аз лақаби «Муиззуддин Маликшоҳ ибни Алпарслон» гирифтааст. Пас аз аҳди Маликшоҳ, дигар амирони салҷуқӣ ва ғайрисалҷуқиро бисутуд. Дар охир ба хидмати Санҷар даромад. Байни солҳои 518-521/1124-1127 даргузаштааст.

7 Абулмаолии Розӣ – шоир ва донишманди ҳамрӯзгор бо Саноӣ ва Усмони Мухторӣ аст. Ғиёсиддин Масъуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқиро мадҳ мегуфт. Вафоти ӯ дар соли 541/1147 иттифоқ афтодааст (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.731).

8 Амиди Камолӣ – мурод Камолии Бухороӣ аст, ки Санҷари Салҷуқиро месутуд.

9 Шиҳобӣ – манзур Шиҳобуддин Аҳмад ибни Муайяди Насафии Самарқандист, ки Рукнуддин Қиличтамғонхони Масъудро ситоиш мекард.

10 Табаристон – ин ном дар назди ҷуғрофиёну муаррихони қадими ислом ба Мозандарон ва атрофи он итлоқ мегардид. Ёқут «Табаристон»-ро исми шаҳрҳои зиёде дониста, ки Деҳистон, Ҷурҷон, Астаробод ва Омул аз муҳимтарини онҳо мебошанд. Аксар кӯҳсор мебошад. Он байни Рай, Қумис, Баҳр(-и хазар), билоди Дайлам ва Ҷил аст. Пуробу дарахт аст (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.4, саҳ.13). Табаристон – макони табарҳо (тапорҳо). Тапорҳо қавме,

Қамарии Гургонӣ[1] ва Рофеии Нишопурӣ[2] ва Кифоии Ганҷаӣ ва Кӯсаи Фолӣ ва Пури Калла[3].

Ва асомии мулуки Ғӯр – Оли Шансаб, халладаллоҳу мулкаҳум[4], боқӣ монад ба Абулқосими Рафеӣ ва Абӯбакри Ҷавҳарӣ[5] ва камтарини бандагон – Низомии Арӯзӣ ва Алии Сӯфӣ[6].

Ва давовини ин ҷамоат нотиқ аст ба камолу ҷамол ва олату уддат ва адлу базл ва аслу фазл ва рою тадбир ва таъйиду таъсири ин подшоҳони мозия[7] ва ин меҳтарони холия[8], навваруллоҳу мазоҷиаҳум ва вассаъа алайҳим мавозиаҳум[9].

Басо меҳтарон, ки неъмати подшоҳон хӯрданд ва бахшишҳои гарон карданд ва бар ин шуарои муфлиқ[10] супурданд, ки имрӯз аз эшон осор нест ва аз хадаму ҳашами[11] эшон дайёр[12] не ва басо кӯшкҳои мунаққаш ва боғҳои дилкаш, ки бино карданд ва биёростанд, ки имрӯз

---

ки аз қадим он ҷо сукунат ихтиёр кардаанд (Фарҳанги форсӣ, ҷ.5, саҳ.1078; Луғатнома, ҷ.9, саҳ.13534).

[1] Қамарии Гургонӣ – шоири мадҳгӯи Қобус ибни Вушмгир, ки ному насабаш ба сурати «Зиёд ибни Умари (ё Муҳаммади) Қамарии Мозандаронӣ (ё Ҷурҷонӣ)» сабт гардидааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.19; Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, бахши савум саҳ. 1703).

[2] Рофеии Нишопурӣ – аз шоирони оғози асри XI ва муосир бо Маҳмуди Ғазнавист (Шарҳи аҳвол.., саҳ.390).

[3] Кифоии Ганҷаӣ, Кӯсаи Фолӣ, Пури Калла – ин афрод ҳамин қадар шинохта шуда, ки аз шуарои подшоҳони Табаристонанд.

[4] Яъне: Худованд давлаташонро ҷовидона дорад.

[5] Абулқосими Рафеӣ, Абӯбакри Ҷавҳарӣ – ҳамон андоза, ки муаллиф аз шуарои мулуки Ғӯрия хондааст, шинохта шудаанд.

[6] Алии Сӯфӣ – аз шуарои муосир бо муаллиф, ки ношинохта аст.

[7] мозия – гузашта

[8] холия – рафта, пешин, гузашта

[9] Яъне: Худованд оромгоҳҳои эшонро пурнуру фарох созад.

[10] муфлиқ – некӯбаён, дар сухан тавоно

[11] хадаму ҳашам – ходимону рикобдорон

[12] дайёр – касе, зиндае

бо замин ҳамвор гаштааст ва бо муфозоту[1] авдия[2] баробар шуда. (Мусанниф гӯяд):

*Басо кохо, ки Маҳмудаш бино кард,*
*Ки аз рифъат[3] ҳаме бо маҳ миро[4] кард.*
*Набинӣ з-он ҳама як хишт бар пой,*
*Мадеҳи Унсурӣ мондаст бар ҷой.*

Ва худованди олам Ало-уд-дунё ва-д-дин Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибни Ҳусайн, ихтиёри[5] амирулмуъминин, ки зиндагонияш дароз бод ва чатри давлаташ мансур, ба кин хостани он ду малик – шаҳриёри шаҳиду малики ҳамид[6] ба Ғазнин рафт ва Султон Баҳромшоҳ[7] аз пеши ӯ бирафт. Бар дарди он ду шаҳид, ки истихфофҳо карда буданд ва газофҳо гуфта, шаҳри Ғазнинро ғорат фармуд ва имороти Маҳмудиву Масъудиву Иброҳимӣ хароб кард ва мадоеҳи эшон ба зар ҳамехарид ва дар хазина ҳамениҳод. Касро заҳраи он набудӣ, ки дар он лашкар, ё дар он шаҳр эшонро султон хонад. Ва подшоҳ худ аз «Шоҳнома» бармехонд, он чи Абулқосим Фирдавсӣ гуфта буд:

*Чу кӯдак лаб аз шири модар бишуст,*
*Зи гаҳвора «Маҳмуд» гӯяд нахуст.*
*Ба тан зандапилу[8] ба ҷон Ҷабраил,*
*Ба каф абри Баҳман, ба дил рӯди Нил.*
*Ҷаҳондор Маҳмуд – шоҳи бузург,*
*Ба обишхур орад ҳаме мешу гург.*

[1] муфозот – биёбонҳо
[2] авдия – дара, селраҳа
[3] рифъат – баландӣ
[4] миро – мушоҷара, ҷидол
[5] ихтиёр – баргузида
[6] Мурод аз ин ду малик бародарони Алоуддини Ғӯрӣ – Қутбиддин Муҳаммад ва Сайфуддини Сурӣ мебошанд, ки ҳар ду аз ҷониби Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ба қатл расида буданд.
[7] Баҳромшоҳ – мурод Баҳромшоҳ писари Масъуди савум аст, ки ба «Яминуддавла» мулаққаб буд. Байни солҳои 512-547/1118-1152 ҳукумат рондааст.
[8] зандапил – жандапил, пили бузург

Ҳамаи худовандони хирад донанд, ки ин ҷо ҳашмати Маҳмуд намонда буд, ҳурмати Фирдавсӣ буду назми ӯ. Ва агар Султон Маҳмуд дониста будӣ, ҳамоно, ки он озодмардро маҳруму маъюс нагузоштӣ.

### Фасл

### Дар чигунагии шоир ва шеъри ӯ

Аммо шоир бояд, ки салимулфитрат, азимулфикрат, саҳеҳуттабъ, ҷайидурравия, дақиқунназар бошад, дар анвоиулум мутанаввиъ бошад ва дар атрофи русум мустатриф. Зеро чунонки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад. Ва шоир бояд, ки дар маҷлиси муҳоварат хушгӯй бувад ва дар маҷлиси муошират хушрӯй. Ва бояд, ки шеъри ӯ бад-он дараҷа расида бошад, ки дар саҳифаи рӯзгор мастур[1] бошад ва бар алсинаи[2] аҳрор[3] макруъ[4], бар сафоин[5] бинависанд ва дар мадоин[6] бихонанд, ки ҳаззи авфар[7] ва қисми афзал[8] аз шеър бақои исм аст ва то мастуру макруъ набошад, ин маънӣ ба ҳосил наёяд. Ва чун шеър бад-ин дараҷа набошад, таъсири ӯро асар набувад ва пеш аз худованди худ бимирад. Ва чун ӯро дар бақои хеш асаре нест, дар бақои исми дигаре чӣ асар бошад?

Аммо шоир бад-ин дараҷа нарасад, илло ки дар унфувони шабоб[9] ва дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт

[1] мастур – навишташуда, сабтёфта
[2] алсина – забонҳо
[3] аҳрор – озодагон, ёрон
[4] макруъ – хондашуданӣ, ҷорӣ
[5] сафоин – дафтарҳо
[6] мадоин – шаҳрҳо
[7] ҳаззи авфар – баҳраи бештарин
[8] қисми афзал – беҳтарин қисмат ва насиб
[9] унфувони шабоб – оғози ҷавонӣ

аз ашъори мутақаддимон[1] ёд гирад ва даҳ ҳазор калима аз осори мутааххирон[2] пеши чашм кунад ва пайваста давовини устодон ҳамехонад ва ёд ҳамегирад, ки дар омаду беруншуди эшон аз мазойиқу[3] дақоиқи сухан бар чӣ ваҷҳ будааст, то туруқу анвои шеър дар табъи ӯ муртасам[4] шавад ва айбу ҳунари шеър бар саҳифаи хиради ӯ мунаққаш гардад, то суханаш рӯй дар тараққӣ дорад ва табъаш ба ҷониби улув(в)[5] майл кунад.

Ҳар киро табъ дар назми шеър росих[6] шуд ва суханаш ҳамвор гашт, рӯй ба илми шеър орад ва арӯз бихонад ва гирди тасонифи устод Абулҳасани Сарахсӣ ал-Баҳромӣ[7] гардад, чун «Ғоят-ул-арузайн» ва «Канз-ул-қофия» ва нақди маонӣ ва нақди алфоз ва сариқот[8] ва тароҷим.

Ва анвои ин улум бихонад бар устоде, ки он донад, то номи устодиро сазовор шавад ва исми ӯ дар саҳифаи рӯзгор падид ояд, чунонки асомии дигар устодон, ки номҳои эшон ёд кардем, то он чи аз махдум ва мамдуҳ биситонад, ҳаққи он битавонад гузорид дар бақои исм.

Ва аммо бар подшоҳ воҷиб аст, ки чунин шоирро тарбият кунад, то дар хидмати ӯ падидор ояд ва номи ӯ

[1] мутақаддимон – пешиниён
[2] мутааххирон – пасиниён
[3] мазойиқ – тангнои сухан
[4] муртасам – нақшбаста, марсуму оддӣ
[5] улув(в) – баландӣ
[6] росих – устувор
[7] Абулҳасани Сарахсӣ ал-Баҳромӣ – аз шоирони асри аввали ғазнавӣ, ки «Алӣ» ном дошт ва «Баҳромӣ» тахаллуси ӯ буд. Дар рӯзгори Носируддин Сабуктагин аз эътибори баланд бархурдор буд. Дар улуми адабӣ, бахусус арӯзу қофия, устоди рӯзгор ба ҳисоб мерафт. Вафоташ, зоҳиран, дар огози асри XI иттифоқ афтодааст (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.951; ҷ.3, саҳ.4442). Илова бар осори ёднамудаи Низомӣ, «Хуҷастанома»-и ӯ низ дар илми арӯз будааст. Авфӣ навишта: «Ва «Хуҷастанома», ки дар илми арӯз беназир аст, аз муншаоти ӯст» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.56).
[8] сариқот – сурудаву навиштаи дигар нафарро ба худ нисбат додан; дуздии адабӣ

аз мидҳати ӯ ҳувайдо шавад. Аммо агар аз ин дараҷа кам бошад, нашояд бад-ӯ сим зоеъ кардан ва ба шеъри ӯ илтифот намудан, хосса, ки пир бувад. Ва дар ин боб тафаҳҳус[1] кардаам, дар кулли олам аз шоири пир бадтар наёфтаам ва ҳеҷ сим зоеътар аз он нест, ки ба вай диҳанд. Ноҷавонмарде, ки ба панҷоҳ сол надониста бошад, ки он чи ман ҳамегӯям бад аст, кай бихоҳад донистан? Аммо агар ҷавоне бувад, ки табъи рост дорад, агарчи шеъраш нек набошад, умед бувад, ки нек шавад ва дар шариати озодагӣ тарбияти ӯ воҷиб бошад ва тааҳҳуди[2] ӯ фариза ва тафаққуди[3] ӯ лозим.

Аммо дар хидмати подшоҳ ҳеҷ беҳтар аз бадеҳа гуфтан нест, ки ба бадеҳа табъи подшоҳ хуррам шавад ва маҷлисҳо барафрӯзад ва шоир ба мақсуд расад. Ва он иқбол, ки Рӯдакӣ дар Оли Сомон дид, ба бадеҳа гуфтану зудшеърӣ, кас надидааст.

### Ҳикоят (2)

Чунин овардаанд, ки Наср ибни Аҳмад[4], ки воситаи иқди[5] Оли Сомон буд ва авҷи давлати он хонадон айёми мулки ӯ буд ва асбоби таманнуъ[6] ва илали тараффуъ[7] дар гояти сохтагӣ[8] буд – хазоин ороста ва лашкар ҷаррор[9]

[1] тафаҳҳус – таҳқиқ анҷом додан, бо назари амиқ ҷустуҷӯ ва андеша намудан

[2] тааҳҳуд – сарпарастӣ, тарбиятро ба ӯҳда гирифтан

[3] тафаққуд – нигоҳубин, дилҷӯӣ

[4] Наср ибни Аҳмад – аз подшоҳони номвари Сомониён, ки соли 301/914 ба салтанат расид. Дар тӯли салтанати тақрибан сисолааш фитнаҳои дохилӣ ва сиёсиро фурӯ нишонид ва давлати Сомониёнро ба авҷи шукуфоӣ расонид. Вафоти ӯро соли 330/942 навиштаанд.

[5] воситаи иқд – гаронбаҳотарин гавҳар, ки дар миёнаи гарданбанд аст.

[6] таманнуъ – қудратмандӣ

[7] илали тараффуъ – василаҳои тараққиву боловарӣ

[8] сохтагӣ – омодагӣ

[9] ҷаррор – бисёр, анбӯҳ

ва бандагон фармонбардор. Зимистон ба дорулмулки[1] Бухоро муқом кардӣ ва тобистон ба Самарқанд рафтӣ ё ба шаҳре аз шаҳрҳои Хуросон. Магар як сол навбати Ҳарӣ[2] буд. Ба фасли баҳор ба Бодғис буд, ки Бодгис хуррамтарин чарохорҳои Хуросону Ироқ аст. Қариб ҳазор нов[3] ҳаст пуробу алаф, ки ҳар яке лашкареро тамом бошад[4].

Чун сутурон баҳор некӯ бихӯрданд ва ба тану тӯши хеш бозрасиданд ва шоистаи майдону ҳарб шуданд, Наср ибни Аҳмад рӯй ба Ҳарӣ ниҳод ва ба дари шаҳр ба Марғи сапед[5] фуруд омад ва лашкаргоҳ бизад. Ва баҳоргоҳ буд, шамол равон шуд ва меваҳои Молин[6] ва Карух[7] даррасид, ки амсоли он дар бисёр ҷойҳо ба даст нашавад ва агар шавад, бад-он арзонӣ набошад.

Он ҷо лашкар баросуд ва ҳаво хуш буду бод сард ва нон фароху меваҳо бисёр ва машмумот[8] фаровон ва лашкарӣ аз баҳору тобистон бархурдории тамом ёфтанд аз умри хеш. Ва чун меҳргон[9] даромад ва асир[10] даррасид ва шоҳсафрам ва ҳамоҳим[11] ва укҳувон[12] дар дам шуд, инсоф аз наими ҷавонӣ бистиданд ва дод аз унфувони шабоб бидоданд.

Меҳргон дер даркашид ва сармо қувват накард ва ангур дар ғояти ширинӣ расид. Ва дар саводи[13] Ҳарӣ саду

---

[1] дорулмулк – пойтахт
[2] Ҳарӣ – Ҳирот
[3] нов – дара
[4] тамом бошад – басанда бошад
[5] Марғи сапед – Марғ-чарогоҳ аст. Номи мавзее дар наздикии Ҳирот.
[6] Молин – ноҳияе дар қарибии Ҳирот
[7] Карух – ниг. саҳ.70
[8] машмумот – бӯиданиҳо. Мурод гулу гиёҳон аст.
[9] меҳргон – номи моҳ. Мурод фасли тирамоҳ аст.
[10] асир – афшура, шарбат, шароб
[11] ҳамоҳим – пудина
[12] укҳувон – навъе аз гиёҳи бобуна
[13] савод – сарзамин, атроф

бист лавн[1] ангур ёфта шавад, ҳар як аз дигаре латифтару лазизтар ва аз он ду навъ аст, ки дар ҳеҷ ноҳияти рубъи маскун ёфта нашавад: яке парниён ва дувум каланҷарии тунукпӯсти хурдтакаси[2] бисёроб, гӯӣ, ки дар ӯ аҷзои арзӣ[3] нест. Аз каланҷарӣ, хӯшае панҷ ман ва ҳар донае панҷ дирамсанг биёяд, сиёҳ чун қир ва ширин чун шакар ва азаш[4] бисёр битавон хӯрд ба сабаби моияте[5], ки дар ӯст ва анвои меваҳои дигар ҳама хиёр[6].

Чун амир Наср ибни Аҳмад меҳргону самароти ӯ бидид, азимаш хуш омад. Наргис расидан гирифт. Кишмиш бияфканданд дар Молин ва мунаққо[7] баргирифтанд ва оваңг[8] бибастанд ва ганҷинаҳо пур карданд.

Амир бо он лашкар бад-он ду пора деҳ даромад, ки ӯро «Ғӯра» ва «Дарвоз» хонанд. Сароҳое диданд ҳар яке чун биҳишти аъло ва ҳар якеро боғеву бӯстоне дар пеш бар маҳабби[9] шамол ниҳода. Зимистон он ҷо муқом карданд. Ва аз ҷониби Сиҷистон норинҷ овардан гирифтанд ва аз ҷониби Мозандарон турунҷ расидан гирифт. Зимистоне гузоштанд дар ғояти хушӣ. Чун баҳор даромад, аспон ба Бодғис фиристоданд ва лашкаргоҳ ба Молин, ба миёни ду ҷӯй бурданд. Ва чун тобистон даромад, меваҳо даррасид. Амир Наср ибни Аҳмад гуфт: «Тобистон куҷо равем, ки аз ин хуштар муқомгоҳ набошад, меҳргон биравем». Ва чун меҳргон даромад, гуфт: «Меҳргони Ҳарӣ бихӯрем

[1] лавн – ранг; намуна
[2] такас – дона
[3] аҷзои арзӣ – чизи заминиву моддӣ
[4] азаш – аз он
[5] моият – обӣ будан, обакӣ
[6] хиёр – гузида, беҳтарин
[7] мунаққо – мавизи олӣ
[8] оваңг – овеза; риштае, ки анор, хӯшаи ангур ва дигар меваҳоро мебанданд ва ба сақфи хона меовезанд.
[9] маҳаб(б) – вазишгоҳ

ва биравем». Ва ҳамчунин фасле ба фасл ҳамеандохт, то чаҳор сол бар ин баромад. Зеро, ки самими[1] давлати Сомониён буд ва ҷаҳон обод ва мулк бехасм ва лашкар фармонбардор ва рӯзгор мусоиду бахт мувофиқ. Бо ин ҳама малул гаштанд ва орзуи хонумон бархост. Подшоҳро сокин диданд, ҳавои Ҳарӣ дар сари ӯ ва ишқи Ҳарӣ дар дили ӯ. Дар аснои сухан Ҳариро ба биҳишти адн монанд кардӣ, балки бар биҳишт тарҷеҳ ниҳодӣ ва аз Баҳори Чин[2] зиёдат овардӣ. Донистанд, ки сари он дорад, ки ин тобистон низ он ҷо бошад.

Пас сарони лашкар ва меҳтарони мулк ба наздики устод Абӯабдуллоҳ ар-Рӯдакӣ рафтанд ва аз нудамои подшоҳ ҳеҷ кас муҳташамтар ва мақбулулқавлтар[3] аз ӯ набуд, гуфтанд: «Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок ҳаракат кунад, ки дилҳои мо орзуи фарзанд ҳамебарад ва ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамебароянд».

Ва Рӯдакӣ қабул кард, ки набзи амир бигрифта буд[4] ва мизоҷи ӯ бишнохта. Донист, ки ба наср бо ӯ дарнагирад, рӯй ба назм оварду қасидае бигуфт ва вақте, ки амир сабӯҳ карда буд[5], даромаду ба ҷои хеш бинишаст ва чун мутрибон фурӯ доштанд[6], ӯ чанг баргирифт ва дар пардаи «ушшоқ»[7] ин қасида огоз кард:

---

[1] самим – авҷ, ғояти тараққӣ

[2] Баҳори Чин – Бутхонаи Чин, Баҳористони Чин; ҷое, ки дар афсонаҳо ба манзалаи биҳишти рӯи замин аст, «Биҳишти ганг» низ мегӯянд. Гӯё дар тарафи шимолии Сирдарё сохта шуда будааст (Фарҳанги форсӣ, ч.5, саҳ. 301).

[3] мақбулулқавл – касе, ки суханаш гузаро ва пазиро аст.

[4] набзи амир бигрифта буд – аз табъу мизоҷи ӯ огоҳ буд; бар ӯ сухани нофиз дошт

[5] сабӯҳ карда буд – шароби субҳӣ нӯшида буд

[6] фурӯ доштанд – бозистоданд

[7] пардаи «ушшоқ» – яке аз мақомҳои дувоздаҳгона, ки аз оҳангу навоҳои қадимаи тоҷикон аст.

*Бӯи Ҷӯи Мӯлиён[1] ояд ҳаме,*
*Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Пас фурӯтар шаваду гӯяд:

*Реги Омую дуруштӣ роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.*
*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.*

Чун Рӯдакӣ бад-ин байт расид, амир чунон мунфаъил[2] гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бе мӯза пой дар рикоби[3] хинги навбатӣ[4] овард ва рӯй ба Бухоро ниҳод, чунонки ронин[5] ва мӯза то ду фарсанг дар пайи амир бурданд ба Баруна[6] ва он ҷо дар пой кард ва инон то Бухоро ҳеҷ бознагирифт. Ва Рӯдакӣ он панҷ ҳазор динор музоаф[7] аз лашкар бисатид.

Ва шунидам ба Самарқанд ба санаи арбаа ва хамсумиа[8] аз деҳқон[9] Абӯраҷо Аҳмад ибни Абдуссамад

[1] Ҷӯи Мӯлиён – ҷое дар наздикии қалъаи Бухоро, ки Сомониён он ҷо боғи хосса доштанд.

[2] мунфаъил – таъсирпазир

[3] рикоб – ҳалқае, ки дар ду тарафи зини асп овезон аст ва саворшаванда пои худро дар он мегузорад.

[4] хинги навбатӣ – аспе, ки барои ҳолате хос нигоҳ дошта мешуд.

[5] ронин– навъе пӯшиш, ки дар ҳоли маркабсаворӣ ё ҷанг бо он ронҳоро мепӯшонанд. Қисме аз луғавиён ин калимаро ба сурати «ронайн» (бо сиғаи тасния) дурусттар медонанд.

[6] Баруна – зоҳиран, исми маконест дар роҳи Ҳироту Бухоро.

[7] музоаф – дучандон

[8] Яъне: соли 504 (1110)

[9] деҳқон – мурод деҳгон, хоҷаву сарвари деҳа, соҳибмулк ва молики заминҳо

ал-Обидӣ, ки гуфт: «Ҷадди ман Абӯраҷо ҳикоят кард, ки чун дар ин навбат Рӯдакӣ ба Самарқанд расид, чаҳорсад шутур зери бунаи[1] ӯ буд».

Ва, алҳақ, он бузург бад-ин таҷаммул арзонӣ буд[2], ки ҳанӯз ин қасидаро кас ҷавоб нагуфтааст, ки маҷоли он надидаанд аз ин мазойиқ озод тавонанд берун омад.

Ва аз азбгӯёну[3] латифтабъони аҷам яке амирушшуаро Муиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар таловату[4] тароват багоят аст ва дар равониву узубат[5] ба ниҳоят. Зайнулмулк Абӯсаъд Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ[6] аз вай дархост кард, ки он қасидаро ҷавоб гӯй. Гуфт: «Натавонам». Илҳоҳ[7] кард. Чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст:

*Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,*
*Зайнмулк аз Исфаҳон ояд ҳаме.*

Ҳамаи хирадмандон донанд, ки миёни ин сухан ва он сухан чӣ тафовут аст. Ва кӣ тавонад гуфтан бад-ин азбӣ, ки ӯ дар мадҳ ҳамегӯяд дар ин қасида:

*Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,*
*Гар ба ганҷ - андар зиён ояд ҳаме.*

Ва андар ин байт аз маҳосин ҳафт санъат аст: аввал – мутобиқ, дувум – мутазод, савум – мураддаф, чаҳорум – баёни мусовот, панҷум – узубат, шашум – фасоҳат, ҳафтум – ҷазолат. Ва ҳар устоде, ки ӯро дар илми шеър табаҳҳуре

---

[1] буна – зод, асбоби сафар

[2] арзонӣ буд – шоиста ва арзанда буд

[3] азбгӯён – хушсуханон, (шоирони) некӯбаён

[4] таловат – хубӣ, некӯӣ

[5] узубат – ширинӣ, хушӣ

[6] Зайнулмулк Абӯсаъд Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ – аз ҳисобдорони молиёти девони Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ буд. Бадгӯии ҳасудон ба Султон Муҳаммад сабаб гардид, то соли 506/1113 ба фармони ӯ ба дор кашида шавад (Луғатнома, ч.8, саҳ.11551).

[7] илҳоҳ – пофишорӣ

аст, чун андаке тафаккур кунад, донад, ки ман дар ин мусибам[1]. Вассалом.

### Ҳикоят (3)

Ишқе, ки султон Яминуддавла Маҳмудро бар Аёзи[2] турк будааст, маъруф асту машҳур. Овардаанд, ки сахт некӯсурат набуд, лекин сабзчеҳраи ширин будааст, мутаносибаъзову хушҳаракот ва хирадманду оҳиста. Ва одоби махлуқпарастӣ ӯро азим даст дода будааст. Ва дар он бора аз нодироти замонаи хеш будааст. Ва ин ҳама авсоф он аст, ки ишқро баъс[3] кунад ва дӯстиро барқарор дорад.

Ва султон Яминуддавла марде диндор ва муттақӣ буд ва бо ишқи Аёз бисёр куштӣ гирифтӣ, то аз шореи[4] шаръу минҳоҷи ҳуррият[5] қадаме удул накард[6]. Шабе дар маҷлиси ишрат, баъд аз он, ки шароб дар ӯ асар карда буд ва ишқ дар ӯ амал намуда, ба зулфи Аёз нигарист, анбаре дид бар рӯи моҳ ғалтон, сунбуле дид бар чеҳраи офтоб печон, ҳалқа-ҳалқа чун зираҳ, банд-банд чун занҷир. Дар ҳар халқае ҳазор дил, дар ҳар банде сад ҳазор ҷон. Ишқ инони хештандорӣ аз дасти сабри ӯ бирабуд ва ошиқвор дар худ кашид. Муҳтасиби оманно ва саддақно[7] сар аз гиребони шаръ бароварду дар баробари султон Яминуддавла биистод ва гуфт: «Ҳон Маҳмуд! Ишқро бо фисқ маёмез ва

[1] мусиб – дар андешаи дуруст қарор дошта; ростназар

[2] Аёз – Абӯнаҷм Аёзи Ӯймоқ, ғуломи турк ва муқарраби Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ба фармонбардорӣ, фиросат, ҳусни тадбир ва ҷамол ба ӯ масал зада мешавад. Вафоти ӯ дар соли 449/1057 дониста шудааст.

[3] баъс – барангехтан

[4] шореъ – гузаргоҳ, роҳ

[5] минҳоҷи ҳуррият – ҷодаи озодагӣ

[6] удул накард – берун наафтод, каҷ нарафт

[7] «оманно» – имон овардем ва «саддақно» – тасдиқ намудем. Муроди матлаб ин аст, ки нерӯи имону тасдиқ чун муҳтасиб аст ва аз ботин одамиро дар чаҳорчӯбаи итоат бозмедорад.

ҳақро бо ботил мамзуҷ[1] макун, ки бад-ин заллат[2] вилояти ишқ бар ту бишӯрад ва чун падари хеш[3] аз биҳишти ишқ биюфтӣ ва ба анои дунёи фисқ дармонӣ».

Самъи иқболаш дар ғояти шунавоӣ буд, ин қазият масмуъ афтод. Тарсид, ки сипоҳи сабри ӯ бо лашкари зулфайни Аёз барнаёяд, корд баркашид ва ба дасти Аёз дод, ки: «Бигир ва зулфайни хешро бибур!» Аёз хидмат кард ва корд аз дасти ӯ биситад ва гуфт: «Аз куҷо бибурам?» Гуфт: «Аз нима». Аёз зулф ду ту кард ва тақдир бигирифт[4] ва фармон ба ҷой овард ва ҳарду сари зулфи хешро пеши Маҳмуд ниҳод. Гӯянд, он фармонбардорӣ ишқро сабаби дигар шуд. Маҳмуд зару ҷавоҳир хост ва афзун аз расми маъҳуду[5] одат Аёзро бахшиш кард ва аз ғояти мастӣ дар хоб рафт. Ва чун насими саҳаргоҳӣ бар ӯ вазид, бар тахти подшоҳӣ аз хоб даромад. Он чи карда буд, ёдаш омад. Аёзро бихонд ва он зулфайни бурида бидид. Сипоҳи пушаймонӣ бар дили ӯ тохтан овард ва хумори арбада[6] бар димоғи ӯ муставлӣ[7] гашт. Мехуфту мехост ва аз муқаррабону мураттабон[8] касро заҳраи он набуд, ки пурсидӣ, ки сабаб чист? То охири кор ҳоҷиб Алии Қариб, ки ҳоҷиби бузурги ӯ буд, рӯй ба Унсурӣ кард ва гуфт: «Пеши султон дар шав ва хештанро бад-ӯ намой ва тариқе бикун, ки султон хуштабъ гардад».

Унсурӣ фармони ҳоҷиби бузург ба ҷой овард ва дар пеши султон шуду хидмат кард. Султон Яминуддавла сар баровард ва гуфт: «Эй Унсурӣ! Ин соат аз ту меандешидам.

[1] мамзуҷ – омехтан
[2] заллат – хато, лағзиш
[3] чун падари хеш – мурод Одам (а) аст.
[4] тақдир бигирифт – андоза муайян намуд
[5] маъҳуд – маъмул
[6] арбада – тундхӯӣ
[7] муставлӣ – ғолиб, мусаллат
[8] мураттабон – рутбаёфтагон

Мебинӣ, ки чӣ афтодааст моро? Дар ин маънӣ чизе бигӯй, ки лоиқи ҳол бошад».

Унсурӣ хидмат кард ва бар бадеҳа ғуфт:

*Кай айби сари зулфи бут аз костан аст?*
*Чӣ ҷои ба ғам нишастану хостан аст?*
*Ҷои тарабу нишоту май хостан аст,*
*К-оростани сарв зи перостан аст.*

Султон Яминуддавла Маҳмудро бо ин дубайтӣ бағоят хуш афтод, бифармуд, то ҷавоҳир биёваранд. Ва се бор даҳони ӯ пури ҷавоҳир кард ва мутрибонро пеш хост ва он рӯз то ба шаб бад-ин дубайтӣ шароб хӯрданд ва он доҳия[1] бад-ин дубайтӣ аз пеши ӯ бархост ва азим хуштабъ гашт. Вассалом.

Аммо бибояд донист, ки бадеҳа гуфтан рукни аъло аст дар шоирӣ ва бар шоир фариза аст, ки табъи хешро ба риёзат бад-он дараҷа расонад, ки дар бадеҳа маонӣ ангезад, ки сим аз хазина ба бадеҳа берун ояд ва подшоҳро ҳасби ҳол ба табъ орад. Ва ин ҳама аз баҳри муроотн дили махдум ва табъи мамдуҳ мебояд ва шуаро ҳар чи ёфтаанд аз силот, муъзам[2] ба бадеҳаву ҳасби ҳол ёфтаанд.

## Ҳикоят (4)

Фаррухӣ аз Систон[3] буд, писари Ҷӯлуғ, ғуломи амир Халафи Бону[4], табъи бағоят некӯ дошт ва шеър хуш гуфтӣ

---

[1] доҳия – сахтӣ, балои сахт, кори мушкил

[2] муъзам – аксар, бештар

[3] Систон – сарзамине дар хоки Эрон, ки дар дунболаи кӯҳҳои Афғонистон қарор дорад.

[4] амир Халафи Бону – мурод Халаф ибни Аҳмад Муҳаммад ибни Халаф ибни Лайси Саффорӣ, ки аз амирони Систон, аз хонадони Саффориён буд. «Бону» модари ӯ ва духтари Амри Лайси Саффорӣ аст. Ба ин мӯҷиб, ин амир ба «Халафи Бону» маъруф гардидааст. То соли 393/1003 амири Систон буд. Соли 399/1009 вафот намуд. Ӯ охирин амири саффорӣ маҳсуб мегардад (Луғатнома, ҷ. 6, саҳ. 8707).

ва чанг тар[1] задӣ ва хидмати деҳқоне кардӣ аз даҳоқини Систон ва ин деҳқон ӯро ҳар сол дувист кайли[2] панҷманӣ ғалла додӣ ва сад дирам сими нӯҳӣ[3], ӯро тамом будӣ.

Аммо зане хост ҳам аз маволии[4] Халаф ва харҷаш бештар афтод ва даббаву занбил[5] дарафзуд. Фаррухӣ бебарг монд. Ва дар Систон касе дигар набуд, мағар умарои эшон.

Фаррухӣ қисса ба деҳқон бардошт, ки: «Маро харҷ бештар шудааст, чӣ шавад, ки деҳқон аз он ҷо, ки карами ӯст, ғаллаи ман сесад кайл кунад ва сим саду панҷоҳ дирам, то магар бо харҷи ман баробар шавад?»

Деҳқон бар пушти қисса тавқеъ кард, ки: «Ин қадар аз ту дареғ нест ва афзун аз инро рӯй нест».

Фаррухӣ чун бишунид, маъюс гашт ва аз содиру ворид[6] истихбор[7] мекард, ки дар атрофу акнофи олам нишони мамдуҳе шунавад, то рӯй бад-ӯ орад, бошад ки исобате[8] ёбад. То хабар карданд ӯро аз амир Абулмузаффари Чағонӣ[9] ба Чағониён[10], ки ин навъро тарбият мекунад ва

---

[1] тар – хуш, хуб

[2] кайл – паймона; зарфе, ки бештар барои андозағирии ғалладона истифода мешуд ва дар сарзаминҳо ҳаҷми гуногун дошт.

[3] нӯҳӣ – мансуб ба Нӯҳ ибни Аҳмад ё Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ

[4] маволӣ – ғуломон, канизон

[5] даббаву занбил – ҳарду асбоби таомхона ва зиндагӣ аст. Ин ҷо мурод махориҷу масориф мебошад.

[6] содиру ворид – равандаю оянда

[7] истихбор – хабарҷӯӣ, маълумотхоҳӣ

[8] исобат – дастмузд, бахраи молие, ки аз амал ба даст меояд.

[9] Абулмузаффари Чағонӣ – мурод Аҳмад ибни Муҳаммад, мулаққаб ба «Фахруддавла», аз Оли Муҳтоҷ, ки волии Чағониён буд. Мамдуҳи Дақиқӣ ва Фаррухӣ аст (Луғатнома, ҷ. 1, саҳ. 725).

[10] Чағониён – хонадоне, ки дар Чағониён (минтақае дар болороҳи Ҷайҳун) ҳукумат намуданд. Ин хонадон «Оли Муҳтоҷ» низ хонда мешаванд. Ин хонадон дар аҳди Сомониён мансабҳои олӣ ёфтаанд. Нахустин амири маъруфи ин хонадон Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Муҳтоҷ аст, ки соли 321/933 аз ҷониби Наср ибни Аҳмади Сомонӣ сипаҳсолор ва ҳокими Хуросон шуд.

ин ҷамоатро силаву ҷоизаи фохир ҳамедиҳад ва имрӯз аз мулуки асру умарои вақт дар ин боб ӯро ёр нест. Қасидае бигуфт ва азимати он ҷониб кард:

*Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,*

*Бо ҳуллаи танида зи дил бофта зи ҷон…*

Алҳақ, некӯ қасидаест ва дар ӯ васфи шеър кардааст дар ғояти некӯӣ ва мадҳ худ беназир аст.

Пас барге[1] бисохт ва рӯй ба Чағониён ниҳод. Ва чун ба ҳазрати[2] Чағониён расид, баҳоргоҳ буд ва амир ба доғгоҳ. Ва шунидам, ки ҳаждаҳ ҳазор модиёни зиҳӣ[3] дошт, ҳар якеро куррае дар дунбол ва ҳар сол бирафтӣ ва куррагон доғ фармудӣ. Ва Амид Асъад[4], ки кадхудои амир буд, ба ҳазрат буд ва нузле[5] рост мекард, то дар пайи амир барад. Фаррухӣ ба наздики ӯ рафт ва ӯро қасидае хонд ва шеъри амир бар ӯ арза кард. Хоҷа Амид Асъад марде фозил буду шоирдӯст, шеъри Фаррухиро шеъре дид тару азб, хушу устодона. Фаррухиро сигзие[6] дид беандом, ҷуббае[7] пешу пас чок пӯшида, дасторе бузург сигзивор дар сар ва пою кафши бас нохуш ва шеъре дар осмони ҳафтум. Ҳеҷ бовар накард, ки ин шеър он сигзиро шояд буд. Бар сабили имтиҳон гуфт: «Амир ба доғгоҳ аст ва ман меравам пеши ӯ ва туро бо худ бибарам ба доғгоҳ, ки доғгоҳ азим хуш ҷое аст, ҷаҳоне дар ҷаҳоне сабза бинӣ, пурхайма ва чароғ чун ситора, аз ҳар яке овози руд меояд ва ҳарифон дар ҳам

---

[1] барг – тӯша, зоди роҳ

[2] ҳазрат – назд, мурод марказу пойтахт

[3] зиҳӣ – навзоида

[4] Амид Асъад – Абӯмансур Асъади вазир, ки муовинат ва коргузории Абулмузаффари Чағониро дар ӯҳда дошт.

[5] нузл – хӯрданӣ, зиёфат

[6] сигзӣ – мансуб ба «Сигз». Мурод аз «Сигз» Зобулистон аст, ки Систон, Сағистон ва Сакистон низ хонда мешавад.

[7] ҷубба – либоси дарозу кушоди бегиребон, ки мардон аз болои либосҳо мепӯшанд.

нишаста ва шароб ҳаменӯшанд ва ишрат ҳамекунанд ва ба даргоҳи амир оташе афрӯхта чанди кӯҳе ва куррагонро доғ ҳамекунанд ва подшоҳ шароб дар дасту каманд дар дасти дигар, шароб мехӯраду асп мебахшад. Қасидае ғӯй лоиқи вақт ва сифати доғгоҳ кун, то туро пеши амир барам».

Фаррухӣ он шаб бирафт ва қасидае пардохт сахт некӯ ва бомдод дар дар пеши Хоҷа Амид Асъад овард. Ва он қасида ин аст:

*Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад маргзор,*
*Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.*
*Хокро чун нофи оҳу мушк зояд беқиёс,*
*Бедро чун парри тӯтӣ барг рӯяд бешумор.*
*Дӯш вақти субҳдам бӯи баҳор овард бод,*
*Ҳаббазо, боди шимолу хуррамо, бӯи баҳор.*
*Бод гӯӣ мушки суда дорад андар остин,*
*Боғ гӯӣ луъбатони ҷилва дорад бар канор.*
*Настаран луълуи байзо дорад андар мурсала*[1]*,*
*Арғувон лаъли бадахшӣ дорад андар гӯшвор.*
*То баромад ҷомҳои сурхи мул бар шохи гул,*
*Панҷаҳои дасти мардум сар фурӯ кард аз чинор.*
*Боғ бӯқалмунлибосу шох бӯқалмуннамой,*
*Об марворидгуну абр марворидбор.*
*Рост пиндорӣ, ки хилъатҳои рангин ёфтанд,*
*Боғҳои пурнигор аз доғгоҳи шаҳриёр.*
*Доғгоҳи шаҳриёр акнун чунон хуррам бувад,*
*К-андар ӯ аз хуррамӣ хира бимонад рӯзгор.*
*Сабза андар сабза бинӣ чун сипеҳр андар сипеҳр,*
*Хайма андар хайма чун симинҳисор андар ҳисор.*
*Ҳар куҷо хаймаст, хуфта ошиқе бо дӯст маст,*
*Ҳар куҷо сабзаст, шодон ёре аз дидори ёр.*

---

[1] мурсала – гарданбанд

*Сабзаҳо бо бонги чанги мутрибони чарбдаст,*
*Хаймаҳо бо бонги нӯши соқиёни майгусор.*
*Ошиқон бӯсу канору некувон нозу итоб,*
*Мутрибон руду суруду хуфтагон хобу хумор.*
*Бар дари пардасаройи хусрави пирӯзбахт,*
*Аз пайи дог оташе афрӯхта хуршедвор.*
*Баркашида оташе чун митради[1] дебои зард,*
*Гарм чун табъи ҷавону зард чун зарри иёр[2].*
*Догҳо чун шохҳои буссади[3] ёқутранг,*
*Ҳар яке чун нордона гашта андар зери нор.*
*Ридакони[4] хобнодида масоф андар масоф,*
*Маркабони догнокарда қатор андар қатор.*
*Хусрави фаррухсияр бар бораи дарёгузар,*
*Бо каманд андар миёни дашт чун Исфандиёр.*
*Ҳамчу зулфи некувони мӯрдгесӯ тоб хӯрд,*
*Ҳамчу аҳди дӯстони солхӯрда устувор.*
*Мири одил Булмузаффаршоҳ бо пайвастагон,*
*Шодмону шодхору компрону комгор.*
*Ҳар кура, к-андар каманди шастбозӣ дарфиканд,*
*Гашт номаш бар сурину шонаву рӯяш нигор.*
*Ҳар чӣ з-ин сӯ дог кард, аз сӯи дигар ҳадя дод,*
*Шоиронро бо лигому зоиронро бо фисор[5].*

Чун Хоҷа Амид Асъад ин қасида бишнид, ҳайрон фурӯ монд, ки ҳаргиз мисли он ба гӯши ӯ фурӯ нашуда буд. Ҷумлаи корҳо фурӯ гузошт ва Фаррухиро барнишонду рӯй ба амир ниҳод ва офтобзард пеши амир омад ва гуфт: «Эй худованд! Туро шоире овардаам, ки то Дақиқӣ рӯй

[1] митрад – алам, парчам
[2] зарри иёр – зари холис
[3] буссад – марҷон
[4] ридакон – навҷавонон, ғуломон
[5] фисор – афсор. Банде, ки бар сару гардани асп ва дигар саворахо мебанданд; сарришта

дар ниқоби хок кашидааст, кас мисли ӯ надидааст». Ва ҳикоят кард он чӣ рафта буд. Пас амир Фаррухиро бор дод. Чун даромад, хидмат кард. Амир даст дод ва ҷои некӯ номзад кард ва бипурсиду бинавохташ ва ба отифати хеш умедвораш гардонид. Ва чун шароб давре чанд даргузашт, Фаррухӣ бархост ва бо овози ҳазину хуш ин қасида бихонд, ки:

*«Бо корвону ҳулла бирафтам зи Систон...»*

Чун тамом бархонд, амир шеършинос буд ва низ шеър гуфтӣ, аз ин қасида бисёр шигифтиҳо намуд. Амид Асъад ғуфт: «Эй худованд! Бош, то беҳтар бинӣ».

Пас Фаррухӣ хомӯш гашт ва дам даркашид то ғояти мастии амир. Пас, бархост ва он қасидаи доғгоҳ бархонд. Амир ҳайрат овард, пас дар он ҳайрат рӯй ба Фаррухӣ оварду гуфт: «Ҳазор сар курра оварданд, ҳама рӯйсапед ва чаҳор дасту пой сапед, хутталӣ[1], роҳ туростʼ[2]. Ту марде сигзӣ ва айёрӣ, чандонки битавонӣ гирифт, бигир, туро бошад».

Фаррухиро шароб тамом дарёфта буд ва асар карда, берун омаду зуд дастор аз сар фурӯ гирифт, хештанро дар миёни фасила[3] афканд ва як гала дар пеш кард ва бад-он рӯйи дашт бурд, бисёр аз чапу рост ва аз ҳар тараф бидавонид, ки яке натавонист гирифт. Охируламр работе вайрон бар канори лашкаргоҳ падид омад, куррагон дар он работ шуданд. Фаррухӣ бағоят монда шуда буд, дар даҳлези работ дастор зери сар ниҳод ва ҳолӣ дар хоб шуд аз ғояти мастӣ ва мондагӣ. Куррагонро бишумурданд,чиҳилу ду буданд. Рафтанд ва аҳвол бо амир бигуфтанд. Амир бисёр

[1] хутталӣ (хатлӣ) – мансуб ба Хуттал (Хатл), ки аз вилоёти Бадахшон дониста шудааст.

[2] роҳ туростʼ – зоҳиран ба маънии роҳат боз аст, роҳи ихтиёр аз туст, дигар бархезу бигир.

[3] фасила – галаи асп

бихандиду шигифтиҳо намуд ва гуфт: «Марде муқбил аст, кори ӯ боло гирад. Ӯрову куррагонро нигоҳ доред ва чун ӯ бедор шавад, маро бедор кунед».

Мисоли[1] подшоҳро имтисол[2] карданд.

Дигар рӯз ба тулӯи офтоб Фаррухӣ бархост ва амир худ бархоста буд ва намоз карда, бор дод ва Фаррухиро бинавохт ва он куррагонро ба касони ӯ супурданд. Ва Фаррухиро асп бо сохти хосса фармуд ва ду хайма ва се астар ва панҷ сар барда ва ҷомаи пӯшиданӣ ва густурданӣ. Ва кори Фаррухӣ дар хидмати ӯ олӣ шуд ва таҷаммуле тамом сохт.

Пас, ба хидмати султон Яминуддавла Маҳмуд рафт. Ва чун султон Маҳмуд ӯро мутаҷаммил дид, ба ҳамон чашм дар ӯ нигарист ва кораш бад-он ҷо расид, ки то бист ғуломи симинкамар аз паси ӯ барнишастандӣ. Вассалом.

## Ҳикоят (5)

Дар санаи ашара ва хамсумиа[3] подшоҳи ислом Санҷар ибни Маликшоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу ва адома ила-л-маолӣ иртиқоаҳу[4], ба ҳадди Тӯс ба дашти Турук[5] баҳор дод[6] ва ду моҳ он ҷо муқом кард ва ман аз Ҳарӣ бар сабили интиҷоъ[7] бад-он ҳазрат пайвастам ва надоштам аз баргу таҷаммул ҳеҷ. Қасидае бигуфтам ва ба наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам. Ва шеъри ман бидид ва аз чанд навъ маро барсахт[8], ба муроди

[1] мисол - фармон

[2] имтисол – фармонбардорӣ

[3] Яъне: соли 510 (1116)

[4] Яъне: Худованд умрашро дароз ва сарфарозиашро бар баландиҳо бардавом созад.

[5] дашти Турук – мавзее дар наздикии Машҳад

[6] баҳор дод – барои гузаронидани баҳор қарор гирифт

[7] интиҷоъ – рафъи гуруснагӣ ва расонидани ниёзмандӣ

[8] барсахт – бисанҷид

ӯ омадам. Бузургиҳо фармуд ва меҳтариҳо воҷиб дошт.

Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодате[1] ҳаменамудам ва гила ҳамекардам. Маро дил доду гуфт: «Ту дар ин илм ранҷ бурдаӣ ва тамом ҳосил кардаӣ, онро ҳароина асаре бошад. Ва ҳоли ман ҳам чунин буд ва ҳаргиз ҳеҷ шеъре нек зоеъ намондааст ва ту дар ин синоат ҳаззе дорӣ ва сахт ҳамвору азб аст ва рӯй дар тараққӣ дорад. Бош, то бубинӣ, ки аз ин илм некӯиҳо бинӣ ва агар рӯзгор дар ибтидо музоиқате[2] намояд, дар сониюлҳол[3] кор ба муроди ту гардад. Ва падари ман амирушшуаро Бурҳонӣ, раҳимаҳуллоҳ, дар аввали давлати Маликшоҳ ба шаҳри Қазвин[4] аз олами фано ба олами бақо таҳвил кард ва дар он қитъа, ки сахт маъруф аст, маро ба султон Маликшоҳ супурд. Дар ин байт (Байт):

*Ман рафтаму фарзанди ман омад халафи сидқ,*
*Ӯро ба Худову ба худованд супурдам.*

Пас ҷомагӣ[5] ва иҷрои[6] падар ба ман таҳвил афтод ва шоири Маликшоҳ шудам. Ва соле дар хидмати подшоҳ рӯзгор гузоштам, ки ҷуз вақте аз дур ӯро натавонистам дидан ва аз иҷрову ҷомагӣ як ману як динор наёфтам. Ва харҷи ман зиёдат шуд ва вом[7] ба гардани ман даромад ва кор дар сари ман печид.

Ва хоҷаи бузург Низомулмулк[8], раҳимаҳуллоҳ, дар

---

[1] истизодат – афзунхоҳӣ, бештар хостан; гиламандӣ

[2] музоиқат – фишор, сахтгирӣ, танговарӣ

[3] сониюлҳол – навбати дигар, дар ҳоли дигар

[4] Қазвин – аз шаҳрҳои муҳимест, ки дар сари роҳҳои шимолии Эрон қарор дорад. Байни он ва Теҳрон тақрибан бист фарсах фосила ҳаст.

[5] ҷомагӣ – маош, пули нақд

[6] иҷро – муқаррароти молӣ, ки ғолибан аз ҷинси коло дода мешуд.

[7] вом – қарз

[8] Низомулмулк – Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ ибни Аббоси Тӯсӣ, вазири донишманди Салҷуқиён, ки сӣ сол (455-485/1063-1092) вазирӣ намуд. Дар рушди илм хеле саҳм гузошт. Донишгоҳ ва мадориси зиёд бино кард, ки пас аз гузашти ӯ ба «Низомия» маъруф гардиданд. Соли 485/1092 ба шаҳодат

ҳаққи шеър эътиқоде надоштӣ, аз он ки дар маърифати ӯ даст надошт ва аз аимма[1] ва мутасаввифа[2] ба ҳеҷ кас намепардохт.

Рӯзе, ки фардои он рамазон хост буд, ман аз ҷумлаи харҷи рамазониву идӣ донге[3] надоштам. Дар он дилтангӣ ба назди Алоуддавла амир Алии Фаромарз[4] рафтам, ки подшоҳзода буд ва шеърдӯст ва надими хоси султон буду домоди ӯ. Ҳурмати тамом дошт ва густох буд ва дар он давлат мансаби бузург дошт ва маро тарбият кардӣ. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод! На ҳар коре, ки падар битавонад кард, писар битавонад кард, ё он чӣ падарро биёяд, писарро биёяд. Падари ман марде ҷалду шаҳм[5] буд ва дар ин синоат марзуқ[6]. Ва худованди ҷаҳон султони шаҳид Алпарслонро дар ҳаққи ӯ эътиқоде будӣ. Он чӣ аз ӯ омад, аз ман ҳаменаёяд. Маро ҳаёе манноъ[7] аст ва нозуктабъӣ бо он ёр аст. Як сол хидмат кардам ва ҳазор динор вом баровардам ва донге наёфтам. Дастурӣ хоҳ бандаро, то ба Нишопур бозгардад ва вом бигузорад ва бо он боқӣ, ки бимонад, ҳамесозад ва давлати қоҳирaро дуое ҳамегӯяд».

Амир Алӣ гуфт: «Рост гуфтӣ, ҳама тақсир кардаем,

---

расид.

[1] аимма – пешвоён

[2] мутасаввифа – сӯфиён

[3] донг – сиккае ночиз, ки бо шашяки дирам арзиши баробар дошт; пуле андаку ночиз

[4] Алоуддавла амир Алии Фаромарз – манзур Алӣ ибни Заҳируддин Абӯмансур Фаромарз ибни Алоуддавла Абӯҷаъфар Муҳаммад, маъруф ба «Ибни Кокуя ибни Душманзиёр» аст, ки аз ҷониби Салҷуқиён ҳокими Язд ва ноҳияҳои атрофи он буд. Ба «Амир Алӣ» низ маъруф аст. «Домоди ӯ» навиштани муаллиф, ба ин сабаб аст, ки ӯ соли 429/1038 бо Арслонхотун, духтари Чағрибек, аммаи Маликшоҳ издивоҷ намуда буд. Соли 488/1095 дар яке аз ҷангҳои дохилии Салҷуқиён кушта шуд.

[5] ҷалду шаҳм – чолоку зирак

[6] марзуқ – пурбаҳра, рӯзиманд

[7] манноъ – сахт боздоранда

баъд аз ин накунем. Султон намози шом ба моҳ дидан берун ояд, бояд ки он ҷо ҳозир бошӣ, то рӯзгор чӣ даст диҳад».

Ҳолӣ сад динорам фармуд, то барги рамазон созам. Ва барфавр муҳре берун биёварданд, сад динори нишопурӣ ва пеши ман ниҳоданд. Азим шодмона бозгаштам ва барги рамазон бифармудам ва намози дигар ба дари саропардаи султон шудам. Қазоро Алоуддавла ҳамон соат даррасид. Хидмат кардам. Гуфт: «Сара кардӣ[1] ва ба вақт омадӣ». Пас фуруд омад ва пеши султон шуд.

Офтобзард султон аз саропарда бадар омад, камони гурӯҳа[2] дар даст, Алоуддавла[3] бар рост. Ман бидавидам ва хидмат кардам. Амир Алӣ некӯиҳо пайваст ва ба моҳ дидан машғул шуданд ва аввалкасе, ки моҳ дид, султон буд. Азим шодмона шуд. Алоуддавла маро гуфт: «Писари Бурҳонӣ! Дар ин моҳи нав чизе бигӯй». Ман барфавр ин дубайтӣ бигуфтам:

*Эй моҳ! Чу абрувони ёрӣ, гӯӣ,*
*Ё не, чу камони шаҳриёрӣ, гӯӣ.*
*Наъле зада аз зарри иёрӣ, гӯӣ,*
*Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ, гӯӣ.*

Чун арза кардам, амир Алӣ бисёр таҳсин кард. Султон гуфт: «Бирав, аз охур ҳар кадом асп, ки хоҳӣ, бикушой». Ва дар ин ҳолат бар канори охур будем. Амир Алӣ аспе

---

[1] сара кардӣ – хуб кардӣ

[2] камони гурӯҳа – камоне, ки бо он гулӯла ё кулӯхпора меандохтанд.

[3] Алоуддавла – манзур Муҳаммад ибни Душманзиёр, муканно ба «Абӯҷаъфар» ва мулаққаб ба «Ибни Кокуя» аст. Соли 398/1008 аз ҷониби Даёлима ҳукумати Исфаҳонро дарёфт. Соли 414/1023 Ҳамадонро низ ба қаламрави хеш пайваст. Ибни Сино поёни рӯзгори хешро дар Ҳамадон дар ҳимояти ҳамин подшоҳ гузаронид. Китоби «Ҳикмати Алоӣ»-и хешро ба номи писари ӯ кардааст. Мувофиқи маълумоти манобеъ, Ибни Сино аз хосони Алоуддавлаи мазкур буд, на вазири ӯ. Дар Ҳамадон вазорати Шамсуддавлаи Дайламиро дар ӯҳда дошт, на вазорати ӯро.

номзад кард, биёварданд ва ба касони ман доданд, арзидӣ сесад динори нишопурӣ.

Султон ба мусалло рафт ва ман дар хидмат, намози шом бигузоридем ва ба хон шудем. Бар хон амир Алӣ гуфт: «Писари Бурҳонӣ! Дар ин ташрифе, ки худованди ҷаҳон фармуд, ҳеҷ нагуфтӣ. Ҳолӣ дубайтӣ бигӯй». Ман бар пой ҷастам ва хидмат кардам ва чунонки омад, ҳолӣ ин дубайтӣ бигуфтам:

*Чун оташи хотири маро шоҳ бидид,*
*Аз хок маро бар забари моҳ кашид.*
*Чун об яке тарона аз ман бишунид,*
*Чун бод яке маркаби хосам бахшид.*

Чун ин дубайтӣ адо кардам, Алоуддавла аҳсантҳо кард ва ба сабаби аҳсанти ӯ султон маро ҳазор динор фармуд. Алоуддавла гуфт: «Ҷомагӣ ва иҷрош нарасидааст, фардо бар домани Хоҷа хоҳам нишаст[1], то ҷомагияш аз хизона бифармояд ва иҷрош бар Сипоҳон нависад». Гуфт: «Магар ту кунӣ, ки дигаронро ин ҳисбат[2] нест. Ва ӯро ба лақаби ман бозхонед». Ва лақаби султон «Муъизз-уд-дунё ва-д-дин» буд. Амир Алӣ маро «Хоҷа Муиззӣ» хонд. Султон гуфт: «Амир Муиззӣ».

Он бузурги бузургзода чунон сохт, ки дигар рӯз намози пешин ҳазор динор бахшида ва ҳазору дувист динор ҷомагӣ ва барот[3], низ ҳазор ман ғалла ба ман расида буд.

Ва чун моҳи рамазон берун шуд, маро ба маҷлис хонд ва бо султон надим кард ва иқболи ман рӯй дар тараққӣ ниҳод ва баъд аз он пайваста тимори ман ҳамедошт. Ва

[1] бар домани Хоҷа хоҳам нишаст – мурод пофишорӣ ва исрор намудан аст. Манзур аз «Хоҷа» Низомулмулки Тӯсист.

[2] ҳисбат – музду подош. Ин ҷо мурод эътибор ва карру фар аст.

[3] барот – санаду навиштае, ки аз ҳоким ё соҳибмансабе олӣ ба хазинадор ё волиён фиристода мешуд, то ба оварандаи он моле бидиҳанд.

имрӯз ҳар чи дорам, аз инояти он подшоҳзода дорам. Эзад, таборак ва таъоло, хоки ӯро ба анвори раҳмат хуш гардонод, биманниҳи ва фазлиҳи[1].

**Ҳикоят (6)**

Оли Салҷуқ ҳама шеърдӯст буданд, аммо ҳеҷ кас шеърдӯсттар аз Туғоншоҳ ибни Алпарслон[2] набуд ва муҳоварату муошарати ӯ ҳама бо шеър буд ва надимони ӯ ҳама шуаро буданд. Чун амир Абӯабдуллоҳи Қурашӣ[3] ва Абӯбакри Азрақӣ[4] ва Абӯмансури Боюсуф ва Шуҷоии Насавӣ[5] ва Аҳмади Бадеҳӣ ва Ҳақиқӣ[6] ва Насимӣ[7] ва инҳо мураттабхидмат буданд ва ояндаву раванда бисёр буданд, ҳама аз ӯ марзуқ ва маҳзуз[8]. Магар рӯзе амир бо Аҳмади Бадеҳӣ нард мебохт ва нарди даҳҳазорӣ ба поин кашида

[1] Яъне: Бо бузургворӣ ва бахшоиши хеш.

[2] Туғоншоҳ ибни Алпарслон – аз султонҳои салҷуқӣ, ки дар рӯзгори падараш Алпарслон ҳукумати Хуросонро бар ӯҳда дошт ва дар Ҳирот менишаст. Азрақӣ аз маддоҳони хоси ӯст ва дар қасоиди худ бо садоқат ном, лақаб ва маҳалли ҳукумати ӯро ёд кардааст. Бинобар он, набояд ӯро бо Туғоншоҳ ибни Муайяди Ой-аба ба ҳам омехт (Фарҳанги форсӣ, ҷилди 5, саҳ. 1092; Луғатнома, ҷилди 9, саҳ. 13638).

[3] Абӯабдуллоҳи Қурашӣ – аз шоирони асри XI, ки дар дарбори Туғоншоҳ хидмат менамуд.

[4] Абӯбакри Азрақӣ – Зайнуддин ибни Исмоили Варроқи Азрақии Ҳиравӣ, ки аз шуарои номвари дарбори Салҷуқиён аст. Бештар ду султони салҷуқӣ – Туғоншоҳ ибни Алпарслон ва Амироншоҳ ибни Қовурдро, ки аз ҷониби Салҷуқиён нахустин ҳокими Кирмон буд, дар қасоиди худ сутудааст. Азрақӣ қабл аз ҷулуси Маликшоҳ (соли 465/1073) аз дунё даргузаштааст.

[5] Шуҷоии Насавӣ (Насивӣ-забти Деххудо) – аз шоирони дарбори Туғоншоҳ ибни Алпарслон. Қобили зикр аст, ки Шуҷоии Насавӣ шояд ҳамон Алӣ ибни Муҳаммади Шуҷоӣ бошад, ки чун шоири асри XI шинохта шудааст ва ашъораш дар «Таърихи Байҳақ» омадааст (барои тафсил ниг. Шарҳи аҳвол ва... саҳ. 563).

[6] Ҳақиқӣ – зоҳиран, Ҳақиқии Сӯфӣ, ки шоири нимаи аввали асри XI ва маддоҳи салоҷуқа дониста шудааст (ҳамон, саҳ. 442).

[7] Насимӣ, (Абӯмансури Боюсуф ва Аҳмади Бадеҳӣ) – аз матн бармеояд, ки аз шоирони аҳди салҷуқӣ будаанд. Назди Туғоншоҳ ибни Алпарслон мақбул ва ба таъбири муаллиф «мураттабхидмат» будаанд ва султони мазкур бо эшон муҳоварату мушоварат доштааст.

[8] маҳзуз – баҳраманд

буд ва амир се мухра дар шашгоҳ дошт ва Аҳмади Бадеҳӣ се мухра дар якгоҳ ва зарб амирро буд. Эҳтиётҳо кард ва бияндохт, то сешаш занад, сеяк баромад. Азим тира шуд ва аз табъ бирафт ва ҷойи он буд. Ва он ғазаб ба дараҷае кашид, ки ҳар соат даст ба теғ мекард ва надимон чун барг бар дарахт ҳамеларзиданд, ки подшоҳ буд ва кӯдак буд ва мақмур[1] ба чунон захме.

Абӯбакри Азрақӣ бархост ва ба наздики мутрибон шуд ва ин дубайтӣ бозхонд (Азрақӣ гӯяд):

*Гар шоҳ сешаш хост, сеяк захм афтод,*
*То зан (н) набарӣ, ки каъбатайн дод надод.*
*Он захм, ки кард ройи шоҳаншаҳ ёд,*
*Дар хидмати шоҳ рӯй бар хок ниҳод.*

Бомансури Боюсуф дар санаи тисъа ва хамсумиа[2], ки ман ба Ҳирот афтодам, маро ҳикоят кард, ки амир Туғоншоҳ бад-ин дубайтӣ чунон бо нишот омад ва хуштабъ гашт, ки бар чашмҳои Азрақӣ бӯса дод ва зар хост понсад динор ва дар даҳони ӯ мекард то як дуруст[3] монда буд ва ба нишот андар омад ва бахшиш кард. Сабаби он ҳама як дубайтӣ буд. Эзад, таборак ва таъоло, бар ҳарду раҳмат кунод, биманниҳи ва карамиҳи.

### Ҳиқоят (7)

Дар шуҳури санаи иснайни ва сабъина ва хамсумиа[4] соҳибғаразе қисса ба султон Иброҳим[5] бардошт, ки писари

---

[1] мақмур – қиморбохта

[2] Яъне: соли 509 (1115)

[3] дуруст – сиккаи тамомиёр, зари холис

[4] Яъне: моҳҳое аз соли 572 (1177). Аммо ин ҷо «арбаумиа» (чорсад) – 472 (1080) саҳеҳтар аст. Зеро султон Иброҳим ним қарн пештар аз ин таърих вафот кардааст.

[5] султон Иброҳим – мурод Иброҳим ибни Масъуд ибни Маҳмуд ибни Сабуктагин аст, ки «Заҳируддин» лақаб дошт. Соли 450/1058 ба салтанат расид. Манотике, ки аз ҷониби Султон Маҳмуд дар Ҳинд фатҳ нашуда буд,

ӯ Сайфуддавла Амир Маҳмуд нияти он дорад, ки ба ҷониби Ироқ биравад, ба хидмати Маликшоҳ.

Султонро ғайрат кард ва чунон сохт, ки ӯро ногоҳ бигирифту бибаст ва ба ҳисор фиристод. Ва надимон ӯро банд карданд ва ба ҳисорҳо фиристод. Аз ҷумла, яке Масъуди Саъди Салмон буд ва ӯро ба Ваҷиристон ба қалъаи Ной фиристоданд. Аз қалъаи Ной дубайтӣ ба султон фиристод. (Масъуди Саъди Салмон фармояд):

*Дар банди ту, эй шоҳ, Маликшаҳ бояд,*
*То банди ту пои тоҷдоре саяд.*
*Он кас, ки зи пушти Саъди Салмон ояд,*
*Гар заҳр шавад, мулки туро нагзояд*[1].

Ин дубайтӣ Алии Хос[2] бари султон бурд, бар ӯ ҳеҷ асаре накард. Ва арбоби хираду асҳоби инсоф донанд, ки ҳабсиёти[3] Масъуд дар улув(в) ба чӣ дараҷа расидааст ва дар фасоҳат ба чӣ поя буд? Вақт бошад, ки ман аз ашъори ӯ ҳамехонам, мӯй бар андоми ман бар пой хезад ва ҷои он бувад, ки об аз чашми ман биравад. Ҷумлаи ин ашъор бар он подшоҳ хонданд ва ӯ бишунид, ки бар ҳеҷ мавзеъ ӯ гарм нашуд ва аз дунё бирафт ва он озодмардро дар зиндон бигузошт.

Муддати ҳабси ӯ ба сababи қурбати Сайфуддавла дувоздаҳ сол буд ва дар рӯзгори султон Масъуди Иброҳим[4], ба сабаби қурбати ӯ Абӯнасри Порсиро[5], ҳашт сол буд.

фатҳ кард. Аз салотини парҳезгор ва одил ба шумор меояд. Соли 481/1088 (ё 492/1099) аз дунё даргузаштааст.

[1] нагзояд – газанд нарасонад

[2] Алии Хос – аз наздикони султон Иброҳими Ғазнавӣ, ки сипаҳсолор буд. Ба Масъуди Саъди Салмон иродат дошт.

[3] ҳабсиёт – ашъоре, ки дар зиндон ва сахтиҳои он суруда мешавад.

[4] Масъуди Иброҳим – писари султон Иброҳими Ғазнавӣ, ки соли 493/1100 бар тахти салтанат нишаст. Бо халифа Мустазҳир биллоҳ робитаи хуб дошт. Дар адолат ва парҳезгорӣ маъруф буд. Ҳафдаҳ сол салтанат ронд. Соли 509/1116 аз олам даргузашт.

[5] Абӯнасри Порсӣ – вазири Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд буд.

Ва чандон қасоиди ғурар[1] ва нафоиси дурар, ки аз табъи ваққоди[2] ӯ зода, албатта, ҳеҷ масмуъ наяфтод. Баъд аз ҳашт сол сиқатулмулк Тоҳири Алии Мушкон[3] ӯро берун овард. Ва ҷумла[4], он озодмард дар давлати эшон ҳамаи умр дар ҳабс ба сар бурд ва ин бадномӣ дар он хонадони бузург бимонд.

Ва мани банда ин ҷо мутаваққифам, ки ин ҳолро бар чӣ ҳамл кунам? Бар суботи раъй, ё бар ғафлати табъ, ё бар қасовати қалб, ё бар баддилӣ? Дар ҷумла, сутуда нест ва надидам ҳеҷ хирадманд, ки он давлатро бар ин ҳазму[5] эҳтиёт маҳмадат[6] кард.

Ва аз султони олам Ғиёс-уд-дунё ва-д-дин[7] Муҳаммад ибни Маликшоҳ[8] ба дари Ҳамадон дар воқеаи амир Шиҳобуддин Қутлумиши Албғозӣ[9], ки домоди ӯ буд, ба хоҳар, таййабаллоҳу турбатаҳумо ва рафаъа фи-л-ҷинони рутбатаҳумо,[10] шунидам, ки хасм дар ҳабс доштан нишони баддилӣ аст. Зеро ки аз ду ҳол берун нест: ё муслеҳ аст ё

---

[1] ғурар – баргузидаву ноб

[2] ваққод – тезёб, дарёбанда

[3] Тоҳири Алии Мушкон – вазири султон Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ, ки бародари Абӯнасри Мушкон аст.

[4] ҷумла – хулоса, умуман

[5] ҳазм – ҳушёрии ҳамроҳ бо дурандешӣ

[6] маҳмадат – ситоиш

[7] Яъне: Фарёдраси дунёву дин

[8] Муҳаммад ибни Маликшоҳ – шашумин нафар аз салотини бузурги Салҷуқиён, ки нахуст султони Ироқ буд. Пас аз чанд соли даргузашти падараш, соли 498/1105 ба салтанат расид. Соли 511/1117 дар 37-солагӣ аз дунё реҳлат намуд.

[9] Шиҳобуддин Қутлумиши Албғозӣ – зоҳиран, Қутлумиш ибни Исроил ибни Салҷуқ, амузодаи султон Туғралбеки Салҷуқӣ аст, ки аз амирон ва султаҷӯёни Оли Салҷуқ буд. Вақте ки Алпарслон ба салтанат расид (455/1063), Қутлумиш бар мухолифат бо ӯ бархост. Алпарслон дар Домғон бо ӯ биҷангид. Қутлумиш дар ҳамин ҷанг аз асп биафтод ва даргузашт (Луғатнома, ч. 10, саҳ. 15389). Агар дақиқ ҳамин нафар دониста шавад, пас матн аз ғалатҳои таърихӣ ва ансобӣ холӣ нест.

[10] Яъне: Худованд хокчои онҳоро хуш дорад ва дар биҳишти барин манзалати эшонро боло барад.

муфсид. Агар муслеҳ аст, дар ҳабс доштан зулм аст ва агар муфсид аст, муфсидро зинда гузоштан ҳам зулм аст.

Дар ҷумла, бар Масъуд ба сар омад ва он бадномӣ то домани қиёмат бимонд.

**Ҳикоят (8)**

Мулки Хоқониён[1] дар замони султон Хизр ибни Иброҳим[2] азим таровате дошт ва шигарф[3] сиёсатеву маҳобате, ки пеш аз он набуд ва ӯ подшоҳи хирадманду одил ва мулкорой буд. Мовароуннаҳру Туркистон ӯро мусаллам буд ва аз ҷониби Хуросон ӯро фароғате тамом ва хешиву дӯстӣ ва аҳду васиқат барқарор.

Ва аз ҷумлаи таҷаммули мулки ӯ яке он буд, ки чун барнишастӣ, ба ҷуз дигар силоҳ ҳафтсад гурзи заррину симин пеши аспи ӯ бибурдандӣ. Ва шоирдӯсти азим буд. Устод Рашидӣ ва Амир Амъақ ва Наҷибии Фарғонӣ ва Наҷҷори Согарҷӣ ва Алии Бонизӣ ва Писари Даргуш ва Писари Исфароинӣ ва Алии Сипеҳрӣ[4] дар хидмати ӯ силатҳои гарон ёфтанд ва ташрифҳои шигарф ситаданд.

Ва Амир Амъақ амирушшуаро буд ва аз он давлат ҳаззе тамом гирифта ва таҷаммуле қавӣ ёфта, чун ғуломони турк ва канизакони хубу аспони роҳвор[5] ва сохтҳои[6] зару ҷомаҳои фохир ва нотиқу сомит[7] фаровон. Ва дар маҷлиси подшоҳ азим муҳтарам буд. Ба зарурат дигар шуароро

---

[1] Хоқониён – мурод Оли Хоқон – ниг. саҳ.74

[2] Хизр ибни Иброҳим – аз подшоҳони хоқонӣ (эликхонӣ), ки пас аз соли 474/1082 бар салтанат расид ва баъд аз муддати андаке вафот намуд.

[3] шигарф – аҷиб, ҳайратовар

[4] Рашидӣ, Амир Амъақ, Наҷибии Фарғонӣ, Наҷҷори Соғарҷӣ, Алии Бонизӣ, Писари Дарғуш, Алии Сипеҳрӣ – ниг.саҳ. 74-75

[5] роҳвор – хушрав, тезрав

[6] сохт – заруриёту лавозимоти саворӣ бар асп, чун зин, афсор ва амсоли инҳо.

[7] нотиқу сомит – гӯёву хомӯш. Мурод ғуломону канизон ва зару сим аст.

хидмати ӯ ҳамебоист кардан. Ва аз устод Рашидӣ ҳамон тамаъ медошт, ки аз дигарон ва вафо намешуд. Агарчи Рашидӣ ҷавон буд, аммо олим буд дар он синоат. Ситтӣ Зайнаб[1] мамдуҳаи ӯ буд ва ҳамагии ҳарами Хизрхон дар фармони ӯ буд ва ба наздики подшоҳ қурбате тамом дошт. Рашидиро ӯ бисутудӣ ва тақрири фазли ӯ кардӣ, то кори Рашидӣ боло гирифт ва сайидушшуаройӣ ёфт ва подшоҳро дар ӯ эътиқоде падид омад ва силатҳои гарон бахшид.

Рӯзе дар ғайбати Рашидӣ аз Амъақ пурсид, ки шеъри Абдуссайид Рашидиро чун мебинӣ? Гуфт: «Шеъре бағоят нек, мунаққо[2] ва мунаққеҳ[3]. Аммо қадре намакаш дармебояд».

На бас рӯзгоре баромад, ки Рашидӣ даррасид ва хидмат кард ва хост, ки бинишинад. Подшоҳ ӯро пеш хонд ва ба тазриб[4], чунонки одати мулук аст, гуфт: «Амирушшуароро пурсидам, ки шеъри Рашидӣ чун аст? Гуфт: «Нек аст, аммо бенамак аст» Бояд, ки дар ин маънӣ байте ду бигӯӣ!»

Рашидӣ хидмат кард ва ба ҷои хеш омаду бинишаст ва бар бадеҳа ин қитъа бигуфт:

*Шеърҳои маро ба бенамакӣ*
*Айб кардӣ, раво бувад шояд,*
*Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст,*
*В-андарин ду намак накӯ н-ояд.*
*Шалғаму боқилист гуфтаи ту,*
*Намак, эй қалтабон[5], туро бояд.*

Чун арза кард, подшоҳро азим хуш омад. Ва дар

[1] Ситтӣ Зайнаб – мурод ҳамсари султон Хизрхон ибни Иброҳим аст. «Ситтӣ» – мухаффафи «сайидатӣ» (пешвою сарварам – бо сиғаи занона) аст.

[2] мунаққо – покиза

[3] мунаққеҳ – пероста, пок аз айбҳо

[4] тазриб – ду касро ба ҳам задан ва байни онон муҷодила бархезонидан

[5] қалтабон – касе, ки ғайрати мардон дар ӯ нест; дайюс

Мовароуннаҳр одату расм аст, ки дар маҷлиси подшоҳ ва дигар маҷлис зару сим дар табақҳо ба нуқл[1] биниҳанд ва онро «сими тоқо ё ҷуфт»[2] хонанд. Ва дар маҷлиси Хизрхон бахш(ро) чаҳор табақ зари сурх биниҳодандӣ. Дар ҳар яке дувисту panҷоҳ динор ва он ба мушт бибахшидӣ. Ин рӯз чаҳор табақ Рашидиро фармуд ва ҳурмате тамом падид омад ва маъруф гашт. Зеро ки чунонки мамдуҳ ба шеъри неки шоир маъруф шавад, шоир ба силаи гарони подшоҳ маъруф шавад, ки ин ду маънӣ муталозимонанд.

## Ҳикоят (9)

Устод Абулқосими Фирдавсӣ аз даҳоқини Тӯс буд. Аз деҳе, ки он деҳро «Бож» хонанд ва аз ноҳияти Табарон[3] аст. Бузург деҳе аст ва аз вай ҳазор мард берун ояд. Фирдавсӣ дар он деҳ шавкате тамом дошт, чунонки ба дахли он зиёъ[4] аз амсоли худ бениёз буд ва аз ақиб[5] як духтар беш надошт. Ва «Шоҳнома» ба назм ҳамекард ва ҳамаи умеди ӯ он буд, ки аз силаи он китоб ҷиҳози он духтар бисозад. Бисту панҷ сол дар он китоб машғул шуд, ки он китоб тамом кард ва алҳақ ҳеҷ боқӣ нагузошт ва суханро ба осмони иллийин бурд ва дар узубат ба мои маъин[6] расонид. Ва кадом табъро қудрати он бошад, ки суханро бад-ин дараҷа расонад, ки ӯ расонидааст. Дар номае, ки Зол ҳаменависад ба Соми Наримон ба Мозандарон, дар он ҳол, ки бо Рудоба –

[1] ба нуқл – бо хӯрданиҳо

[2] сими тоқо ё ҷуфт – гуё чунин буда, ки салотин дар маҷлисҳои худ дар табақҳо зару сим мениҳодаанд ва дар ҳоли навохтани нафаре муште аз онро баргирифта аз он шахс мепурсидаанд, ки: «Тоқ ё ҷуфт?!» Агар мувофиқ меомад, бар онҳо соҳиб мешуд.

[3] Табарон – яке аз қисмати дугонаи Тӯси куҳан, ки қисмати дигари он Навқон буд.

[4] зиёъ – заминҳои кишоварзӣ ва амлок

[5] ақиб – фарзанд, меросбар

[6] мои маъин – оби гуворо

духтари шоҳи Кобул пайвастагӣ хост кард(?):

*Яке нома фармуд наздики Сом,*
*Саросар дуруду навиду харом*[1]*,*
*Нахуст аз Ҷаҳонофарин ёд кард,*
*Ки ҳам дод фармуду ҳам дод кард.*
*В-аз ӯ бод бар Соми Найрим дуруд,*
*Худованди шамшеру куполу*[2] *худ*[3]*.*
*Чамонандаи*[4] *чарма*[5] *ҳангоми гард*[6]*,*
*Чаронандаи каркас андар набард.*
*Физояндаи боди овардгоҳ,*
*Фишонандаи хун зи абри сиёҳ.*
*Ба мардӣ ҳунар дар ҳунар сохта,*
*Сараш аз ҳунар гардан афрохта.*

Ман дар Аҷам сухане бад-ин фасоҳат намебинам ва дар бисёре аз сухани араб ҳам.

Чун Фирдавсӣ «Шоҳнома» тамом кард, нассохи[7] ӯ Алии Дайлам буд ва ровӣ[8] Абӯдулаф ва вашкарда[9] Ҳуйаййи Қутайба, ки омили Тӯс буд ва ба ҷои[10] Фирдавсӣ аёдӣ[11] дошт, номи ҳар се бигӯяд:

*Аз ин нома аз номдорони шаҳр,*
*Алӣ Дайламу Бӯдулафрост баҳр.*
*Наёмад ҷуз аҳсанташон баҳраам,*
*Бикафт андар эҳсонашон заҳраам.*
*Ҳуйаййи Қутайбаст аз озодагон,*

[1] харом – хабари хуш
[2] купол – гурз
[3] худ – сарпӯши ҷанговарон
[4] чамонанда – ҷавлондиҳанда
[5] чарма – асп
[6] ҳангоми гард – вақти корзор
[7] нассох – котиб, нусханавис
[8] ровӣ – хонандаи шеър, бахусус дар назди шоҳон ва маҷлиси бузургон
[9] вашкарда (вушкарда) – коргузор, ба роҳ монандаи кор
[10] ба ҷои – дар ҳаққи
[11] аёдӣ –ҷуду сахо; неъматҳо, некӯиҳо

*Ки аз ман нахоҳад сухан ройгон.*
*Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,*
*Ҳамеғалтам андар миёни давоҷ*[1].

Ҳуйаййи Қутайба омили Тӯс буд ва ин қадар ӯро воҷиб дошт ва аз хироҷ фурӯ ниҳод, лоҷарам номи ӯ то қиёмат бимонад ва подшоҳон ҳамехонанд.

Пас, «Шоҳнома» Алии Дайлам дар ҳафт муҷаллад набишт ва Фирдавсӣ Бӯдулафро баргирифт ва рӯй ба ҳазрат ниҳод, ба Ғазнин ва ба поймардии хоҷаи бузург Аҳмад Ҳасани Котиб[2] арза кард ва қабул афтод. Ва султон Маҳмуд аз хоҷа миннатҳо дошт. Аммо хоҷаи бузург мунозион[3] дошт, ки пайваста хоки тахлит[4] дар қадаҳи ҷоҳи ӯ ҳамеандохтанд. Маҳмуд бо он ҷамоат тадбир кард, ки Фирдавсиро чӣ диҳем? Гуфтанд: «Панҷоҳ ҳазор дирам ва ин худ бисёр бошад, ки ӯ марде рофизӣ[5] аст ва муътазилимазҳаб ва ин байт бар эътизоли ӯ далел кунад, ки ӯ гуфт:

*Ба бинандагон Офаринандаро,*
*Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.*

Ва бар рафзи ӯ ин байтҳо далел аст, ки ӯ гуфт:

*Хирадманд гетӣ чу дарё ниҳод,*
*Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.*
*Чу ҳафтод киштӣ дар ӯ сохта,*
*Ҳама бодбонҳо барафрохта.*
*Миёна яке хубкиштӣ арӯс,*
*Баророста ҳамчу чашми хурӯс.*
*Паямбар бад-ӯ андарун бо Алӣ,*

[1] давоҷ – бистар, рӯандоз
[2] Аҳмад Ҳасани Котиб – мурод Аҳмад Ҳасани Маймандист (ниг. саҳ.55).
[3] мунозион – мухолифон
[4] тахлит – омехта сохтан. Ин ҷо манзур назари дигаронро бо тӯҳмату ноҷавонмардӣ дигар кардан ва бадгумон сохтан аст.
[5] рофизӣ – шиамазҳаб

*Ҳама аҳли байти набиву васӣ[1].*
*Агар хулд хоҳӣ ба дигар сарой,*
*Ба назди набиву васӣ гир ҷой.*
*Гарат з-ин бад ояд, гуноҳи ман аст,*
*Чунин дону ин роҳ роҳи ман аст.*
*Бар ин зодаму ҳам бар ин бигзарам,*
*Яқин дон, ки хоки паи Ҳайдарам.*

Ва Султон Маҳмуд марде мутаассиб буд, дар ӯ ин тахлит бигирифт ва масмуъ афтод. Дар ҷумла, бист ҳазор дирам ба Фирдавсӣ расид. Бағоят ранҷур шуд ва ба гармоба рафт ва баромад, фуққоӣ[2] бихӯрд[3] ва он сим миёни ҳаммомиву фуққоӣ қисм фармуд.

Сиёсати Маҳмуд донист, ба шаб аз Ғазнин бирафт ва ба Ҳарӣ ба дуккони Исмоили Варроқ – падари Азрақӣ, фуруд омад ва шаш моҳ дар хонаи ӯ мутаворӣ буд, то толибони Маҳмуд ба Тӯс расиданду бозгаштанд.

Ва чун Фирдавсӣ эмин шуд, аз Ҳарӣ рӯй ба Тӯс ниҳод ва «Шоҳнома» баргирифту ба Табаристон шуд, ба наздики испаҳбад Шаҳриёр[4], ки аз Оли Бованд[5] дар Табаристон подшоҳ ӯ буд. Ва он хонадоне аст бузург, нисбати эшон ба

---

[1] васӣ – мурод Алӣ (рз) аст.

[2] фуққоӣ – касе, ки фуққоъ мефурӯшад. Фуққоъ – шаробе, ки маъмулан аз ҷав мегирифтанд.

[3] бихӯрд – рӯ ба рӯ шуд

[4] Испаҳбад Шаҳриёр – мурод Шаҳриёр ибни Шарвин ибни Рустам ибни Сурхоб аст, ки дувоздаҳумин нафар аз испаҳбадон ва подшоҳони Оли Бованд дар Табаристон буд. Муддати дароз дар ин мақом будааст. Пас аз соли 400/1010 даргузаштааст.

[5] Оли Бованд – хонадоне аз фармонравоёни Табаристон, ки ҳамаи онон ба «Малик-ул-ҷибол» мулаққаб мегаранд. Ин хонадон худро аз авлоди Бов писари Каюс ибни Қубод – бародари бузургтарини Анӯшервон медонанд. Бов соли 45/665 дар қисмате аз Мозандарон салтанат ёфт ва ин хонадонро, ки минбаъд «Малик-ул-ҷибол» хонда шуданд, асос гузошт. Охирин малики ин хонадон испаҳбад Рустам ибни Шаҳриёр буд, ки соли 416/1025 дар асари ҷанг бо Алоуддавла кушта шуд ва ин хонадон аз байн рафт. Аз ин хонадон ба сурати «Бовандиён» ё «Бовандия» низ ёд мешавад.

Яздигурди Шаҳриёр пайвандад.

Пас Маҳмудро ҳиҷо[1] кард дар дебоча, байте сад ва бар Шаҳриёр хонду гуфт: «Ман ин китобро аз номи Маҳмуд ба номи ту хоҳам кардан, ки ин китоби ҷаддони[2] туст».

Шаҳриёр ӯро бинавохт ва некӯиҳо фармуд ва гуфт: «Ё устод! Маҳмудро бар он доштанд ва китоби туро ба шарте[3] арза накарданд ва туро тахлит карданд ва дигар ту марде шиъийӣ ва ҳар кӣ таваллӣ ба хонадони паёмбар кунад, ӯро дунёвӣ ба ҳеҷ коре наравад, ки эшонро худ нарафтааст. Маҳмуд худовандгори ман аст, ту «Шоҳнома» ба номи ӯ раҳо кун ва ҳаҷви ӯ ба ман деҳ, то бишӯям ва туро андак чизе бидиҳам. Маҳмуд худ туро хонад ва ризои ту талабад ва ранҷи чунин китоб зоеъ намонад».

Ва дигар рӯз сад ҳазор дирам фиристоду гуфт: «Ҳар байте ба ҳазор дирам харидам. Он сад байт ба ман деҳ ва бо Маҳмуд дил хуш кун». Фирдавсӣ он байтҳо фиристод. Бифармуд, то бишустанд. Фирдавсӣ низ савод[4] бишуст ва он ҳаҷв мундарис[5] гашт. Ва аз он ҷумла ин шаш байт бимонд:

*Маро ғамз карданд, к-он пурсухан,*
*Ба меҳри набиву Алӣ шуд куҳан.*
*Агар меҳрашон ман ҳикоят кунам,*
*Чу Маҳмудро сад ҳимоят кунам.*
*Парасторзода наёяд ба кор,*
*В-агарчанд бошад падар шаҳриёр.*
*Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме?*
*Чу дарё карона надонам ҳаме.*
*Ба некӣ набуд шоҳро дастгоҳ,*

[1] ҳиҷо – ҳаҷв
[2] ҷаддон – бобоён
[3] шарт – ин ҷо ба «маънии чунонки бояд», «он гуна, ки ҳаққи он аст» омада.
[4] савод – нусха, дафтари пешнавис, сиёҳнавис
[5] мундарис – азбайнрафта, нобудшуда

*В-агарна маро барнишондӣ ба гоҳ.*

*Чу андар табораш бузургӣ набуд,*

*Надонист номи бузургон шунуд.*

Алҳақ, некӯ хидмате кард Шаҳриёр мар Маҳмудро ва Маҳмуд аз ӯ миннатҳо дошт.

Дар санаи арбаъа ашара ва хамсумиа[1] ба Нишобур шунидам аз Амир Муиззӣ, ки ӯ гуфт: «Аз Амир Абдурраззоқ шунидам ба Тӯс, ки ӯ гуфт: «Вақте Маҳмуд ба Ҳиндустон буд ва аз он ҷо бозгашта буд ва рӯй ба Ғазнин ниҳода, магар дар роҳи ӯ мутамарриде[2] буд ва ҳисоре устувор дошт. Ва дигар рӯз Маҳмудро манзил бар дари ҳисори ӯ буд. Пеши ӯ расуле бифиристод, ки фардо бояд, ки пеш ой ва хидмате биёрӣ ва боргоҳи моро хидмат кунӣ ва ташриф бипӯшӣ ва бозгардӣ. Дигар рӯз Маҳмуд барнишаст ва хоҷаи бузург бар дасти рости ӯ ҳамеронд, ки фиристода бозгашта буд ва пеши султон ҳамеомад. Султон бо хоҷа гуфт: «Чӣ ҷавоб дода бошад?» Хоҷа ин байти Фирдавсӣ бихонд:

*Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб,*

*Ману гурзу майдону Афросиёб.*

Маҳмуд гуфт: «Ин байт кирост, ки мардӣ аз ӯ ҳамезояд?!» Гуфт: «Бечора Абулқосими Фирдавсирост, ки бисту панҷ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом кард ва ҳеҷ самара надид». Маҳмуд гуфт: «Сара кардӣ[3], ки маро аз он ёд овардӣ, ки ман аз он пушаймон шудаам. Он озодмард аз ман маҳрум монд. Ба Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам».

Хоҷа чун ба Ғазнин омад, бар Маҳмуд ёд кард. Султон гуфт: «Шаст ҳазор динор Абулқосими Фирдавсиро

[1] Яъне: соли 514 (1120)
[2] мутамаррид – саркаш, ёғӣ
[3] сара кардӣ – хуб кардӣ

бифармой, то ба найл[1] диҳанд ва ба уштури султонӣ ба Тӯс баранд ва аз ӯ узр хоҳанд».

Хоҷа солҳо буд, то дар ин банд[2] буд. Охир он корро чун зар бисохт ва уштур гусел кард ва он найл ба саломат ба шаҳри Табарон расид.

Аз дарвозаи Рӯдбор уштур дармешуд ва ҷанозаи Фирдавсӣ ба дарвозаи Разон берун ҳамебурданд. Дар он ҳол музаккире[3] буд дар Табарон, таассуб карду гуфт: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусалмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд». Ва ҳарчанд мардумон бигуфтанд, бо он донишманд дарнагирифт. Даруни дарвоза боғе буд, милки Фирдавсӣ, ӯро дар он боғ дафн карданд. Имрӯз ҳам дар он ҷост ва ман дар санаи ашара ва хамсумиа[4] он хокро зиёрат кардам.

Гӯянд: Аз Фирдавсӣ духтаре монд сахт бузургвор, силати султон хостанд, ки бад-ӯ супоранд, қабул накард ва гуфт: «Бад-он муҳтоҷ нестам». Соҳиббарид ба ҳазрат бинавишт ва бар султон арза карданд. Мисол дод[5], ки он донишманд аз Табарон биравад, бад-ин фузулӣ, ки кардааст ва хонумон бигузорад. Ва он мол ба Хоҷа Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ[6] диҳанд, то работи Чоҳа, ки бар сари роҳи Нишобур ва Марв аст, дар ҳадди Тӯс, иморат кунад.

Чун мисол ба Тӯс расид, фармонро имтисол намуданд ва иморати работи Чоҳа аз он мол аст.

---

[1] найл – ато, бахшиш
[2] банд – мурод андеша аст, ки ӯро бар худ баста буд.
[3] музаккир – воиз, пандгӯ
[4] Яъне: соли 510 (1116)
[5] мисол дод – фармон дод
[6] Хоҷа Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ – мурод Абӯбакр Муҳаммад ибни Муҳаммад, ки пешвои карромиёни Нишопур буд.

## Ҳикоят (10)

Дар он таърих, ки мани банда дар хидмати худованд – Малик-ул-ҷибол[1] будам, наввараллоҳу мазҷиъаҳу ва рафаъа фи-л-ҷинони мавзиъаҳу[2], ва он бузургвор дар ҳаққи мани банда эътиқоди қавӣ дошт ва дар тарбияти ман ҳиммати баланд. Магар аз меҳтарон ва меҳтарзодагони шаҳри Балх, аммараҳаллоҳ[3], амир Амиди Сафиюддин Абӯбакр Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ар-Руншоҳӣ рӯзи иди Фитр бад-он ҳазрат пайваст, ҷавони фозили муфзил[4], дабире нек, муставфие башарт[5], дар адабу самароти он бобаҳра, дар дилҳо мақбул ва дар забонҳо мамдуҳ. Ва дар ин ҳол ман ба хидмат ҳозир набудам.

Дар маҷлис бар лафзи подшоҳ рафт, ки Низомиро бихонед. Амир Амиди Сафиюддин гуфт, ки: «Низомӣ ин ҷост?» Гуфтанд: «Оре». Ва ӯ чунон гумон бурд, ки Низомии Мунярӣ[6] аст. Гуфт: «Хаҳ! Шоире нек ва марде маъруф».

Чун фаррош расид ва маро бихонд, мӯза дар пой кардам ва чун даромадам, хидмат кардам ва ба ҷои хеш бинишастам. Ва чун давре чанд даргузашт, амир Амид гуфт: «Низомӣ наёмад?» Малик-ул-ҷибол гуфт: «Омад, инак он ҷо нишастааст». Амир Амид гуфт: «Ман на ин Низомиро мегӯям, он Низомӣ дигар аст ва ман инро худ нашносам».

---

[1] Малик-ул-ҷибол – лақаби подшоҳони Ғӯр. Ин ҷо мурод Қутбиддин Муҳаммад ибни Иззуддин аст.

[2] Яъне: Худованд оромгоҳашро пурнур созад ва ҷойгоҳашро ба биҳишт боло барад.

[3] Яъне: Худованд онро обод дорад.

[4] муфзил – бахшанда, эҳсонгар. Ин лафзро «муфаззал» (бартаридодашуда) низ метавон хонд.

[5] башарт – ҳақшинос

[6] Низомии Мунярӣ ва Низомии Асирӣ, ки чанд сатр поёнтар ёд гардида – шоирони асри XII мебошанд, ки аз парвардагони Салҷуқиён будаанд. Намунаи шеъри онон боқӣ намондааст.

Ҳамэдун[1] он подшоҳро дидам, ки мутағайир гашт ва дарҳол рӯй сӯи ман карду гуфт: «Ҷуз ту ҷое Низомӣ ҳаст?» Гуфтам: «Бале, эй худованд! Ду Низомии дигаранд: Яке Самарқандӣ аст ва ӯро «Низомии Мунярӣ» гӯянд ва яке Нишопурӣ ва ӯро «Низомии Асирӣ» гӯянд ва мани бандаро «Арӯзӣ» хонанд». Гуфт: «Ту беҳӣ ё эшон?» Амир Амид донист, ки бад гуфтааст ва подшоҳро мутағайир дид, гуфт: «Эй худованд! Он ҳар ду Низомӣ муарбиданду[2] сабук, маҷлисҳоро ба арбада барҳам шӯранд ва ба зиён оранд». Малик бар сабили тийбат[3] гуфт: «Бош! То инро бубинӣ, ки панҷ қадаҳ сеякӣ[4] бихӯрад ва маҷлисро барҳам занад. Аммо аз ин ҳар се Низомӣ шоиртар кист?» Амир Амид гуфт: «Ман он дуро дидаам ва ба ҳақк-ул-маърифа[5] шиносам, аммо инро надидаам ва шеъри ӯ нашунидаам. Агар дар ин маънӣ, ки бирафт, ду байт бигӯяд ва ман табъи ӯ бинам ва шеъри ӯ бишнавам, бигӯям, ки кадом беҳтар аст аз ин ҳар се».

Малик рӯй сӯи ман карду гуфт: «Ҳон, эй Низомӣ! То моро хиҷил накунӣ ва чун гӯӣ, чунон гӯй, ки амир Амид хоҳад».

Андар он вақт маро дар хидмати подшоҳ табъе буд файёз ва хотире ваҳҳоҷ[6] ва икрому инъоми он подшоҳ маро бад-он ҷо расонида буд, ки бадеҳаи ман чун равийят[7] гашта буд. Қалам баргирифтам ва то ду бор давр даргузашт, ин панҷ байт бигуфтам:

*Дар ҷаҳон се Низомием, эй шоҳ!*
*Ки ҷаҳоне зи мо ба афғонанд.*

[1] ҳамэдун – ҳамон дам
[2] муарбид – арбадагар, бадахлоқ, тундхӯ
[3] тийбат – шӯхӣ, хуштабъӣ
[4] сеякӣ – шаробе, ки бо ҷӯшонидан аз се ду ҳиссаи он бухор шуда ва сеяки он боқӣ мондааст; мусаллас.
[5] ҳақк-ул-маърифа – шинохти саҳеҳ
[6] ваҳҳоҷ – тез, равшан
[7] равийят – ба кор гирифтани андеша, бо тааммул шеър гуфтан

*Ман ба Варсод[1] пеши тахти шаҳам*
*В-он ду дар Марв пеши султонанд.*
*Ба ҳақиқат, ки дар сухан имрӯз,*
*Ҳар яке мафхари[2] Хуросонанд.*
*Гарчи ҳамчун равон сухан гӯянд*
*В-арчи ҳамчун хирад сухан донанд,*
*Ман шаробам, ки шон чу дарёбам,*
*Ҳарду аз кори худ фурӯ монанд.*

Чун ин байтҳо арз кардам, амир Амиди Сафиюддин хидмат кард ва гуфт: «Эй подшоҳ! Низомиёнро бигузор, ман аз ҷумлаи шуарои Мовароуннаҳру Хуросону Ироқ ҳеҷ касро табъ он нашносам, ки бар иртиҷол[3] чунин панҷ байт тавонад гуфт, хосса бад-ин матонату[4] ҷазолату[5] узубат[6], мақрун[7] ба алфози азб[8] ва машҳун[9] ба маонии бикр. Шод бош, эй Низомӣ! Туро бар басити замин назир нест. Эй худованд – подшоҳ, табъе латиф дорад ва хотире қавӣ ва фазле тамом. Ва иқболи подшоҳи вақт ва ҳиммати ӯ, рафаъаҳумаллоҳу[10], дарафзудааст, нодирае гардад ва аз ин ҳам зиёдат шавад, ки ҷавон аст ва рӯзафзун».

Рӯи подшоҳ – худованд азим барафрӯхт ва башошате[11] дар табъи латифи ӯ падид омад, маро таҳсин карду гуфт:

---

[1] Варсод (Варшод) – номи вилоятест аз Ғӯр, ки маҳалли ҳукмронии Маликул-ҷибол Қутбиддин Муҳаммад ибни Иззуддин буд. Он гоҳ, ки Сайфиддини Сурӣ вилояти Ғӯрро миёни бародарон қисмат кард, Варсод дар саҳми Маликул-ҷибол даромад (Луғатнома, ҷ.14, саҳ. 20478).

[2] мафхар – мояи ифтихор

[3] иртиҷол – бадоҳатан, бидуни диранг

[4] матонат – устуворӣ

[5] ҷазолат – муҳкамӣ, пайванди устувори лафзҳо бо ҳам

[6] узубат – гуворой

[7] мақрун – ҳамроҳ, пайваст

[8] азб – хуш, гуворо

[9] машҳун – саршор,

[10] Яъне: Худованд ҳар дуро баландӣ бахшад.

[11] башошат – шодмонӣ

«Кони сурби Варсод аз ин ид[1] то ба иди гӯсфандкушон[2] ба ту додам, омиле бифирист».

Чунон кардам ва Исҳоқи Яҳудиро бифиристодам. Дар самими[3] тобистон буду вақти кор ва гавҳар бисёр мегудохтанд. Дар муддати ҳафтод рӯз дувоздаҳ ҳазор ман сурб аз он хумс[4] бад-ин дуогӯй расид ва эътиқоди подшоҳ дар ҳаққи мани банда яке ҳазор шуд.

Эзад, таборак ва таъоло, хоки азизи ӯро ба шамъи ризо пурнур кунод ва ҷони шарифи ӯро ба ҷамъи ғанно[5] масрур, биманниҳи ва карамиҳи.

[1] ин ид – мурод иди Фитр аст.

[2] иди гӯсфандкушон – иди Қурбон

[3] самим – миёна, дил

[4] хумс – панҷяки ғанимат, ки ба халифа ё подшоҳ қарор мегирад. Имкон дорад, ки мурод он панҷ байти муаллиф бошад.

[5] ғанно – боғи пурдарахт. Киноя аз ҷаннат аст. Мумкин аст, ки ин лафз барои риояти саҷъу мувозана «ғино» хонда шавад, аммо маънии матлуб ба даст намеояд.

# МАҚОЛАТИ САВУМ

## Дар илми нуҷум ва ғазорати мунаҷҷим дар он илм

Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «ат-Тафҳим фӣ синоати-т-танҷим»[1] – боби аввал бигӯяд, ки мард номи мунаҷҷимиро сазовор нашавад, то дар чаҳор илм ӯро ғазорате[2] набошад: яке ҳандаса, дувум ҳисоб, савум ҳайъат, чаҳорум аҳком.

Аммо ҳандаса – синоате аст, ки андар ӯ шинохта шавад ҳоли авзои хутут ва ашколи сутуҳу муҷассамот ва он нисбати куллӣ, ки мар мақодиррост, бад-он чи ӯ мақодир аст ва он нисбате, ки мар ӯрост, бад-он чи ӯро авзоъ асту ашкол. Ва муштамил аст бар усули ӯ китоби Уқлидуси Наҷҷор[3], ки Собит ибни Қурра[4] дасте кардааст[5].

---

[1] «ат-Тафҳим фӣ синоати-т-танҷим» (ё «ат-Тафҳим лиавоили синоати-т-танҷим») – маъруфтарин китоби Абӯрайҳони Берунӣ буда, дар илми нуҷум ба қалам омадааст. Берунӣ онро нахуст соли 420/1029 ба забони форсӣ таълиф намуд ва ба номи «Райҳона» – духтари Ҳусайни Хоразмӣ кард. Сипас худ онро ба арабӣ даровард.

[2] ғазорат – табаҳҳур, фаровонии дониш

[3] китоби Уқлидуси Наҷҷор – мурод китоби «Усул»-и Уқлидус аст, ки Собит ибни Қурра, Насируддини Тӯсӣ ва иддае дигар бар он шарҳ бастаанд ва Музаффари Исфизорӣ онро талхис намудааст. Уқлидуси Наҷҷор риёзидони машҳури юнонӣ аст, ки дар замони Батлимуси аввал мезист. Китоби «Усул»-ро дар ҳандаса навиштааст. Соли 283/896 даргузаштааст.

[4] Собит ибни Қурра – донишманд ва мутарҷими номвар, ки таълифоти зиёдро ба мерос гузошт. Дар тарҷумаи осори юнонӣ ба забони арабӣ моҳир буд. Соли 288/901 вафот намудааст.

[5] дасте кардааст – мурод шарҳ бар он бастан ё истинсох намудан аст.

Аммо ҳисоб – синоате аст, ки андар ӯ шинохта шавад ҳоли анвои аъдод ва хоссаи ҳар навъе аз ӯ дар нафси хеш ва ҳоли нисбати аъдод ба якдигар ва таваллуди эшон аз якдигар. Ва фурӯъи ӯ чун тансифу тазъиф[1] ва зарбу қисмат ва ҷамъу тафриқ[2] ва ҷабру муқобала. Ва муштамил аст усули ӯро китоби «Арисмотиқӣ»[3] ва фурӯъи ӯро «Такмила»-и Абӯмансури Бағдодӣ[4] ё «Сад боб»-и Сиҷзӣ[5].

Аммо илми ҳайъат – (илме аст), ки шинохта шавад андар ӯ ҳоли аҷзои олами улвиву суфлӣ ва ашколу авзои эшон ва нисбати эшон бо якдигар ва мақодиру абъоде[6], ки миёни эшон аст ва ҳоли он ҳаракот, ки мар кавокибросту афлокро ва таъдили кураҳо ва қитъаҳои доираҳо, ки бад-ӯ ин ҳаракот тамом мешавад. Ва муштамил аст мар ин илмро китоби «Миҷастӣ»[7]. Ва беҳтарини тафсирҳову беҳтарини

[1] тансифу тазъиф – нисф ва чанд баробар намудан

[2] тафриқ – ҷудо сохтан

[3] «Арисмотиқӣ» – арифметикӣ, илми ҳисоби назарӣ ва дониши аъдод. Чандин нафар дар ин замина китоб навишта, ки «Арисмотиқӣ»-и Ҷаҳросинӣ (дар ду мақола буда), «Арисмотиқӣ»-и Аҳмад ибни Тайиб, «Арисмотиқӣ»-и Абӯубайди Ҷурҷонӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

[4] «Такмила»-и Абӯмансури Бағдодӣ – Абӯмансур Абдулқоҳир ибни Тоҳир ибни Муҳаммади Тамимии Бағдодӣ аз фуқаҳои маъруфи шофеӣ аст. Дар адабу ҳандаса низ устод буд. Аз ҳафдаҳ фан дарс мегуфт. Соли 429/1038 дар Исфароин аз дунё даргузашт. «Такмила»-и ӯ, ки дар илми ҳисоб аст, аз эътибори хоса бархурдор будааст (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.735). Ҳоҷӣ Халифа аз он сухан намудааст (Кашф-уз-зунун, ҷ.1, саҳ.478).

[5] «Сад боб»-и Сиҷзӣ – китобе дар фурӯи илми ҳисоб аз Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдулҷалили Сиҷзӣ (ниг.саҳ.119) аст. Дар феҳристи бештар аз чиҳил китоб ва рисолаи Сиҷзӣ, ки имрӯз равшан аст, номи «Сад боб» сабт наёфтааст. Алҳол, танҳо дар «Чаҳор мақола» зикри он рафтааст. Абӯсаҳли Масеҳӣ (ниг. саҳ.145) низ «Сад боб» дорад, аммо он дар мавзӯи тиб мебошад.

[6] мақодиру абъод – андозаву фосила

[7] «Миҷастӣ» – таълифи Батлимус, ки дар илми ҳайъат ба қалам омадааст. Дар он қоидаҳое, ки бо он ба исботи авзои фалакӣ ва заминӣ дастёбӣ сурат мегирад, баён гардидааст. «Миҷастӣ» калимаи юнонӣ буда, «тартиби азим» маънӣ дорад (Фарҳанги форсӣ, ҷ.6, саҳ.1904). Яъне бузургтарин тартиб ва таълифе, ки дар ин дониш навишта шудааст. Ибни Надим дар мавриди ин китоб гузориш додааст. Аз ҷумла, навишта, ки он дар сездаҳ мақола мебошад. Аз ҳама нахуст, Яҳё ибни Холиди Бармакӣ ба тафсир ва тарҷумаи он ба арабӣ ҳиммат гумоштааст. Ҳаҷҷоҷ ибни Матар, Найрезӣ, Ҳусайн ибни Исҳоқ,

шарҳҳои ӯ «Тафсир»-и Найрезӣ[1] аст ва «Миҷастӣ шифо». Аммо фуруъи ин илм илми зиҷҳост ва илми тақовим.

Аммо илми аҳком – аз фуруъи илми табиӣ аст ва хосияти ӯ тахмин аст ва мақсуд аз ӯ истидлол аст аз ашколи кавокиб ба қиёси якдигар ва ба қиёси дараҷу[2] буруҷ бар фаязони он ҳаводисе, ки ба ҳаракоти эшон фоиз шавад аз аҳволи адвори олам ва мулку мамолик ва булдону маволид[3] ва таҳовилу[4] тасойир[5] ва ихтиёроту масоил. Ва муштамил аст бад-он чи баршумурдем тасонифи Абӯмаъшари Балхӣ[6] ва Аҳмад Абдулҷалили Сиҷзӣ[7] ва Абӯрайҳони Берунӣ ва

Собит ибни Қурра ва дигарон низ дар ин самт кор кардаанд (ал-Феҳрист, саҳ.420). Ҳоҷӣ Халифа бо тафсили бештар маълумотҳои муфидро ироа доштааст (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.185-186).

[1] «Тафсир»-и Найрезӣ – китоби мазкур дар тафсири мақолаи аввали «Маҷастӣ» будааст (ал-Феҳрист, саҳ.430). Умар ибни Фархон, Иброҳим ибни Силт, Баттонӣ, Ибни Ҳайтами Басрӣ ва иддае дигар низ дар ин самт кор кардаанд (ҳамон; Эзоҳ-ул-макнун, ҷ.2, саҳ.357; Кашф-уз-зунун, ҷ.1, саҳ.185-186). Шоистаи зикр аст, ки Найрезӣ «Китоб-ул-арбаа»-и Батлимусро (соҳиби «Маҷастӣ») низ тафсир намуда будааст. Ибни Надим дар муаррифии Найрезӣ ба сароҳат аз он ёд кардааст (ал-Феҳрист, саҳ.444). Найрезӣ – Абулаббос Фазл ибни Ҳотами Найрезӣ, аз мунаҷҷимони бузурги асри X ва муқаррабони Муътазиди Аббосӣ буд. Китоби «Аҳдос-ул-ҷав(в)»-ро барои ӯ таълиф намуд. Дар ҳудуди соли 310/922 даргузашт (ал-Аълом, ҷ.5, саҳ.147). Найрез – шаҳрест аз навоҳии Шероз, аз аъмоли Форс (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.5, саҳ.331).

[2] дараҷ – дараҷаҳои сесадушастгонаи фалак

[3] маволид – фарзандон. Манзур ҷимодот, набатот ва ҳайвонот аст.

[4] таҳовил – гардишҳо, таҳвилҳо. Мурод гардиш ва таҳаввули офтоб аз бурҷе ба бурҷи дигар аст.

[5] тасойир – сайру ҳаракатҳо. Дар истилоҳи нуҷум ба даст овардани буъд аз дараҷаи далел аст.

[6] Абӯмаъшари Балхӣ – риёзидони маъруфи асри IX, ки шогирди Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ буд. Осори зиёде боқӣ гузошт. Имрӯз беш аз даҳ номгӯи он мавҷуд аст, ки «Қиронот-ул-кавокиб», «Китоб-ул-маволид», «Аҳком-ут-таҳовил», «ал-Мадхал фӣ илми-н-нуҷум» аз ҷумлаи онҳоянд. Соли 272/886 фавт кардааст.

[7] Аҳмад Абдулҷалили Сиҷзӣ – риёзидон ва мунаҷҷими номвари асри X, ки бештари умри худро дар Шероз назди Азудуддавлаи Дайламӣ ба сар бурд. Имрӯз бисту нӯҳ рисолаи ӯ, ки аксар ба хатти худи ӯ китобат ёфтаанд, дар китобхонаҳои Аврупо нигоҳдорӣ мешавад. «Ҷомеи шоҳӣ» аз маъруфтарин осори ӯ мебошад. Соли 414/1023 ҳаётро падруд гуфтааст.

Гӯшёри Ҷилӣ[1].

Пас, мунаҷҷим бояд, ки марде бувад закиюннафс[2], закиюлхалқ[3], разиюлхулқ[4]. Ва гӯӣ атаҳ[5] ва ҷунуну каҳонат[6] аз шароити ин боб аст ва аз лавозими ин синоат. Ва мунаҷҷим, ки аҳком хоҳад гуфт, бояд ки саҳм-ул-ғайб[7] дар толеъ дорад ё ба ҷои нек аз толеъ[8] ва худованди хонаи саҳм-ул-ғайб масъуд ва дар мавзее маҳмуд, то он чӣ ғӯяд аз аҳком ба савоб наздик бошад.

Ва аз шароити мунаҷҷим яке он аст, ки «Муҷмал-ул-усул»-и Гӯшёр[9] ёд дорад ва «Кори меҳтар»[10] пайваста мутолиа мекунад ва «Қонуни Масъудӣ»[11] ва «Ҷомеи шоҳӣ»[12]

---

[1] Гӯшёри Ҷилӣ – мунаҷҷими маъруфи асри X, ки «Зичи ҷомеъ», «Зичи болиғ», «Муҷмал-ул-усул», «ал-Мадхал фӣ синоати илми-н-нуҷум», «Маърифат-ул-устурлоб ва аъмолиҳи» аз таълифоти ӯст. Гӯшёри Ҷилӣ (Гелонӣ) байни солҳои 342-383/953-993 умр ба сар бурдааст.

[2] закиюннафс – дорои рухе пок

[3] закиюлхалқ – дорои ҷисме хуб

[4] разиюлхулқ – дорои хулқу хӯи писандида

[5] атаҳ – беақлӣ, ҷунун

[6] ҷунуну каҳонат – девонагиву ғайбгӯӣ

[7] саҳм-ул-ғайб – қисме муайян аз фалаки собит ва фалаки буруҷ

[8] толеъ – қисме аз минтақатулбуруҷ, ки ҳанғоми сурат бастани коре, чун валодат, корзор ва ғ. дар уфуқи шарқӣ намоён аст. Гӯё толеъ бо онҳо ҳамроҳ аст.

[9] «Муҷмал-ул-усул»-и Гӯшёр – таълифи Гӯшёри Ҷилӣ, ки Ҳоҷӣ Халифа аз он ба сурати «ал-Муҷмал фи-н-нуҷум» ёд намудааст (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.194). Зоҳиран, ба иҷмол аз масоили нуҷумӣ баҳс мекунад. Ба Гӯшёр китоби дигаре бо унвони «Маҷмаъ-ул-усул» дар ин мавзӯъ нисбат дода мешавад. Номи пурраи он «Муҷмал-ул-усул фӣ аҳкоми-н-нуҷум» мебошад. Ҳоҷӣ Халифа навишта, ки китоб шомили чаҳор мақола (боб) аст: Якум: ал-Мадхал; дувум: Фи-л-ҳукми ъало умури-л-ъолами; савум: Фи-л-ҳукми ъала-л-мавolиди; чаҳорум: Фи-л-ихтиёрот (ҳамон).

[10] «Кори меҳтар» – таълифи Ҳасан ибни Хафифи (Хатиби – забти муаллифи «Ҳадийят-ул-орифин») Бағдодӣ, ки мунаҷҷими форсиюласл буд. Дар перомуни соли 190/806 даргузаштааст. «Кори меҳтар»-и худро дар илми нуҷум таълиф намудааст (Ҳадийят-ул-орифин, ҷ.1, саҳ.242; Луғатнома, ҷ.6, саҳ.7892).

[11] «Қонуни Масъудӣ» – таълифи Абӯрайҳони Берунӣ, ки дар илми нуҷуму ҳайъат бо забони арабӣ ба қалам омадааст. Берунӣ соли 421/1030 китобро ба поён бурда, онро ба Масъуд ибни Маҳмуди Ғазнавӣ бахшидааст. Берунӣ дар ин китоб бар «Маҷастӣ»-и Батлимус пайравӣ намудааст.

[12] «Ҷомеи шоҳӣ» – таълифи Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдулҷалили

менигарад, то маълумоту мутасаввироти ӯ тоза монад.

### Ҳикоят (1)

Яъқуби Исҳоқи Киндӣ[1] яҳудӣ буд, аммо файласуфи замонаи хеш буду ҳакими рӯзгори худ ва ба хидмати Маъмун[2] ӯро қурбате буд. Рӯзе пеши Маъмун даромад ва бар забари дасти яке аз аиммаи ислом бинишаст. Он имом гуфт: «Ту зиммӣ[3] бошӣ, чаро бар забари аиммаи ислом нишинӣ!?» Яъқуб ҷавоб дод, ки аз барои он ки он чӣ ту донӣ, ман донам ва он чӣ ман донам, ту надонӣ.

Он имом ӯро ба нуҷум шинохт ва аз дигар илмаш хабар надошт, гуфт: «Бар порае коғаз чизе нависам, агар ту берун орӣ, ки чӣ набиштам, туро мусаллам дорам». Пас гарав бастанд аз имом ба ридое ва аз Яъқуби Исҳоқ бо астареву сохте, ки ҳазор динор арзидӣ ва бар дари сарой истода буд.

Пас давот хосту қалам ва бар пораи коғаз бинавишт чизе ва дар зери ниҳолии[4] халифа биниҳод ва ғуфт: «Биёр!»

Яъқуби Исҳоқ тахтаи хок[5] хост ва бархосту иртифоъ бигирифт ва толеъ дуруст кард ва зойча[6] ба рӯи тахтаи хок

Сиҷзӣ, ки дар илми нуҷум эътибори хосса дорад. Китоби мазкур аз понздаҳ рисолаи муаллиф фароҳам омадааст ва онҳо дар якҷоягӣ «Ҷомеи шоҳӣ» гуфта мешавад. Муаллиф китобро ба Азудуддавлаи Дайламӣ бахшидааст.

[1] Яъқуби Исҳоқи Киндӣ – ҳаким, мунаҷҷим, файласуф ва табиби маъруфи араб, ки дар илмҳои мазкур бештар аз дусад таълиф дорад. Соли 258/872 вафот кардааст.

[2] Маъмун – писари Ҳорунаррашид, ҳафтумин халифа аз хонадони Аббосиён, ки соли 197/813 ба хилофат расид. Дарбори ӯ ҷои ҷамъ омадани фузало аз донишу мазоҳиби мухталиф буд. Дар соли 218/833 дар наздикии Тарасус аз дунё гузашт.

[3] зиммӣ – нафаре аз аҳли китоб ва ғайримусалмон, ки бо пардохти ҷизя дар давлати исломӣ зиндагӣ мекунад ва молу ҷони ӯ дар ҳимояти ҳукумати мусалмонон аст.

[4] ниҳолӣ – тӯшак, бистар

[5] тахтаи хок – тахтаи муҳосибон, ки рӯи он хок мерехтанд ва ҳисобро бар он менавиштанд.

[6] зойча – тахтаи чаҳоркунҷа ё доирашакле, ки ба дувоздаҳ хона тақсим

ва аз он дар берун рафт ва гуфт, он коғазпора биёваранд. Бӯрайҳон бар вай навишта буд, ки: «Аз ин чаҳор дар ҳеҷ берун нашавад, бар девори машриқ даре кананд ва аз он дар берун шавад».

Маҳмуд чун бихонд, тира гашт ва гуфт, ӯро ба миёни сарой фуруд андозанд. Чунон карданд. Магар бо боми миёнгин доме баста буд, Бӯрайҳон бар он дом омад ва дом бидарид ва оҳиста ба замин фуруд омад, чунонки бари вай афгор нашуд.

Маҳмуд гуфт: «Ӯро бароред». Баровroutines. Гуфт: «Ё Бӯрайҳон! Аз ин ҳол боре надониста будӣ». Ғуфт: «Эй худованд! Дониста будам». Гуфт: «Далел ку?» Ғуломро овоз дод ва тақвим аз ғулом бисатид ва таҳвили хеш аз миёни тақвим берун кард. Дар аҳкоми он рӯз навишта буд, ки «маро аз ҷои баланд бияндозанд, валекин ба саломат ба замин оям ва тандуруст бархезам». Ин сухан низ мувофиқи ройи Маҳмуд наёмад, тиратар гашт, гуфт: «Ӯро ба қалъа баред ва боздоред!». Ӯро ба қалъаи Ғазнин боздоштанд ва шаш моҳ дар он ҳабс бимонд.

## Ҳикоят (3)

Овардаанд, ки дар ин шаш моҳ кас ҳадиси Бӯрайҳон наёрист[1] кард ва аз гуломони ӯ як ғуломи номзад буд, ки ӯро хидмат ҳамекард ва ба ҳоҷати ӯ берун ҳамешуду дармеомад. Рӯзе ин ғулом ба сари марғзори Ғазнин мегузашт. Фолгӯе ӯро бихонду гуфт: «Дар толеъи ту чанд сухани гуфтанӣ ҳамебинем, ҳадяе бидеҳ, то туро бигӯям». Ғулом дираме ду бад-ӯ дод. Фолгӯй гуфт: «Азизе аз они ту дар ранҷе аст. Аз имрӯз то се рӯзи дигар аз он ранҷ халос ёбад ва хилъату ташриф пӯшад ва боз азизу мукаррам

[1] наёрист – ҷуръат накард, натавонист

гардад». Ғуломак ҳамерафт, то ба қалъа ва бар сабили башорат он ҳодиса бо хоҷа бигуфт. Бӯрайҳонро ханда омаду гуфт: «Эй аблаҳ! Надонӣ, ки ба чунон ҷойҳо набояд истод, ду дирам ба бод додӣ».

Гӯянд, хоҷаи бузург Аҳмади Ҳасани Маймандӣ[1] дар ин шаш моҳ фурсат ҳаметалабид, то ҳадиси Бӯрайҳон бигӯяд. Охир дар шикоргоҳ султонро хуштабъ ёфт, суханро гардон-гардон ҳамеовард то ба илми нуҷум, он гоҳ гуфт: «Бечора Бӯрайҳон, ки чунон ду ҳукм бад-он некӯӣ бикард ва бадали хилъату ташриф банду зиндон ёфт». Маҳмуд гуфт: «Хоҷа бидонад, ки ман ин донистаам ва мегӯянд, ки ин мардро дар олам назир нест, магар Бӯалӣ Сино. Лекин ҳарду ҳукмаш бар хилофи ройи ман буд. Ва подшоҳон чун кӯдаки хурд бошанд, сухан бар вифқи ройи эшон бояд гуфт, то аз эшон баҳраманд бошанд. Он рӯз, ки он ду ҳукм бикард, агар аз он ду ҳукми ӯ, яке хато шудӣ, беҳ афтодӣ ӯро. Фардо бифармой, то ӯро берун оранд ва аспу сохти зару ҷуббаи[2] маликӣ ва дастори қасаб диҳанд ва ҳазор динор ва ғуломеву канизаке».

Пас, ҳамон рӯз, ки фолгӯй гуфта буд, Бӯрайҳонро берун оварданд ва ин ташриф бад-ин нусхат ба вай расид. Ва султон аз ӯ узр хосту гуфт: «Ё Бӯрайҳон! Агар хоҳӣ, ки аз ман бархурдор бошӣ, суханн бар муроди ман гӯй, на бар салтанати илми хеш».

Бӯрайҳон аз он пас сират бигардонид. Ва ин яке аз шароити хидмати подшоҳ аст, дар ҳаққу ботил бо ӯ бояд будан ва бар вифқ[3] кори ӯро тақрир бояд кард.

Аммо чун Бӯрайҳон ба хона рафт ва афозил ба

---

[1] Аҳмади Ҳасани Маймандӣ – ниг. саҳ.125

[2] ҷубба – либоси кушоду дароз, ки мардон аз болои дигар либосҳо мепӯшанд.

[3] вифқ – мувофиқат, созгорӣ

таҳнияти ӯ омаданд, ҳадиси фолгӯй бо эшон бигуфт. Аҷаб доштанд. Кас фиристоданд ва фолгӯйро бихонданд. Сахт лояъламҳ[1] буд, ҳеҷ чиз намедонист. Бӯрайҳон гуфт: «Толеъи мавлуд дорӣ?» Гуфт: «Дорам». Толеъи мавлуд биёвард ва Бӯрайҳон бингарист, саҳм-ул-ғайб бар ҳоққи[2] дараҷаи толеъаш афтода буд, то ҳар чи мегуфт, агарчи бар амё[3] ҳамегуфт, ба савоб наздик буд.

## Ҳикоят (4)

Ин бандаро аҷузае[4] буд, вилодати ӯ дар бисту ҳаштуми сафари санаи иҳдо ашара ва хамсумиа[5] буд ва моҳ бо офтоб буд ва миёни эшон ҳеҷ буъде набуд. Пас саҳм-ус-саодат ва саҳм-ул-ғайб бад-ин иллат ҳарду бар дараҷаи толеъ афтода буданд. Ва чун синни ӯ ба понздаҳ кашид, ӯро илми нуҷум биёмӯхтам. Ва дар он бора чунон шуд, ки суолҳои мушкил аз ин илм ҷавоб ҳамегуфт ва аҳкоми ӯ ба савоб азим наздик ҳамеомад. Ва мухаддарот[6] рӯй ба вай ниҳоданд ва суол ҳамекарданд. Ва ҳар чӣ гуфт, бештар бо қазо баробар афтод, то як рӯз пиразане бари ӯ омад ва гуфт: «Писаре аз они ман чаҳор сол аст, то ба сафар аст ва аз вай хеҷ хабар надорам, на аз ҳаёт ва на аз мамот. Бингар, то аз зиндагон аст ё мурдагон? Он ҷо, ки ҳаст, маро аз ҳоли ӯ огоҳ кун».

Мунаҷҷим бархост ва иртифоъ бигирифт ва дараҷаи толеъ дуруст кард ва зойҷа баркашид ва кавокиб собит кард ва нахустин сухан ин бигуфт, ки: «Писари ту бозомад».

---

[1] лояъламҳ – бесавод

[2] ҳоққ – миёна

[3] амё – кӯркӯрона, бехабарона

[4] аҷуза – зоҳиран ба маънии «духтар», ки имрӯз ба сурати «очиза» маъмул аст.

[5] Яъне: соли 511 (1117)

[6] мухаддарот – парданишинон, занон, духтарон

Пиразан тира шуд ва гуфт: «Эй фарзанд! Омадани ӯро умед намедорам, ҳамин қадар бигӯ, ки зинда аст, ё мурда?» Гуфт: «Мегӯям, ки писарат омад! Бирав, агар наёмада бошад, боз ой, то бигӯям, ки чун аст».

Пиразан ба хона шуд. Писар омада буд ва бор аз дарозгӯш фурӯ мегирифтанд. Писарро дар канор гирифт ва ду мақнаа[1] баргирифт ва ба наздики ӯ оварду гуфт: «Рост гуфтӣ, писари ман омад». Ва бо ҳадя дуое некӯ кард ӯро.

Он шаб чун ба хона расидам ва ин хабар бишунидам, аз вай суол кардам, ки ба чӣ далел гуфтӣ ва аз кадом хона ҳукм кардӣ? Гуфт: «Бад-инҳо нарасида будам, аммо чун сурати толеъ тамом кардам, магасе даромад ва бар ҳарфи дараҷаи толеъ нишаст. Бад-ин иллат бар ботини ман чунон рӯй намуд, ки ин писар расид. Ва чун бигуфтам ва модари ӯ истиқсо[2] кард, омадани ӯ бар ман чунон муҳаққақ гашт, ки гӯӣ мебинам, ки ӯ бор аз хар фурӯ мегирад».

Маро маълум шуд, ки он ҳама саҳм-ул-ғайб бар дараҷаи толеъ ҳамекунад ва ин ҷуз аз он ҷо нест.

### Ҳикоят (5)

Маҳмуди Довудӣ[3] писари Абулқосими Довудӣ азим маътуҳ[4] буд, балки маҷнун ва аз илми нуҷум бештар ҳаззе надошт ва аз аъмоли нуҷум мавлудгирӣ донистӣ ва дар муқаввимияш[5] ишкол буд, ки ҳаст ё на. Ва хидмати Амир

---

[1] мақнаа – сарбанди бузург, ки сару гарданро то шона мепӯшонад.

[2] истиқсо – ҷустуҷӯ, баррасии дақиқ

[3] Маҳмуди Довудӣ – зоҳиран, дар поёнтари асри XI (ва ибтидои асри XII) мезистааст. Зеро падараш Абулқосими Довудӣ аз донишмандон ва адибони машҳури Ҳирот дар асри XI аст.

[4] маътуҳ – беақл, девона

[5] муқаввимӣ – тақвимгирӣ

Дод Абӯбакр ибни Масъуд[1] кардӣ ба Панҷдеҳ[2]. Аммо аҳкоми ӯ бештар қариби савоб будӣ. Ва дар девонагӣ то ба дараҷае буд, ки худованди ман Малик-ул-ҷибол[3] Амир Додро ҷуфте саги ғӯрӣ фиристода буд, сахт бузург ва маҳиб[4]. Ӯ ба ихтиёри хеш бо он ҳарду саг ҷанг кард ва аз эшон ба саломат биҷаст.

Ва баъд аз он ба солҳо дар Ҳарӣ ба бозори атторон бар дуккони Муқрӣ Ҳаддоди Табиб бо ҷамоате аз аҳли фазл нишаста будем ва аз ҳар ҷинс сухан ҳамерафт, магар бар лафзи яке аз он афозил бирафт, ки «Бузурго мардо, ки Абӯалии Сино будааст». Ӯро дидам, ки дар хашм шуд ва рагҳои гардан аз ҷой бархост ва ситабр[5] шуд ва ҳамаи аморoти[6] ғазаб бар вай падид омад ва гуфт: «Эй фалон, Бӯалии Сино кӣ будааст?! Ман ҳазор чандони Бӯалиам, ки ҳаргиз Бӯалӣ бо гурбае ҷанг накард, ман дар пеши Амир Дод бо ду саги ғӯрӣ ҷанг кардам». Маро он рӯз маълум гашт, ки ӯ девона аст. Аммо бо ин девонагӣ дидам, ки дар санаи хамса ва хамсамиа[7], ки султон Санҷар ба дашти Хузон[8] фуруд омаду рӯй ба Мовароуннаҳр дошт ба ҳарби Муҳаммадхон[9], Амир Дод султонро дар Панҷдеҳ мизбонӣ

---

[1] Амир Дод Абӯбакр ибни Масъуд – шинохта нашуд. Имкон дорад, бо ин ки «Амир Дод» аз аълом буданаш зоҳиртар аст, ба сурати таркиби изофии «амири дод» – яъне, масъули адолати иҷтимоӣ, қозиюлқуззот, вазири адлия низ хонда шавад.

[2] Панҷдеҳ – ноҳияе маъруф дар Хуросон, ки аз навоҳии Марврӯд ҳисоб меёфт. Дар сарҳади шимолии Афғонистон, андаке дар шимолу ғарбии қасабаи болои Мурғоб қарор дорад (Луғатнома, ҷ.4, саҳ. 5009).

[3] Малик-ул-ҷибол – мурод Қутбиддин Муҳаммад аст, ки нахустин подшоҳи Ғӯрия буд.

[4] маҳиб – тарсафкан, боҳайбат

[5] ситабр – дурушт

[6] аморот – аломатҳо, нишонаҳо

[7] Яъне: соли 505 (1111)

[8] Хузон – деҳе дар канори Ҳирот

[9] Муҳаммадхон – мурод Арслонхон ибни Сулаймон аст, ки аз ҷониби Санҷар аморати Мовароуннаҳр ба ӯ гузошта шуда буд.

кард, азим шигарф. Рӯзи савум ба канори рӯд омад ва дар киштӣ нишаст ва нишоти шикори моҳӣ кард. Ва дар киштӣ Довудиро пеш хонд, то аз он ҷинс сухани девонагона ҳамегуфт ва ӯ ҳамехандид ва Амир Додро сареҳ дашном додӣ. Як боре султон Довудиро гуфт: «Ҳукм кун, ки ин моҳӣ, ки ин бор бигирам, ба чанд ман бувад?» Гуфт: «Шаст баркаш!» Султон шаст баркашид, ӯ иртифоъ бигирифт ва соате биистоду гуфт: «Акнун дарандоз!» Султон шаст дарандохт. Гуфт: «Ҳукм мекунам, ки ин ки баркашӣ, панҷ ман бувад». Амир Дод гуфт: «Эй ноҷавонмард, дар ин рӯд моҳии панҷманӣ аз куҷо бошад?» Довудӣ гуфт: «Хомӯш бош! Ту чӣ донӣ?» Мир Дод хомӯш шуд, тарсид, ки агар истиқсо кунад, дашном диҳад.

Чун соате буд, шаст гарон шуд ва амороти он, ки сайде дарафтодааст, зоҳир шуд. Султон шаст баркашид. Моҳие сахт бузург дарафтода буд. Чунонки, баркашиданд шаш ман буд. Ҳама дар тааҷҷуб бимонданд. Султони олам шигифтиҳо намуд ва алҳақ ҷои шигифтӣ буд. Гуфт: «Довудӣ! Чӣ хоҳӣ?» Хидмат карду гуфт: «Эй подшоҳи рӯи замин, ҷавшане хоҳам ва сипареву найзае, то бо Бовардӣ ҷанг кунам». Ва ин Бовардӣ сарҳанге буд мулозим дар сарои Амир Дод ва Довудиро бо вай таассуб буд, ба сабаби лақаб, ки ӯро «шуҷоъ-ул-мулк»[1] ҳаменавиштанд ва Довудиро «шуҷоъ-ул-ҳукамо»[2]. Ва Довудӣ музоиқат ҳамекард, ки ӯро ҷаро шуҷоъ менависанд. Ва онро Амир Дод бидониста буд ва пайваста Довудиро бо ӯ дарандохтӣ ва он марди мусалмон дар дасти ӯ дармонда буд. Филҷумла, дар девонагии Маҳмуди Довудӣ ҳеҷ ишколе набуд.

Ва ин фасл бад-он овардам, то подшоҳро маълум

[1] шуҷоъ-ул-мулк – далери кишвар
[2] шуҷоъ-ул-ҳукамо – далери ҳакимон

бошад, ки дар аҳкоми нуҷумӣ ҷунун ва атаҳ[1] аз шароити он боб аст.

**Ҳикоят (6)**

Ҳакими Мавсилӣ аз табақаи мунаҷҷимон буд дар Нишобур ва хидмати хоҷаи бузург Низомулмулки Тӯсӣ[2] кардӣ ва дар муҳиммот Хоҷа бо ӯ машварат кардӣ ва рою тадбир аз ӯ хостӣ. Мавсилиро чун сол баромад ва футури қуво[3] зоҳир шудан гирифт ва истирхои[4] бадан падид омад ва низ сафарҳои дароз натавонист кард, аз Хоҷа истеъфо[5] хост, то ба Нишобур шавад ва бинишинад ва ҳар соле тақвимеву таҳвиле мефиристад.

Ва Хоҷа дар домани умр[6] ва бақоёи зиндагонӣ буд, гуфт: «Тасйир бирон ва бингар, ки инҳилоли табиати[7] ман кай хоҳад буд ва он қазои лобуд(д) ва он ҳукми ногузир[8] дар кадом таърих нузул хоҳад кард?» Ҳакими Мавсилӣ гуфт: «Баъд аз вафоти ман ба шаш моҳ». Хоҷа асбоби тарфеҳи[9] ӯ бифзуд ва Мавсилӣ ба Нишобур шуд ва мураффаҳ бинишаст ва ҳар сол тақвиму таҳвил мефиристод.

Аммо ҳар гоҳ, ки касе аз Нишобур ба Хоҷа расидӣ, нахуст ин пурсидӣ, ки: «Мавсилӣ чун аст?» Ва то хабари саломату ҳаёти вай меёфт, хуштабъу хушдил ҳамебуд, то дар санаи хамса ва самонина ва арбаъамиа[10] ояндае аз Нишобур даррасид ва Хоҷа аз Мавсилӣ пурсид. Он кас

[1] атаҳ – камақл, девона
[2] Низомулмулки Тӯсӣ – ниг. саҳ.96
[3] футури қуво – сустии нерӯҳо
[4] истирхо – заифу нотавон гардидан, суст шудан
[5] истеъфо – дархости канорагирӣ
[6] домани умр – охири зиндагонӣ
[7] инҳилоли табиат – аз ҳам пошидани ҷисм, аз кор афтодани аъзо
[8] қазои лобуд(д) ва он ҳукми ногузир – мурод соати даргузашт ва марг аст.
[9] тарфеҳ – осудаҳолӣ
[10] Яъне: соли 485 (1092)

хидмат кард ва гуфт: «Садри ислом ворисi аъмор[1] бод! Мавсилӣ колбуд[2] холӣ кард». Гуфт: «Кай?» гуфт: «Нимаи моҳи рабеулаввал ҷон ба Садри ислом дод»[3].

Хоҷа азим ранҷурдил шуд ва бедор гашт ва ба кори худ бознигарист ва авқофро[4] сиҷил(л)[5] кард ва идроротро[6] тавқеъ кард[7] ва васиятнома бинавишт ва бандагоне, ки дилфориғӣ ҳосил карда буданд, озод кард ва қарзе, ки дошт, бигузорид ва он ҷо, ки даст расид, хушнуд кард ва хасмонро биҳиллӣ[8] хост ва корро[9] мунтазир бинишаст, то ки рамазон андар омад ва ба Бағдод бар дасти он ҷамоат[10] шаҳид шуд, анораллоҳу бурҳонаҳу ва вассаъа алайҳи ризвонаҳу»[11].

Аммо чун толеъи мавлуд, расадӣ[12] ва кадхудоӣ[13] ва ҳайлоҷ[14] дуруст буд ва мунаҷҷим ҳозиқу фозил, он ҳукм ҳароина рост омад. Ва ҳува аъламу[15].

---

[1] ворисi аъмор – дарёбандаи умрҳо, дарозумр

[2] колбуд – ҷисм, тан, қолаб

[3] ҷон ба Садри ислом дод – ҷону умри хешро ба Садри ислом – Хоҷа Низомулмулк гузошт.

[4] авқоф – вақфҳо; амволу амлоке, ки барои корҳои нек, ашхоси нек ва ниёзмандон махсус сохта мешавад.

[5] сиҷил(л) кард – имзо кард

[6] идророт – молу маблаге, ки ба таври мураттаб дар муддати муайян ба касе дода мешавад; маош

[7] тавқеъ кард – мӯҳр намуд, тасдиқ сохт

[8] биҳиллӣ – бахшиш, даргузаштан

[9] корро – расидани маргро

[10] он ҷамоат – мурод фидоиёни исмоилия аст. Зеро Низомулмулки Тӯсӣ дар даҳуми рамазони 485/1092 дар наздикии Бағдод аз дасти онон ба шаҳодат расид. Дар раъси ин гурӯҳ Абӯтоҳири Аррокӣ қарор дошт ва ӯ аз шогирдони Ҳасани Саббоҳи Исмоилӣ буд.

[11] Яъне: Худованд (дар рӯзи қиёмат) далел бар забонаш гузорад ва хушнудиашро бар ӯ фарох созад.

[12] расадӣ – мушоҳидаи ҳаракоту ҳолоти сайёраҳо

[13] кадхудо – ситорае, ки бар ҳайлоҷ ғолиб аст.

[14] ҳайлоҷ – далеле, ки мунаҷҷимон ба кӯмаки он миқдори умри нафареро муқаррар менамуданд. Хайлоҷро панҷгона донистаанд, ки онҳо хуршед, моҳ, толеъ, саҳм-ус-саодат, ҷузъ-ул-иҷтимоъ ё истиқбол мебошанд.

[15] Яъне: Ва Худованд донотар аст.

## Ҳикоят (7)

Дар санаи ситта ва хамсумиа[1] ба шаҳри Балх дар кӯи бардафурӯшон, дар сарои Амир Абӯсаъди Ҷарра Хоҷа Имом Умари Хайёмӣ[2] ва Хоҷа Имом Музаффари Исфизорӣ[3] нузул карда буданд ва ман бад-он хидмат пайваста будам. Дар миёни маҷлиси ишрат аз ҳуҷҷат-ул-Ҳақ Умар шунидам, ки гуфт: «Гӯри ман дар мавзее бошад, ки ҳар баҳоре шамол бар ман гулафшон мекунад». Маро ин сухан мустаҳил намуд ва донистам, ки чун вайе газоф нагӯяд.

Чун дар санаи салосин[4] ба Нишобур расидам, чаҳор сол буд, то он бузург рӯй дар ниқоби хок кашида буд ва олами суфлӣ аз ӯ ятим монда ва ӯро бар ман ҳаққи устодӣ буд.

Одинае ба зиёрати ӯ рафтам ва якеро бо худ бибурдам, ки хоки ӯ ба ман намояд. Маро ба гӯристони Ҳира[5] берун овард ва бар дасти чап гаштам, дар пойиндевори боғе хоки[6] ӯ дидам ниҳода ва дарахтони амруду зардолу сар аз он боғ берун карда ва чандон барги шукуфа бар хоки ӯ рехта буд, ки хоки ӯ дар зери гул пинҳон шуда буд. Ва маро ёд омад он ҳикоят, ки ба шаҳри Балх аз ӯ шунида будам. Гиря бар

---

[1] Яъне: соли 506 (1113)

[2] Имом Умари Хаёмӣ – мурод Умари Хайём аст ва ҳамин забт (Хаёмӣ) дурусттар аст.

[3] Хоҷа Имом Музаффари Исфизорӣ – мунаҷҷим ва риёзидони бузург, ки бо Умари Хаёмӣ «Расади Ҷалолӣ»-ро тартиб дод. Кунияташро «Абӯҳотам» ва номи падарашро «Исмоил» донистаанд. Тахмин соли 437/1046 дар Исфизор (шаҳре дар байни Ҳирот ва Сиҷистон) ба дунё омадааст. «Ихтисори «Усул»-и Уқлидус», «Осори улвӣ», «Рисолаи шабакия» аз ҷумлаи осори ӯ мебошанд. Эҳтимолан, даргузашташ соли 513-515/1119-1121 ба вукуъ пайвастааст.

[4] Яъне: соли сиюм. Мурод 530 (1136) аст.

[5] гӯристони Ҳира – номи қабристонест, ки зоҳиран дар беруни Нишопур будааст.

[6] хок – қабр

ман афтод, ки дар басити оламу ақтори рубъи маскун ӯро ҳеҷ ҷой назире намедидам. Эзад, таборак ва таъоло, ҷои ӯ дар ҷинон кунод, биманниҳи ва карамиҳи.

## Ҳикоят (8)

Агарчи ҳукми ҳуҷҷат-ул-Ҳақ Умар бидидам, аммо надидам ӯро дар аҳкоми нуҷум ҳеҷ эътиқоде. Ва аз бузургон ҳеҷ кас надидам ва нашунидам, ки дар аҳком эътиқоде дошт. Дар зимистони санаи самона ва хамсумиа[1] ба шаҳри Марв султон кас фиристод ба хоҷаи бузург Садруддин Муҳаммад ибни Музаффар[2], раҳимаҳуллоҳ, ки Хоҷа Имом Умарро бигӯй, то ихтиёре кунад, ки ба шикор равем, ки андар он чанд рӯз барфу борон наёяд.

Ва Хоҷа Имом Умар дар суҳбати Хоҷа буд ва дар сарои ӯ фуруд омадӣ. Хоҷа кас фиристод ва ӯро бихонд ва моҷаро бо вай бигуфт. Бирафт ва ду рӯз дар он кард[3] ва ихтиёре некӯ кард ва худ бирафту бо ихтиёр султонро барнишонд. Ва чун султон барнишаст ва як бонг[4] замин бирафт, абр даркашид ва бод бархост ва барфу дама[5] даристод. Хандаҳо карданд. Султон хост, ки бозгардад. Хоҷа Имом гуфт: «Подшоҳ дил фориғ дорад, ки ҳамин соат абр боз шавад ва дар ин панҷ рӯз ҳеҷ нам набошад». Султон биронд ва абр боз шуд ва дар он панҷ рӯз ҳеҷ нам набуд ва кас абр надид.

Аҳкоми нуҷум агарчи санъате маъруф аст, эътимодро нашояд ва бояд, ки мунаҷҷим дар он эътимоди дуре[6]

[1] Яъне: соли 508 (1115)

[2] Садруддин Муҳаммад ибни Музаффар – писари Фахрулмулк Музаффар ибни Низомулмулки Тӯсӣ, ки пас аз шаҳодати падараш ба ҷои ӯ вазири Санҷар гардид. Бо фармони Санҷар дар соли 511/1117 кушта шуд.

[3] ду рӯз дар он кард – ду рӯз бар он машғул шуд ва сарф кард

[4] як бонг – зоҳиран масофае, ки бонги одамӣ ё хурӯс то он масофа мерасад.

[5] дама – тӯфоне аз барфи майда

[6] эътимоди дур – эътимоди амиқ ва қавӣ

накунад ва ҳар ҳукм, ки кунад, ҳавола бо қазо кунад.

### Ҳикоят (9)

Бар подшоҳ воҷиб аст, ки ҳар ҷо ки равад, надим ва хидматкор, ки дорад, ӯро биёзмояд. Агар шаръро муътақид бувад ва ба фароизу сунани он қиём кунад ва иқбол намояд, ӯро қарибу азиз гардонад ва эътимод кунад. Ва агар бар хилофи ин бувад, ӯро маҳҷур гардонад ва ҳавошии маҷлиси худро аз сояи ӯ маҳфуз дорад, ки ҳар кӣ дар дини Худой, азза ва ҷалла, ва шариати Муҳаммади Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, эътиқод надорад, ӯро дар ҳеҷ кас эътиқод набувад ва шум бошад бар хештану бар махдум.

Дар авоили мулки султон Ғиёс-уд-дунё ва-д-дин Муҳаммад ибни Маликшоҳ, қасими амирулмуъминин[1], навваруллоҳу турбатаҳу[2], малики араб Садақа[3] исён овард ва гардан аз рибқаи[4] тоат бикашид ва бо панҷоҳ ҳазор марди араб аз Ҳилла[5] рӯй ба Бағдод ниҳод.

Амирулмуъминин ал-Мустазҳир биллоҳ[6] нома дар нома ва пайк дар пайк равон карда буд ба Исфаҳон ва султонро ҳамехонд. Ва султон аз мунаҷҷимон ихтиёр

---

[1] қасими амирулмуъминин – шарик ва ҳамбаҳраи халифа

[2] Яъне: Худованд турбаташро равшан дорад.

[3] Садақа – мурод Сайфуддавла Абулҳасан ибни Баҳоуддавла Абӯкомили Мансур аст, ки чаҳорумин амири хонадони Банӣ Мазид буд. Аморати Ҳилларо пас аз падараш дар ӯҳда дошт. Соли 501/1107 байни ӯ ва султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ ихтилоф афтод ва он ба қатли Садақа анҷомид.

[4] рибқа – банд, ришта

[5] Ҳилла – шаҳре бузург байни Куфа ва Бағдод, ки «Ҷомиъайн» номида мешуд. Сайфуддавла Садақа ибни Мансур нахустин нафарест, ки онро обод сохтааст (Муъҷам-ул-булдон, ч.2, саҳ.294).

[6] ал-Мустазҳир биллоҳ – Абулаббос Аҳмад ибни Абдуллоҳ (Муқтадӣ) ибни Муҳаммад ибни Қоим, ки бистуҳаштумин халифаи аббосӣ буд. Соли 470/1077 ба дунё омад. Баъд аз вафоти падараш, соли 487/1094 ба хилофат расид. Пас аз бисту чаҳор соли халифагӣ, соли 512/1118 дар Бағдод аз дунё рафт (ал-Аълом, ч.1, саҳ.158).

ҳамехост. Ҳеҷ ихтиёре набуд ва соҳиби толеъи[1] султон роҷеъ[2] буд. Гуфтанд: «Эй худованд! Ихтиёре намеёбем». Гуфт: «Биҷӯед!» Ва ташдид[3] карду дилтангӣ намуд. Мунаҷҷимон бигурехтанд.

Ғазнавие буд, ки дар кӯи Гунбад дукконе дошт ва фолгӯӣ кардӣ ва занон бари ӯ шудандӣ ва таъвизи дӯстӣ[4] навиштӣ. Илми ӯ ғавре[5] надошт. Ба ошноии гуломе аз они султон хештанро пеши султон андохту гуфт, ки: «Ман ихтиёре бикунам, бад-он ихтиёр бирав ва агар музаффар нашавӣ, маро гардан бизан».

Ҳолӣ султон хушдил гашт ва ба ихтиёри ӯ барнишаст ва дувист динори нишобурӣ ба вай дод ва бирафт. Ва бо Садақа масоф кард ва лашкарро бишикаст ва Садақаро бигирифту бикушт. Ва чун музаффару мансур ба Исфаҳон бозомад, фолгӯйро бинавохт ва ташрифи гарон доду қариб гардонид.

Ва мунаҷҷимонро бихонду гуфт: «Шумо ихтиёр накардед, ин ғазнавӣ ихтиёр кард ва бирафтему Худой, азза ва ҷалла, рост овард, чаро чунин кардед? Ҳамоно, Садақа шуморо ришвате фиристода буд, ки ихтиёре накунед».

Ҳама дар хок афтоданд ва бинолиданду гуфтанд: «Бад-он ихтиёр ҳеҷ мунаҷҷим розӣ набуд ва агар хоҳад, бинависанд ва ба Хуросон фиристанд, то Хоҷа Имом Умари Хайёмӣ чӣ гӯяд?»

Султон донист, ки он бечорагон рост мегӯянд. Аз нудамои хеш фозилеро бихонду гуфт: «Фардо ба хонаи хеш шароб хӯр ва мунаҷҷими ғазнавиро бихон ва ӯро шароб

[1] соҳиби толеъ – ситорае, ки дар бурҷи толеъ қарор дошта бошад.

[2] роҷеъ – ҳолати ситорае, ки ҳаракати он бар хилофи тартиби сайру вазъи бурҷҳо ба назар ояд.

[3] ташдид – сахтгирӣ намудан

[4] таъвизи дӯстӣ – тӯмори дилбастагӣ

[5] ғавр – умқ

деҳ ва дар ғояти мастӣ аз ӯ бипурс, ки ин ихтиёр, ки ту кардӣ, некӯ набуд ва мунаҷҷимон онро айбҳо ҳамекунанд, сирри ин маро бигӯй».

Он надим чунон кард ва ба мастӣ аз вай бипурсид. Ғазнавӣ гуфт: «Ман донистам, ки аз ду берун набошад: ё он лашкар шикаста шавад, ё ин лашкар. Агар он лашкар шикаста шавад ташриф ёбам ва агар ин лашкар шикаста шавад, кӣ ба ман пардозад?»

Пас, дигар рӯз надим бо султон бигуфт. Султон бифармуд, то коҳини газнавиро ихроҷ карданд ва ғуфт: «Инчунин кас, ки ӯро дар ҳаққи мусалмонон ин эътиқод бошад, шум бошад».

Ва мунаҷҷимони хешро бихонд ва бар эшон эътимод карду гуфт: «Ман худ он коҳинро душман доштам, ки як намоз накардӣ ва ҳар ки шаръро нашояд, моро ҳам нашояд».

## Ҳикоят (10)

Дар шуҳури санаи сабъа ва арбаина хамсумиа[1] миёни султони олам Санҷар ибни Маликшоҳ ва худованд – султон Ало-уд-дунё ва-д-дин[2] масоф афтод ба дари Ӯбаҳ[3] ва масофи Ғӯр шикаста шуд ва худованд – султони машриқ, халладаллоҳу мулкаҳу[4], гирифтор гашт ва худовандзода малики олими одил Шамс-уд-давлати ва-д-дин Муҳаммад

---

[1] Яъне: соли 547 (1152)

[2] Ало-уд-дунё ва-д-дин – мурод Ҳусайн ибни Ҳасани Ғӯрӣ аст, ки ба «Ало-уддини Ҷаҳонсӯз» машҳур аст. Соли 504/1111 ба тахт нишаст. Пас аз се сол, ба сабаби Ҳироту Балхро тасарруф кардан, бо Санҷар корзор намуд. Дар ин ҷанг гирифтор омад, аммо мавриди бахшиш қарор гирифт ва ба Ғӯр бозфиристода шуд. Соли 556/1161 аз дунё даргузашт.

[3] Ӯбаҳ – аз деҳаҳои канори Ҳирот. Дар манобеъ ба сурати «Авбаҳ» низ сабт ёфтааст.

[4] Яъне: Худованд давлаташро поянда созад.

ибни Масъуд[1] гирифтор шуд ба дасти амири исфаҳсолор Яранақуши Ҳарива. Ва панҷоҳ ҳазор динор қарор афтод, ки каси ӯ ба ҳазрати Бомиён[2] равад ва истеҳсоси[3] он мол кунад ва чун мол ба Ҳарӣ расад, он худовандзодаро итлоқ кунанд[4]. Ва аз ҷониби султони олам ӯ худ мутлақ[5] буд ва ба вақти ҳаракат кардан аз Ҳарӣ ташриф номзад карда буд.

Мани банда дар ин ҳол бад-он хидмат расидам. Рӯзе дар гояти дилтангӣ ба банда ишорат фармуд, ки: «Охир ин гушоиш, кай хоҳад буд ва ин ҳимл[6] кай бирасад?» Он рӯз бад-ин ихтиёр иртифоъе гирифтам, толеъ баркашидам ва маҷҳуд[7] ба ҷой овардам. Савум рӯз он суолро далели гушоиш буд. Дигар рӯз биёмадам ва гуфтам: «Фардо намози пешин кас расад». Он подшоҳзода ҳама рӯз дар ин андеша буд. Дигар рӯз ба хидмат рафтам, гуфт: «Имрӯз ваъда аст?» Гуфтам: «Оре». То намози пешин ҳам дар он хидмат биистодам.Чун бонги намоз баромад, аз сари зуҷрат[8] гуфт: «Дидӣ, ки намози пешин расиду хабаре нарасид!»

Он подшоҳзода дар ин буд, ки қосиде даррасид ва ин башорат дод, ки ҳимл оварданд, панҷоҳ ҳазор динор ва гӯсфанду чизҳои дигар. Иззуддин Маҳмуди Ҳоҷӣ – кадхудои худовандзода Ҳусом-уд-давлати ва-д-дин соҳиби ҳимл аст. Ва дигар рӯз худовандзода Шамс-уд-давлати ва-

---

[1] Шамсуд-д-давлати ва-д-дин Муҳаммад ибни Масъуд – дувумин нафар аз подшоҳони Шансабонияи Бомиён, ки то соли 586/1190 дар ҳаёт будааст.

[2] Бомиён – шаҳраке байни Балх, Ҳирот ва Ғазнин. Бо нисбат ба он Балхро «Бомӣ» – «Балхи Бомӣ» мехонанд. Дар миёни кӯҳе аст. Дар он кӯҳ ду бути бузург тарошида шуда, ки ба Сурхбут ва Хингбут маъруф аст (Муъҷам-ул-булдон, ч.1, саҳ.330; Луғатнома, ч.3, саҳ. 3715).

[3] истеҳсос – ҷамъоварие, ки маъмулан бо зӯроварӣ ҳамроҳ аст.

[4] итлоқ кунанд – раҳо намоянд, озод созанд

[5] мутлақ – озодшуда

[6] ҳимл – бор. Мурод ҳамон панҷоҳ ҳазор динор аст.

[7] маҷҳуд – кӯшиш

[8] зуҷрат – дилтангӣ

д-дин хилъати султони олам бипӯшид ва мутлақ шуд ва ба зудтарин ҳоле рӯй ба мақарри иззи хеш ниҳод. Ва ҳар рӯз корҳо бар зиёдат аст ва бар зиёдат бод!

Ва дар ин шабҳо буд, ки бандаро бинавохт ва гуфт: «Низомӣ! Ёд дорӣ, ки ба Ҳарӣ он ҳукм кардӣ ва чунон рост бозомад? Хостам, ки даҳони ту пури зар кунам, он ҷо зар надоштам, ин ҷо зар дорам». Зар бихост ва даҳони ман ду бор пури зар кард ва гуфт: «Басе намедорад[1], остин боз дор!» Остин боз доштам, пури зар кард.

Эзад, таборака ва таъоло, ҳар рӯз ин давлатро ба зиёдат кунод ва ин ду худовандзодаро ба худованд, малики муаззам[2], арзонӣ дорад, биманниҳи ва карамиҳи.

---

[1] басе намедорад – барнамедорад, гунҷоиши кофӣ надорад

[2] худованд, малики муаззам – манзур Фахриддин Масъуд (ниг. саҳ. 22, 24) аст.

# МАҚОЛАТИ ЧАҲОРУМ

## Дар илми тиб ва ҳидояти табиб

Тиб синоате аст, ки бад-он синоат сиҳҳат дар бадани инсон нигоҳ доранд ва чун зоил шавад, боз оранд ва биёроянд ӯро ба дарозии мӯю покии рӯй ва хушии бӯю гушодагӣ.

Аммо табиб бояд, ки рақиқулхулқ[1], ҳакимуннафс[2], ҷайидулҳадс[3] бошад.

Ва ҳадс харакате бошад, ки нафсро бувад дар орои соиба[4]. Аънӣ, ки суръати интиқолӣ бувад аз маълум ба маҷҳул. Ва ҳар табиб, ки шарафи нафси инсон нашиносад, рақиқулхулқ набувад. Ва то мантиқ надонад, ҳакимуннафс набувад. Ва то муайяд набувад ба таъйиди илоҳӣ, ҷайидулҳадс набувад. Ва ҳар кӣ ҷайидулҳадс набувад, ба маърифати иллат[5] нарасад. Зеро ки далел аз набз мебояд гирифт ва набз ҳаракати инқибозу[6] инбисот[7] аст ва сукуне, ки миёни ин ду ҳаракат афтад. Ва миёни атиббо хилоф аст. Гурӯҳе гуфтаанд, ки ҳаракати инқибозро ба ҳис(с) нашояд андар ёфтан. Аммо афзал-ул-мутааххирин, ҳуҷҷат-ул-Ҳақ ал-Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино дар китоби «Қонун»

---

[1] рақиқулхулқ – нармхӯ
[2] ҳакимуннафс – бедордил, огоҳдил
[3] ҷайидулҳадс – хубдарёб, некташхис
[4] орои соиба – назар ва андешаи дуруст
[5] иллат – дард, бемори
[6] инқибоз – бастагӣ, баста шудан
[7] инбисот – кушодагӣ, боз гардидан

мегӯяд: «Ҳаракати инқибозро дартавон ёфтан ба душворӣ андар танҳои камгӯшт. Ва он гаҳ набз даҳ ҷинс аст ва ҳар яке аз ӯ мутанаввеъ шавад ба се навъ: ду тарафайни ӯ ва яке эътидоли ӯ. То таъйиди илоҳӣ ба истисвоби[1] ӯ ҳамроҳ набувад, фикрат мусиб[2] натавонад буд ва тафсираро[3] низ ҳамчунони алвону[4] русуби[5] ӯ нигоҳ доштан ва аз ҳар лавне бар ҳолате далел гирифтан, на коре хурд аст. Ин ҳама далоил ба таъйиди илоҳӣ ва ҳидояти подшоҳӣ муфтақиранд[6]».

Ва ин маънӣ аст, ки мо ӯро ба иборати «ҳадс» ёд кардаем. Ва то табиб мантиқ надонад ва ҷинсу навъ нашиносад, дар миёни фасл[7] ва хоссаву[8] араз[9] фарқ натавонад кард ва иллат нашиносад. Ва чун иллат нашиносад, дар илоҷ мусиб натавонад буд.

Ва мо ин ҷо масале бизанем, то маълум шавад, ки чунин аст, ки ҳамегӯем. Мараз ҷинс омад ва табу судоъ[10] ва зукому сарсом[11] ва ҳасбаву яроқон[12] навъ. Ва ҳар яке ба фасле аз якдигар ҷудо шаванд. Ва аз ин ҳар яке боз ҷинс

---

[1] истисвоб – талаби дурусти ташхис

[2] мусиб – дуруст, саҳеҳ

[3] тафсира – намунаи идрори бемор, ки назди табиб барои ташхис мебаранд.

[4] алвон – рангҳо

[5] русуб – таҳшин; нишонаву асаре, ки аз чизе бозмемонад.

[6] муфтақир - ниёзманд

[7] фасл – хусусияти то ҷое зотии як ҷинс, ки тавассути он аз дигар офаридаҳо фарқ карда мешавад.

[8] хосса – хусусияте, ки ба чизе ё мавҷуде муайян алоқаманд аст. Мисли навиштан барои инсон ва ғайра.

[9] араз – он чизе, ки ҷузъи моҳияти зотии чизе набошад. Чун ранг барои ҷисм ва амсоли он.

[10] судоъ – дарди сар

[11] сарсом – навъе халали равонӣ, ки мумкин аст ҳайрат, ҳазён ё аз даст додани хотираро бо худ дошта бошад.

[12] яроқон – бемории зарда (зардӣ)

шаванд. Масалан, таб ҷинс аст ва ҳуммо явм[1] ва ғиб(б)[2] ва шатрулғиб(б)[3] ва рибъ[4] анвоъ. Ва ҳар яке ба фасле зотӣ аз якдигар ҷудо шаванд.Чунонки ҳуммо явм ҷудо шавад аз дигар табҳо бад-он, ки дарозтарин муддати ӯ як шабонарӯз бувад ва дар ӯ такассур[5] ва гаронӣ ва коҳиливу дард набошад. Ва таби мутбиқа[6] ҷудо шавад аз дигар табҳо бад-он, ки чун бигирад, то чанд рӯз боз нашавад. Ва таби гиб(б) ҷудо шавад аз дигар табҳо бад-он, ки рӯзе биёяд ва дигар рӯз наёяд. Ва таби шатрулғиб(б) ҷудо шавад аз дигар табҳо бад-он, ки як рӯз сахттар ояд ва дирангаш[7] камтар бошад ва як рӯз оҳистатар ояд ва дирангаш дарозтар бувад. Ва таби рибъ ҷудо шавад аз дигар табҳо бад-он, ки рӯзе биёяд ва дигар рӯз наёяд ва савум наёяд ва чаҳорум биёяд. Ва ин ҳар яке боз ҷинс шаванд ва эшонро анвоъ падид ояд.

Чун табиб мантиқ донад ва ҳозиқ бошад ва бидонад, ки кадом таб аст ва моддати он таб чист, мураккаб аст ё муфрад, зуд ба муолиҷат машғул шавад. Ва агар дар шинохтани иллат дармонад, ба Худой, азза ва ҷалла, бозгардад ва аз ӯ истионат[8] хоҳад. Ва агар дар илоҷ фурӯ монад ҳам, ба Худой бозгардад ва аз Ӯ мадад хоҳад, ки бозгашти ҳама бад-Ӯст.

## Ҳикоят (1)

Дар санаи иснато ашарата ва хамсумиа[9] дар бозори атторони Нишобур бар дуккони Муҳаммади Муҳаммад,

---

[1] ҳуммо явм – таби якрӯза
[2] гиб(б) – табе, ки рӯзе дар миён пайдо мешавад.
[3] шатрулғиб(б) – табе, ки як рӯз баланд ва рӯзи дигар паст аст.
[4] рибъ – табе, ки дар ҳар чаҳор рӯз боре меояд.
[5] такассур – эҳсоси хунукӣ ва ларзиш; шикастагӣ
[6] таби мутбиқа – табе, ки дар як шабонарӯз қатъ нагардад.
[7] диранг – бозмондан
[8] истионат – ёрӣ, кӯмак
[9] Яъне: соли 512 (1118)

мунаҷҷими табиб, аз Хоҷа Имом Абӯбакри Даққоқ шунидам, ки ӯ гуфт: «Дар санаи иснатайни ва хамсумиа[1] яке аз машоҳири Нишобурро қуланҷ[2] бигирифт ва маро бихонд. Ва бидидаму ба муолиҷат машғул шудам. Ва он чӣ дар ин боб фароз омад[3], ба ҷой овардам. Албатта, шифо рӯй нанамуд ва се рӯз бар он баромад. Намози шом бозгаштам, ноумед бар он, ки ними шаб бемор даргузарад. Дар ин ранҷ бихуфтам. Субҳдам бедор гаштам ва шак накардам, ки даргузашта бувад. Ба бом баршудам ва рӯй бад-он ҷониб овардам ва нигюша[4] кардам. Ҳеҷ овозе нашунидам, ки бар гузаштани ӯ далел будӣ. Сураи «Фотиҳа» бихондам ва аз он ҷониб бидамидам ва гуфтам: «Илоҳӣ ва саййидӣ ва мавлоӣ! Ту гуфтаӣ дар каломи мубраму[5] китоби муҳкам: *«Ва нуназзилу мин-ал-Қуръони мо ҳува шифоун ва раҳматун ли-л-муъминин»*[6]. Ва таҳассур[7] ҳамехӯрдам, ки ҷавон буд ва мунъиму мутанаъим[8] ва команҷӯмӣ[9] тамом дошт.

Пас вузӯ сохтам ва ба мусалло шудам ва суннат бигузоридам. Яке дари сарой бизад, нигоҳ кардам, каси ӯ буд. Башорат дод, ки: «Бигшой!» Гуфтам: «Чӣ шуд?» Гуфт: «Ин соат роҳат ёфт». Донистам, ки аз баракоти «Фотиҳат-ул-китоб» будааст ва ин шарбат аз дорухонаи раббонӣ рафтааст. Ва ин маро таҷриба шуд ва бисёр ҷойҳо ин шарбат дардодам. Ҳама мувофиқ афтод ва шифо ба ҳосил омад.

---

[1] Яъне: соли 502 (1109)

[2] қуланҷ – дарди сахте, ки дар шикам, бахусус дар рӯдаҳои фарох падид меояд ва ба таври умум ҷигар, гурда, рӯдаҳоро низ фаро мегирад.

[3] фароз омад – ба назар расид; пеш омад

[4] нигюша – гӯш додан

[5] мубрам – муҳкам, устувор

[6] Яъне: «Ва аз Қуръон он чи шифову раҳмат аст, барои муъминон фуруд меоварем» (сураи Исро, ояти 82).

[7] таҳассур – афсӯсу ҳасрат хӯрдан

[8] мунъиму мутанаъим – сахиву тавонгар

[9] команҷӯмӣ – комгорӣ

Пас, табиб бояд, ки некӯэътиқод бувад ва амру наҳйи шаръро муаззам дорад ва аз илми тиб бояд, ки «Фусул»-и Буқроту[1] «Масоил»-и Ҳунайни Исҳоқ[2] ва «Муршид»-и Муҳаммади Закариёи Розӣ[3] ва «Шарҳ»-и Нилӣ[4], ки ин

[1] «Фусул»-и Буқрот – Буқрот ҳаким ва табиби маъруфи юнонӣ аст. Дар ҳудуди соли 460 қ.м. ба дунё омад. Аз шогирдони Асқолибюс (қаҳрамони тибби Юнон) буд. Тақрибан дар соли 375 қ.м. даргузаштааст. «Фусул»-и ӯ ҷомеътарин таълифи тиббии қадим аст. Муаллиф онро дар ҳафт мақола мураттаб сохтааст. Дар он ҳамаи улуми тиб ва қонунҳои алоқаманд ба он оварда шудааст. Ҷолинус дар мавриди он фармуда: «Буқрот бо ин китоб тамоми усули тибро баён намуд» (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.506). Ҳунайн ибни Исҳоқ онро ба арабӣ тарҷума намудааст (ал-Феҳрист, саҳ.456). Ҷолинус, Ибни Абӯсодиқ (мулаққаб ба «Буқроти сонӣ»), Абдуллоҳи Сайвосӣ, Абдуллоҳи Бағдодӣ, Алоуддин Алӣ ибни Нафис, Садақаи Сомирӣ ва дигарон бар он шарҳ бастаанд (ҳамон, саҳ.506-507).

[2] «Масоил»-и Ҳунайни Исҳоқ – Ҳунайни Исҳоқ, ки «Абӯязид» куния дошт, дар тиб табаҳҳур ҳосил карда буд. Ба забонҳои юнонӣ, сурёнӣ ва арабӣ тасаллути комил дошт. Бар мабнои чунин нубуғ ба таълиф ва тарҷумаи осор даст зад. Анбӯҳе аз китобу рисолаҳоро иншо намуд ва ба арабӣ даровард. Соли 264/878 аз дунё рафт. «Масоил»-и ӯ аз муҳимтарин дастуроти тиббӣ маҳсуб мегардад. Тибқи навиштаи Ибни Надим ин китоб чун раҳнамои таълим ва дастури толибилмони тиб навишта шуда будааст (ал-Феҳрист, саҳ.464). Ҳоҷӣ Халифа оварда, ки китоб ба тариқи саволу ҷавоб мураттаб гардидааст. Муаллиф матолиби китобро дар муддати ҳаёти худ дар авроқе, ки қисме сапеду холӣ монда буданд, фароҳам овард. Сипас, шогирд ва хоҳарзодааш Ҳубайш ибни Ҳасан (ибни Аъсам – забти Ибни Надим) боқиро мураттаб намуд ва матолиберо аз (илми) хеш бар он пайваст. Ба ҳамин сабаб, гоҳе ин китоб ба сурати «Масоил»-и Ҳунайн бо зиёдоти Ҳубайши Аъмаш (Аъсам)» низ дида мешавад. Ибни Абӯсодиқ (Буқроти сонӣ) ва Абӯсаҳли Нилӣ онро шарҳ ва талхис намудаанд. Ибни Рақиқа талхиси Нилиро ба назм кашида ва онро ба «Лутф-ул-масоил ва туҳаф-ус-соил» мусаммо намудааст (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.245-246).

[3] «Муршид»-и Муҳаммади Закариёи Розӣ – Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ – табиб ва донишманди номвари асри X, ки бештар дар Рай бизист ва риёсати бемористони он ҷоро дар ӯҳда дошт. Дар тиб ва фалсафа осори зиёд ба мерос гузошт. Соли 323/935 (ё 313/925) даргузашт. Номи аслии «Муршид»-и Розӣ «ал-Фусул фи-т-тиб» буда, ба «Муршид» шуҳрат ёфтааст (ал-Феҳрист, саҳ. 472; Фарҳанги форсӣ, ҷ.5, саҳ. 570).

[4] «Шарҳ»-и Нилӣ – мурод аз «Нилӣ» Абӯсаҳл Саид ибни Абдулазизи Нилӣ аст, ки адиб, фақеҳ, табиб ва устоди илми тиб буд. «Мухтасари «Китоб-ул-масоил»-и Ҳунайн, «Талхиси «Шарҳи «Фусул»-и Буқрот»-и Ҷолинус аз ҷумлаи таълифоти ӯст. Соли 420/1029 даргузаштааст (Муъҷам-ул-удабо, ҷ.4, саҳ.299). «Шарҳ»-и Нилӣ зоҳиран, талхис ва тавзеҳи «Масоил»-и Ҳунайн ибни Исҳоқ аст, ки мувофиқи навиштаи Ҳоҷӣ Халифа, Нилӣ онро бо тарки усули суолу ҷавоб, ки тарҳи таълифии Ҳунайн буд, дар се фасл мураттаб намудааст.

муҷмалотро кардааст, ба даст орад ва мутолиат ҳамекунад, баъд аз он, ки бар устоде мушфиқ хонда бошад. Ва аз кутуби васат[1] «Захира»-и Собити Қурра[2] ё «Мансурӣ»-и Муҳаммади Закариёи Розӣ[3] ё «Ҳидоя»-и Абӯбакри Ахавайнӣ[4] ё «Кифоя»-и Аҳмади Фараҷ ё «Ағроз»[5]-и Сайид

Фасли аввал: Дар шинохтани умури табиӣ; дувум: Дар қувои адвия; савум: Дар набз (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.246).

[1] васат – миёнаҳол

[2] «Захира»-и Собити Қурра – Шаҳризурӣ оварда, ки «аз мусаннафоти Собит аст китоби «Захира» дар тиб, ки камтар китобе ба хубии он таълиф шудааст» (ниг. Луғатнома, ҷ.5, саҳ.6364). Қифтӣ дар интисоби ин китоб ба Собит ибни Қурра шак намудааст (Таърих-ул-ҳукамо, саҳ.109).

[3] «Мансурӣ»-и Муҳаммади Закариёи Розӣ – аз муҳимтарин китобҳои тибби қадим, ки ба номи Мансур ибни Исҳоқи Сомонӣ – ҳокими Рай таълиф шудааст. Китоб дар даҳ мақола аст ва ҳар мақола боз ба фаслҳо ҷудо мегардад. Дар аксари манобеъ ба номи Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ дониста шуда, ки аз тасомуҳ холӣ нест. Низомии Арӯзӣ низ чунин назарро баён доштааст (ниг. саҳ.143). Зеро Закариёи Розӣ (ваф. 320/932) солҳо пеш аз эътиборёбии Мансур ибни Нӯҳ (ҳукм. 350-366/961-977) даргузаштааст. Дар «Кашф-уз-зунун» аз Алӣ ибни Аббоси Маҷусӣ (соҳиби «Комил-ус-синоа») омада, ки муаллиф аксари умури табиирo дар ин китоб фурӯ гузоштааст (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.406).

[4] «Ҳидоя»-и Абӯбакри Ахавайнӣ – мурод китоби «Ҳидоят-ул-мутааллимина фи-т-тиб(б)»-и Абӯбакр Рабеъ ибни Аҳмади Бухороии Ахавайнӣ аст. Муаллиф шогирди Абулқосими Муқониӣ ва Абулқосим шогирди Муҳаммади Закариёи Розӣ буд. Ахавайнӣ ин китобро барои писараш навишт. Ӯ табиби маъруф буд. Ба он сабаб, ки дар муолиҷаи беморони руҳӣ дасти тавоно дошт, ӯро «пизишки девонагон» мегуфтанд. Китоби «Ҳидоя»-и ӯ бо забони форсӣ ба қалам омадааст ва аз ҷумлаи арзишмандтарин осори насрии форсу тоҷик ҳисоб меёбад.

[5] «Ағроз»-и Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ – Муаллифи китоб – Сайид Исмоил ибни Ҳасан ибни Муҳаммади Ҷурҷонӣ, муканно ба «Абӯиброҳим» ва мулаққаб ба «Зайнуддин» (ё «Шарафуддин») аз донишмандон ва устодони илми тибби асри XII мебошад. Дар дарбори Хоразмшоҳ хидмат мекард. Соли 531/1137 даргузаштааст. Осоре, чун «Хуффии Алоӣ», «Тибби мулукӣ», «Захираи Хоразмшоҳӣ», «Ағроз», «Ёдгор», «Зубдат-ут-тиб», «ат-Тазкират-ул-ашрафия фӣ синоати-т-тиббия» аз ҷумли таълифоти ӯст. Номи пурраи «Ағроз»-и Ҷурҷонӣ «Ағроз-ут-тиббия ва-л-мабоҳиси-л-алоия» аст. Ба Алоуддин Отсиз бахшида шудааст. Ҳоҷӣ Халифа навишта: «Он китоби бузург аст, дар ду муҷаллад. Мураттаб аз бисту шаш мақола, ки ҳар як дорои бобҳои зиёд аст» (Кашф-уз-зунун, ҷ.1, саҳ.199). Аз идомаи гузориши Ҳоҷӣ Халифа бармеояд, ки китоб талхиси «Захираи Хоразмшоҳӣ» мебошад ва муаллиф ин корро бо хоҳиши вазири Нусратуддин Отзис ибни Хоразмшоҳ – Абӯмуҳаммад Соҳиб ибни Муҳаммади Бухорӣ анҷом додааст. Муаллиф пас аз вуруд ба мабҳаси аслӣ, яъне баррасии ташреҳии аъзо, ба зикри анвои бемориҳо ва ас-

Исмоили Ҷурҷонӣ ба истиқсои[1] тамом бар устоде мушфиқ хонад. Пас, аз кутуби басоит[2] яке ба даст орад, чун «Ситтата ашар»-и Ҷолинус[3] ё «Ҳовӣ»-и Муҳаммади Закариё[4] ё «Комил-ус-синоа»[5] ё «Сад боб»-и Бӯсаҳли Масеҳӣ[6] ё

бобу иллатҳои он пардохтааст. Дар қисмати поёнии китоб аз анвои доруҳо ва таркиботи онҳо баҳс намудааст (Фарҳанги осор, саҳ.288).

[1] истиқсо – тафаҳҳусу баррасӣ

[2] басоит – фароҳ, васеъ. Он осоре, ки дар онҳо мавзӯъ ба тариқи хеле муфассал баён меёбанд.

[3] «Ситтата ашар»-и Ҷолинус – Ҷолинус яке аз табибони ҳаштгонаи юнонӣ, ки дар колбудшиносӣ кашфиёти нодир анҷом дод ва осори зиёд ба мерос гузошт. Тақрибан соли 210/825 вафот кардааст. «Ситтита ашар» (яъне, осори шонздаҳгона)-и ӯ маҷмӯаест, ки аз шонздаҳ китоби Ҷолинус фароҳам омадааст. Ин китобҳо дар тибби қадим ҳукми асосро дошт. Ҳар кӣ дар ин дониш ворид мешуд, бояд ба тартиб тамоми инҳоро аз худ мекард. Ибни Надим аз ин шонздаҳ китоб ба тариқи зайл ном бурда: 1. ал-Фирақ. 2. ас-Синоат-ус-сагира. 3. ан-Набз. 4. ат-Тааннӣ фӣ шифои-л-амроз. 5. Мақолот-ул-хамс. 6. ал-Истиқсот. 7. ал-Мизоҷ. 8. Қуво табиийа. 9. ал-Илалу ва-л-аъроз. 10. Таарруфу илали-л-аъзои-л-ботина. 11. Набз-ул-кабир. 12. ал-Ҳимоёт. 13. ал-Буҳрон. 14. Айём-ул-буҳрон. 15. Тадбир-ул-асиҳҳо. 16. Ҳилат-ул-баръ (ал-Феҳрист, саҳ.458).

[4] «Ҳовӣ»-и Муҳаммади Закариёи Розӣ – ин китоби Муҳаммади Закариёи Розӣ дар байни бештар аз дусад таълифи ӯ мақоми хосса дорад. Ин китоб муҳимтарин таълифи Розӣ аст ва ба донишномаи тиббӣ монанд мебошад. Аз он бо номҳои «ал-Ҷомеъ», «ал-Ҷомеъ-ул-кабир», «Ҳосир-ус-синоати-т-тиб» ва «ал-Ҷомеъ-ул-ҳосир лисиноати-т-тиб» низ ёд мешавад. Гӯё пас аз вафоти Розӣ ба роҳбарии Ибн ал-Амид (ваф. 359/970) – вазири Рукнуддавлаи Дайламӣ ва кӯшиши шогирдони муаллиф мусаввадаҳои китоб ба ҳам оварда шуданд ва ин китоб мураттаб гардад. Ибни Надим навишта, ки ин китоб ба дувоздаҳ қисм ҷудо мешавад. Дар идома ҳамаи онҳоро зикр намудааст (ал-Феҳрист, саҳ.470-471).

[5] «Комил-ус-синоа» – таълифи Алӣ ибни Аббоси Маҷусӣ (ниг. саҳ.162) аст, ки бо забони арабӣ навишта шудааст. Ин китоб бо номи «Тибби маликӣ» ва «Кунноши маликӣ» маъруфтар аст. Бо номи ихтисории «Маликӣ» низ ёд мешавад. Ин китобро ба номи малик Фанохусрав Азудуддавлаи Дайламӣ нигошт ва сабаби шуҳрати ӯ қарор гирифт. Китоб фарогири тамоми фунуни тиб аст. Аз ду қисми асосӣ – илмӣ ва амалӣ иборат мебошад. Ҳар як аз ин қисмҳо ба даҳ мақола ҷудо мешавад ва ҳар мақола дорои бобҳо аст (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.13). «Комил-ус-синоа» то таълифи «Қонун»-и Ибни Сино муҳимтарин китоб ба ҳисоб мерафт. Қисми амалии китобро бар чунин хусусияти «Қонун» тарҷеҳ додаанд (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.307).

[6] «Сад боб»-и Бӯсаҳли Масеҳӣ – мурод Бӯсаҳл (Абӯсаҳл) Исо ибни Яҳёи Масеҳии Гургонӣ, табиб ва ҳакими номвар аст, ки дар дарбори Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳ мезист ва китоби «Таъбири руъё»-и худро ба номи ӯ кард. Дар тиб аз устодони Ибни Сино ҳисоб меёбад. Соли 401/1011 зиндагиро

«Қонун»-и Бӯалии Сино[1] ё «Захираи Хоразмшоҳӣ»[2] ва ба вақти фароғат мутолиат ҳамекунад. Ва агар хоҳад, ки аз ин ҳама мустағнӣ бошад, ба «Қонун» кифоят кунад. Сайиди кавнайн[3] ва пешвои сақалайн[4] мефармояд: *«Кулл-ус-сайди фӣ ҷавфи-л-фаро»* – Ҳамаи шикорҳо дар шиками гӯрхар аст. Ин ҳама, ки гуфтам, дар «Қонун» ёфта шавад, бо бисёре аз завоид[5]. Ва ҳар киро муҷаллади аввал аз «Қонун» маълум бошад, аз усули илми тиб ва куллиёти ӯ ҳеҷ бар ӯ пӯшида намонад. Зеро ки агар Буқрот ва Ҷолинус зинда шаванд, раво бувад, ки пеши ин китоб саҷда кунанд.

Ва аҷабе шунидам, ки яке дар ин китоб бар Бӯалӣ эътироз кард ва аз он муътаризот[6] китобе сохт ва «Ислоҳи «Қонун» ном кард. Гӯӣ дар ҳар ду менигарам, ки мусанниф

---

падруд гуфт (ал-Аълом, ҷ.5, саҳ.110). «Сад боб»-и ӯ аз бузургтарин таълифоташ маҳсуб мегардад. Китоб чун донишномаи тиббӣ мебошад. Бо номҳои «ал-Миа фӣ синоати-т-тиб» ва «Девони тиб» низ маъруф аст. Муаллиф муҳтавои китобро дар қолаби сад боб рехтааст ва ҳар бобро «китоб» ном кардааст. Ҳар боб чун китоби мустақил ба қалам омадааст. Ибни Тилмиз тахти унвони «ал-Ҳавошӣ ъало китоб «ал-Миа» ва Нӯъмон ибни Абӯризои Исроилӣ бо номи «ал-Ҳавошӣ ан-Нуъмония» бар ин китб ҳошия навиштаанд (Кашф-уз-зунун, ҷ.3, саҳ.170; Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, ҷ.5, саҳ.577).

[1] «Қонун»-и Бӯалии Сино – китоби «ал-Қонуну фи-т-тиб(б)» ҷомеътарин таълиф дар тибби исломӣ ба ҳисоб меравад. Китоб фарогири тамоми қонунҳои кулливу ҷузъии тиб мебошад. Бар панҷ қисмат ҷудо мешавад ва ҳар як қисм ба фасл, фан, ҷумла ва таълим тақсим мегардад. Ҳоҷӣ Халифа муҳимтарин шарҳу ҳошия ва талхису танқеҳоти ин китобро муаррифӣ намудааст (Кашф-уз-зунун, ҷ.2, саҳ.541-542). Китоб ба забонҳои аврупоӣ тарҷума ва нашр ёфтааст ва чун муҳимтарин китоби таълимии тиб дар шарқу ғарб хидмат намудааст.

[2] «Захираи Хоразмшоҳӣ» – таълифи Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ, ки соли 504/1111 таълиф гардидааст. Китоб бузургҳаҷм мебошад (Ҳоҷӣ Халифа 12 ҷилд хондааст – ҷ.2, саҳ.154). Бо забони форсӣ ва арабӣ таълиф ёфта, ба Қутбиддини Хоразмшоҳ бахшида шудааст. Муаллиф дар он аз ҳамаи бахшҳои илми тиб сухан намудааст.

[3] Сайиди кавнайн – пешвои ҳар ду ҷаҳон

[4] сақалайн – ду гаронбор. Мурод инсу ҷин аст. Манзур аз ҳар ду таъбир Муҳаммади Мустафо (с) мебошанд.

[5] завоид – афзудаҳо, афзуниҳо

[6] муътаризот – нуктаҳои эътирозӣ

чи маътуҳ[1] марде бошад ва мусаннаф[2] чи макруҳ[3] китобе. Чаро касеро бар бузурге эътироз бояд кард, ки таснифе аз они ӯ ба даст гирад, масъалаи нахустин бар ӯ мушкил бошад?! Чаҳор ҳазор сол буд, то ҳукамои авоил ҷонҳо гудохтанд ва равонҳо дарбохтанд, то илми ҳикматро ба ҷое фуруд оранд, натавонистанд. То баъд аз ин муддат ҳакими мутлақ ва файласуфи аъзам Аристотолис[4] ин накдро ба қистоси[5] мантиқ бисахт[6] ва ба маҳакки[7] ҳудуд нақд кард ва ба микёли[8] қиёс бипаймуд[9], то шакку райб[10] аз ӯ бархост ва мунаққаҳу[11] муҳаққақ[12] гашт ва баъд аз ӯ дар ин ҳазору понсад сол ҳеҷ файласуф ба кунҳи[13] сухани ӯ нарасид ва бар ҷодаи сиёқати ӯ нагузашт, илло афзал-ул-мутааххирин, ҳаким-ул-машриқ, ҳуҷҷат-ул-Ҳаққи ъала-л-ҳалқ Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино. Ва ҳар кӣ бар ин ду бузург эътироз кард, хештанро аз зумраи аҳли хирад берун овард ва дар силки аҳли ҷунун тартиб дод ва дар ҷамъи аҳли атаҳ ҷилва кард.

Эзад, таборак ва таъоло, моро аз ин ҳафавоту[14] шаҳавот[15] нигоҳ дорад, биманниҳи ва лутфиҳи.

---

[1] маътуҳ – беақл

[2] мусаннаф – таснифшуда, китоб

[3] макруҳ – нописанд, нохуш

[4] Аристотолис – ҳаким ва файласуфи номвари юнонӣ, ки ба сурати «Арасту» бештар мешиносем. Мураббии Искандари Макдунӣ буд. Дар мантиқ, табиат, илоҳиёт, ахлоқ, сиёсат ва ғайра китоб таълиф кард. Соли 322 қ.м. дунёро тарк намуд.

[5] қистос – тарозу

[6] бисахт – бисанҷид, вазн намуд

[7] маҳак – василаи муайянсозандаи асолату арзиш

[8] микёл – паймон

[9] бипаймуд – андозагирӣ намуд, бо паймона вазн кард

[10] райб – шубҳа

[11] мунаққаҳ – аз айбу нуқсон пок сохта шуда

[12] муҳаққақ – таҳқиқшуда, қатъӣ, ба исбот расида

[13] кунҳ – асл

[14] ҳафавот – хатову лағзишҳо

[15] шаҳавот – хоҳишоти номатлуби нафс

Пас, агар табибе муҷаллади аввал аз «Қонун» бидониста бошад ва синни ӯ ба арбаъин[1] кашад, аҳли эътимод бувад. Ва агарчи ин дараҷа ҳосил дорад, бояд ки аз ин кутуби сиғор[2], ки устодони муҷарраб тасниф кардаанд, яке пайваста бо хештан дорад, чун «Туҳфат-ул-мулук»-и Муҳаммад ибни Закариё[3] ва «Кифоя»-и Ибни Мандавайҳи Исфаҳонӣ[4] ва «Тадоруку анвоъи-л-хатаъ фи-т-тадбири-т-тиббӣ»-и Абӯалӣ[5] ва «Хуффии Алоӣ» ва «Ёдгор»-и Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ[6]. Зеро ки бар ҳофиза эътимоде нест, ки

[1] Яъне: чиҳил

[2] сиғор – кӯчак, мухтасар

3 «Туҳфат-ул-мулук»-и Муҳаммад ибни Закариё – шояд «Тибби мулукӣ»-и муаллиф бошад, ки Ибни Надим дар феҳристи осори ӯ овардааст (ал-Феҳрист, саҳ.471).

[4] «Кифоя»-и Ибни Мандавайҳи Исфаҳонӣ – муаллиф аз пизишкон ва дорушиносини маъруфи асри X-XI ба шумор меравад. Аз хонадони бошарофати Исфаҳон аст. Падараш Абдурраҳмон аз адибони барҷастаи рӯзгори худ буд. Бо Азудуддавлаи Дайламӣ наздикӣ дошт ва дар бемористони Азудӣ фаъолият мекард. Соли даргузашташ мавриди ихтилоф аст. Солҳои 410/1019 ё 440/1048 бештар таъйид ёфтаанд. Бештар аз панҷоҳ китобу рисола ба ӯ мансуб аст, ки «Фӣ усули-т-тибби ва-л-мураккабот ал-атрия», «ал-Кофӣ фи-т-тиб», «Таркибу табақоти-л-ъайн», «Фӣ авҷоъи-л-атфол», «Фӣ илоҷи заъфи-л-басар» ва «Кифоя» аз ҷумлаи онҳоянд. «Кифоя»-и ӯ аз эътибори баланд бархурдор буда, ки Низомии Арӯзӣ бар пайваста бо худ доштани он таъкид намудааст.

[5] «Тадоруку анвоъи-л-хатаъ фи-т-тадбири-т-тиббӣ»-и Абӯалӣ – Абӯалии Сино ин китоб ва «Қиём-ул-арзи фӣ васати-с-само»-и худро ба номи Абулҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Суҳайлии Хоразмӣ (ниг. саҳ.155) – вазири Алӣ ибни Маъмуни Хоразмшоҳ намудааст. Ибни Сино дар шарҳи ҳоли худ бо чунин алфоз аз ӯ ба некӣ ёд намудааст: «Зарурат маро бар тарки Бухоро ва рафтан сӯи Гурганҷ водор намуд. Абулҳусайни Суҳайлӣ, ки дар он ҷо вазир буд, ба ин донишҳо муҳаббат дошт» (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.1148).

[6] «Хуффии Алоӣ» ва «Ёдгор»-и Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ – Ҷурҷонӣ (ниг. саҳ.144) «Хуффии Алоӣ»-ро дар Хоразм дар замони Қутбиддини Хоразмшоҳ бо хоҳиши фарзанди ӯ Отсиз таълиф намудааст. Чун китоби «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и ӯ хеле муфассал буд, супориш меёбад, ки онро ба тариқи хулоса таҳия намояд. Тибқи навиштаи Ҳоҷӣ Халифа он дар як ҷилд таҳия мешавад ва ба Алоуддин Алпарслон (Отсиз Хоразмшоҳ) тақдим мегардад (Кашф-уз-зунун, ҷ.2, саҳ.78). Сабаби «Хуффӣ» ном гузоштан, ба ин мӯҷиб аст, ки метавон онро дар хуф(ф) (мӯза) ҷой дод ва бо худ бурд (Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, ҷ.17, саҳ.706). «Ёдгор» – Ҷурҷонӣ ин китобро бо забони форсӣ навиштааст ва китоби мухтасарест дар илми тиб. Аз панҷ боб фароҳам омадааст. Дар Хоразм таълиф ёфтааст ва ба Отсиз Хоразмшоҳ бахшида шудааст.

дар охири муаххари димоғ бошад, ки дертар дар амал ояд, ин мактуб[1] ӯро муъин[2] бошад.

Пас, ҳар подшоҳ, ки табиб ихтиёр кунад, ин шароит, ки баршумурдем, бояд ки андар ёфта бошад, ки на бас саҳл корест ҷону умри хеш ба дасти ҳар ҷоҳил додан ва тадбири ҷони худ дар канори ҳар ғофил ниҳодан.

### Ҳикоят (2)

Бухтайшуъ[3] яке аз насорои Бағдод буд. Табибе ҳозиқу мушфиқе содиқ буд ва мураттаб ба хидмати Маъмун. Магар аз Банӣ Ҳошим аз ақрабои Маъмун якеро исҳол[4] афтод. Маъмунро бад-он қариб[5] дилбастагии тамом буд. Бухтайшуъро бифиристод, то муолиҷати ӯ бикунад. Ӯ бар пой хост ва ҷон бар миён баст аз ҷиҳати Маъмун ва ба анвоъ муолиҷат кард. Ҳеҷ суд надошт. Ва аз наводири муолиҷат он чӣ ёд дошт, бикард. Албатта фоидат накард ва кор аз даст бишуд. Ва аз Маъмун хиҷил мебуд ва Маъмун ба ҷой овард, ки Бухтайшуъ хиҷил мемонад, гуфт: «Ё Бухтайшуъ! Хиҷил мабош, ту ҳақди хеш ва бандагии хеш ба ҷой овардӣ, магар Худой, азза ва ҷалла, намехоҳад. Ба қазо ризо деҳ, ки мо додем».

Бухтайшуъ чун Маъмунро маъюс дид, гуфт: «Як муолиҷати дигар мондааст, ба иқболи амирулмуъминин

[1] мактуб – навишта

[2] муъин – ёригар

[3] Бухтайшуъ – ду табиби маъруф аз хонадони исавиёни настурии Эрон аз асри VIII чунин ном доранд: 1. Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис. Ӯ соли 171/788 дар аҳди Ҳорунаррашид ба Бағдод рафт ва бо фармони ӯ риёсати табибони боргоҳро дарёфт. 2. Бухтайшуъ ибни Ҷабраил ибни Бухтайшуъ (набераи Бухтайшуъи аввал), ки дар охири умри Маъмун табиби хоссаи ӯ қарор гирифт ва пас аз ӯ ба дигар хулафо низ хидмат намуд. Соли 256/870 зиндагиро падруд гуфт. Ин ҷо мурод ҳамин Бухтайшуъ аст. «Бухтайшуъ»-ро ба маънии «наҷотёфтаи Исо» донистаанд (Фарҳанги форсӣ, ҷ.5, саҳ.246).

[4] исҳол – дарунравии сахт, ки маъмулан хунравиро низ бо худ дорад.

[5] қариб –хешованд

бикунам, агарчи мухотара[1] аст. Аммо, бошад ки Борӣ таъоло рост орад».

Ва бемор ҳар рӯз панҷоҳ-шаст бор менишаст. Пас мусҳил[2] бисохт, ба бемор дод. Он рӯз, ки мусҳил хӯрд, зиёдат шуд. Дигар рӯз бозистод.

Атиббо аз ӯ суол карданд, ки ин мухотара буд, ки ту кардӣ?» Ҷавоб дод, ки моддати ин сиҳол аз димог буд ва то аз димоғ фуруд наёмадӣ, ин исҳол мунқатеъ нагаштӣ. Ва чун тарсидам, ки агар мусҳил диҳам, набояд ки қувват ба исҳол вафо накунад. Чун дил баргирифтанд, гуфтам: «Охир дар мусҳил умед аст ва дар нододан ҳеҷ умед на». Бидодам ва таваккал бар Худой кардам, ки Ӯ тавоност. Ва Борӣ таъоло тавфиқ дод ва некӯ шуд ва қиёс дуруст омад. Зеро ки дар мусҳил нододан, марг мутаваққаъ[3] буд ва дар мусҳил додан, маргу зиндагонӣ ҳарду мутаваққаъ буд. Мусҳил додан авлотар дидам.

## Ҳикоят (3)

Шайхи раис, ҳуҷҷат-ул-Ҳақ Абӯалии Сино ҳикоят кард андар китоби «Мабдаъ ва маод»[4] дар охири фасли «Имкону вуҷуди умурин нодиратин ъан ҳозиҳи-н-нафси[5]» ҳамегӯяд, ки ба ман расид ва бишунудам, ки ҳозир шуд табибе ба маҷлиси яке аз мулуки Сомон ва қабули ӯ дар он ҷо ба дараҷае расид, ки дар ҳарам шудӣ ва набзи муҳаррамоту мухаддарот[6] бигирифтӣ.

---

[1] мухотара – хатар; дар хатар андохтан

[2] мусҳил – доруе, ки барои нерӯбахшии кори меъда ва холисозии рӯдаҳо таҳия мегардад.

[3] мутаваққаъ – расиданӣ, чашмдоштанӣ, интизорӣ доштан

[4] «Мабдаъ ва маод» – («ал-Мабдаъу ва-л-маод») аз осори арзишманди Ибни Синост, ки бо забони арабӣ ба қалам омадааст. Китоби мазкур аз ҷумлаи таълифоти муаллиф дар заминаи фалсафаи маодшиносӣ маҳсуб мегардад.

[5] Яъне: Имкони мавҷудияти корҳои нодир аз ин нафс

[6] муҳаррамоту мухаддарот – мурод занону духтарони ҳарамсаро

Рӯзе бо малик дар ҳарам нишаста буд, ба ҷое, ки мумкин набуд, ки ҳеҷ нарина он ҷо тавонистӣ расид. Малик хӯрданӣ хост, канизакон хӯрданӣ оварданд. Канизаке хонсолор[1] буд, хон аз сар баргирифт ва дуто шуду бар замин ниҳод. Хост, ки рост шавад, натавонист шуд. Ҳамчунон бимонд, ба сабаби риҳе[2] ғализ, ки дар мафосили[3] ӯ ҳодис шуд. Малик рӯй ба табиб кард, ки дарҳол ӯро муоличат бояд кард, ба ҳар ваҷҳ, ки бошад. Ва ин ҷо тадбири табииро ҳеҷ ваҷҳе набуд ва маҷоле надошт, ба сабаби дурии адвия. Рӯ ба тадбири нафсонӣ кард ва бифармуд, то мақнаа[4] аз сари вай фурӯ кашиданд ва мӯи ӯ бараҳна карданд, то шарм дорад ва ҳаракате кунад. Ва ӯро аз он ҳолат мустакраҳ[5] ояд, ки маҷомеи сару рӯи ӯ бараҳна бошад. Тағайюр нагирифт. Даст ба шанеътар[6] аз он бурд ва бифармуд, то шалвораш фурӯ кашиданд. Шарм дошт ва ҳарорате дар ботини ӯ ҳодис шуд, чунонки он риҳи ғализро таҳлил кард ва ӯ рост истоду мустақим ва салим бозгашт.

Агар табиб ҳакиму қодир набудӣ, ӯро ин истинбот[7] набудӣ ва аз ин муоличат оҷиз омадӣ. Ва чун оҷиз шудӣ, аз чашми подшоҳ бияфтодӣ. Пас, маърифати ашёи табиӣ ва тасаввури мавҷудоти табиӣ аз ин боб аст. Ва ҳува аъламу.

### Ҳикоят (4)

Ҳам аз мулуки Оли Сомон амир Мансур ибни Нӯҳ

---

[1] хонсолор – касе, ки вазифаи мизбонӣ ва хидмати онро дар ӯҳда дорад.
[2] риҳ – бод
[3] мафосил – ҷойҳои пайванди устухонҳо; буғумҳо
[4] мақнаа – рӯсарии бузург, ки сару синаҳоро мепӯшонад.
[5] мустакраҳ – нописанд, кареҳ
[6] шанеътар – зишттар
[7] истинбот – дарёфт; бардоште, ки дар асоси зеҳну диққат ба даст меояд.

ибни Насрро[1] оризае[2] афтод, ки музман[3] гашт ва барҷой бимонд ва атиббо дар он муолиҷат оҷиз монданд.

Амир Мансур кас фиристод ва Муҳаммад ибни Закариёи Розиро бихонд бад-ин муолиҷат. Ӯ биёмад то ба Омуй ва чун ба канори Ҷайҳун расид ва Ҷайҳун бидид, гуфт: «Ман дар киштӣ нанишинам. Қолаллоҳу таоло: *«Ва ло тулқу биайдикум ила-т-таҳлукати»*. Худои таоло мегӯяд, ки хештанро ба дасти хештан дар таҳлука маяндозед. Ва низ ҳамоно, ки аз ҳикмат набошад ба ихтиёр дар чунин маҳлака[4] нишастан».

Ва то каси амир ба Бухоро рафту бозомад, ӯ китоби «Мансурӣ»[5] тасниф кард ва ба дасти он кас бифиристод ва гуфт: «Ман ин китобам ва аз ин китоб мақсуди ту ба ҳосил аст, ба ман ҳоҷате нест».

Чун китоб ба амир расид, ранҷур шуд. Пас ҳазор динор бифиристод ва аспи хоссу сохт ва гуфт: «Ҳама рифқе бикунед, агар суд надорад, дасту пои ӯ бибандед ва дар киштӣ нишонед ва бигузаронед». Чунон карданд ва хоҳиш ба ӯ дарнагирифт. Дасту пои ӯ бибастанд ва дар киштӣ нишонданд ва бигузарониданд. Ва он гаҳ дасту пои ӯ бозкарданд ва ҷанибати[6] босохт[7] дар пеш кашиданд. Ва ӯ хуштабъ пой дар асп гардонид ва рӯй ба Бухоро ниҳод.

Суол карданд, ки мо тарсидем, ки чун аз об бигзарем ва туро бигушоем, бо мо хусумат кунӣ, накардӣ ва туро

---

[1] Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср – шашумин амири сомонӣ, ки «Абӯисҳоқ» куния дошт. Пас аз бародараш Абдулмалик ибни Нӯҳ ба аморати Мовароуннаҳру Хуросон расид. Шонздаҳ сол салтанат кард. Соли 366/997 вафот намуд.

[2] ориза – беморӣ, ранҷ

[3] музман – замингир, бознишаста, оҷиз

[4] маҳлака – чизе ё коре, ки хатари ҳалокат дорад.

[5] «Мансурӣ» – ниг. саҳ.144

[6] ҷанибат – асп, саворӣ

[7] босохт – ороста бо зину афзор ва дигар зарурот

зачиру[1] дилтанг надидем?» Гуфт: «Ман донам, ки дар сол бист ҳазор кас аз Ҷайҳун бигзаранд ва ғарқ нашаванд ва ман ҳам нашавам, валекин мумкин аст, ки шавам. Ва чун ғарқ шавам, то домани қиёмат гӯянд: «Аблаҳ марде буд Муҳаммади Закариё, ки ба ихтиёр дар киштӣ нишаст, то гарқ шуд» ва аз ҷумлаи малумон[2] бошам, на аз ҷумлаи маъзурон».

Чун ба Бухоро расид, амир даромад ва якдигарро бидиданд ва муолиҷат оғоз кард. Ва маҷҳуд базл кард, ҳеҷ роҳате падид наёмад.

Рӯзе пеши амир омаду гуфт: «Фардо муолиҷате дигар хоҳам кардан, аммо дар ин муолиҷат фалон асп ва фалон астар харҷ мешавад». Ва ин ду маркаб маъруф буданд дар давандагӣ, чунонки шабе чиҳил фарсанг бирафтандӣ.

Пас, дигар рӯз амирро ба гармобаи Ҷӯи Мӯлиён бурд, берун аз сарой ва он аспу астарро сохта ва тангкашида[3] бар дари гармоба бидоштанд. Ва рикобдорӣ ғуломи хешро фармуд ва аз хадаму ҳашам ҳеҷ касро ба гармоба фурӯ нагузошт.

Пас, маликро дар гармобаи миёнгин бинишонд ва оби фотир[4] бар ӯ ҳамерехт ва шарбате, ки карда буд, чошнӣ кард ва бад-ӯ дод, то бихӯрад. Ва чандоне бидошт, ки ахлотро дар мафосил нузҷе[5] падид омад. Пас бирафт ва ҷома дарпӯшид ва биёмаду дар баробари амир биистод ва сақате[6] чанд бигуфт, ки «Эй казо ва казо! Ту фармудӣ, то маро бибастанд ва дар киштӣ афканданд ва дар хуни ман

---

[1] зачир – беқарор, нороҳат

[2] малумон – маломатшавандагон

[3] танг – тасмае, ки ба миёни асп ё дигар саворӣ мебананд, то зин ё бор бар пушти маркаб устувор биистад.

[4] фотир – нимгарм, ширгарм

[5] нузҷ – пухтагӣ

[6] сақат – дашном

шуданд? Агар ба мукофоти он ҷонат набарам, на писари Закариёам!»

Амир бағоят дар хашм шуд ва аз ҷои хеш даромад, то ба сари зону. Муҳаммади Закариё корде баркашид ва ташдид зиёдат кард. Амир яке аз хашм ва яке аз бим тамом бархост ва Муҳаммади Закариё чун амирро бар пой дид, баргашт ва аз гармоба берун омад. Ӯ ва ғулом ҳарду пой ба аспу астар гардониданд ва рӯй ба Омуй ниҳоданд. Намози дигар аз он бигузашт ва то Марв ҳеҷ ҷой наистод. Чун ба Марв фуруд омад, номае навишт ба хидмати амир, ки: «Зиндагонии подшоҳ дароз бод дар сиҳҳати бадан ва нафози[1] амр! Ходим илоҷ оғоз кард ва он чӣ мумкин буд, ба ҷой овард. Ҳарорати ғаризӣ бо заъфе тамом буд ва ба илоҷи табиӣ дароз кашидӣ, даст аз он бидоштам ва ба илоҷи нафсонӣ омадам. Ва ба гармоба бурдам ва шарбате бидодаму раҳо кардам, то ахлот нузҷе тамом ёфт, пас подшоҳро ба хашм овардам, то ҳарорати ғаризиро мадад ҳодис шуд ва қувват гирифт ва он ахлоти нузҷпазируфтаро таҳлил кард. Ва баъд аз ин савоб нест, ки миёни ману подшоҳ ҷамъияте бошад».

Аммо, чун амир бар пой хост ва Муҳаммади Закариё берун шуд ва барнишаст, ҳолӣ ӯро ғашй[2] овард. Чун ба ҳуш бозомад, берун омад ва хидматкоронро овоз доду гуфт: «Табиб куҷо шуд?» Гуфтанд: «Аз гармоба берун омад ва пой дар асп гардонид ва ғуломаш пой дар астар ва бирафт». Амир донист, ки мақсуд чӣ будааст. Пас, ба пои хеш аз ғармоба берун омад. Хабар дар шаҳр афтод ва амир бор дод ва хадаму ҳашаму раият ҷумла шодиҳо карданд ва садақаҳо доданд ва қурбонҳо карданд ва ҷашнҳо пайвастанд. Ва табибро ҳарчанд биҷустанд, наёфтанд.

---

[1] нафоз – равон ва гузаро будан

[2] ғашй – беҳушӣ

Ҳафтум рӯз ғуломи Муҳаммади Закариё даррасид бар он астар нишаста ва аспро ҷанибат карда ва нома арз кард.

Амир нома бархонд ва аҷаб дошт ва ӯро маъзур хонду ташриф фармуд аз асп ва сохту ҷубба ва дастору силоҳ ва ғулому канизак. Ва бифармуд, то ба Рай аз амлоки Маъмун ҳар сол ду ҳазор динор зар ва дувист хирвор ғалла ба номи вай биронанд. Ва ин ташриф ва идрорнома ба дасти маъруфе ба Марв фиристод.

Ва амир сиҳҳати куллӣ ёфт ва Муҳаммади Закариё бо мақсуд ба хона расид.

## Ҳикоят (5)

Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳ[1] вазире дошт, номи ӯ «Абулҳасан Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Суҳайлӣ»[2], марде ҳакимтабъ ва каримнафсу фозил. Ва Хоразмшоҳ ҳамчунин ҳакимтабъ ва фозилдӯст буд. Ва ба сабаби эшон, чандин ҳаким ва фозил бар он даргоҳ ҷамъ шуда буданд,чун Абӯалии Сино ва Абӯсаҳли Масеҳӣ ва Абулхайри Хаммор[3]

[1] Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳ – мурод Маъмун ибни Маъмун ибни Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки «Абулаббос» куния дошт. Пас аз вафоти бародараш Алӣ ибни Маъмун ба ҳукумати Хоразм расид. Ҳунарпарвар ва илмдӯст буд. Соли 407/1017 кушта шуд (Луғатнома, ҷ12, саҳ.17726).

[2] Абулҳасан Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Суҳайлӣ – аз бузургони Хоразм, аз хонадони риёсату каромат ва вазир писари вазир аст. Соли 404/1014 вазорати Маъмуни Хоразмшоҳро тарк намуд ва ба Бағдод паноҳ овард. Соли 418/1027 дар Сурраманрао вафот кард. Аз ӯ осоре боқӣ мондааст. Абӯалии Сино китоби «Қиём-ул-арзи фӣ васати-с-само»-ро ба номи ӯ кардааст (Муъҷам-ул-удабо, ҷ.2, саҳ.194-196).

[3] Абулхайри Хаммор – Абулхайр Ҳасан ибни Сивор ибни Бобо ибни Баҳром, ки мантиқӣ, табиб ва мутарҷими маъруфи асри X буд. Соли 331/1040 ба дунё омад. Назди Яҳё ибни Адии Мантиқӣ дониш фаро гирифт. Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳ ӯро аз Бағдод ба Хоразм даъват намуд ва аз хосони хеш сохт. Маҳмуди Ғазнавӣ пас аз гирифтани Хоразм ӯро бо худ ба Ғазнин бурд ва он ҷо то рӯзгори султон Иброҳими Ғазнавӣ зист. Соли 444/1052 дар 108-солагӣ аз дунё даргузашт (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.273). Ибни Надим бо ӯ мусоҳибат дошт. Иддае аз осори ӯро баршуморидааст (ал-Феҳрист, саҳ.425-426).

ва Абӯрайҳони Берунӣ ва Абӯнасри Аррок[1].

Аммо Абӯнасри Аррок бародарзодаи Хоразмшоҳ буд ва дар илми риёзӣ ва анвои он сонии Батлимус[2] буд ва Абулхайри Хаммор дар тиб солиси Буқроту Ҷолинус буд ва Абӯрайҳон дар нуҷум ба ҷои Абӯмаъшару Аҳмад ибни Абдулҷалил буд ва Абӯалии Синову Абӯсаҳли Масеҳӣ халафи Аристотолис буданд дар илми ҳикмат, ки шомил аст ҳамаи улумро.

Ин тоифа дар он хидмат аз дунёвӣ бениёзӣ доштанд ва бо якдигар унсе дар муҳоварат ва айше дар мукотабат мекарданд. Рӯзгор барнаписандид ва фалак раво надошт. Он айш бар эшон мунағғас[3] шуд ва он рӯзгор бар эшон ба зиён омад. Аз наздики султон Яминуддавла Маҳмуд маъруфе[4] расид бо номае. Мазмуни нома он ки: «Шунидам, ки дар маҷлиси Хоразмшоҳ чанд касанд аз аҳли фазл, ки адимунназиранд[5] чун фалону фалон. Бояд ки эшонро ба маҷлиси мо фиристӣ, то эшон шарафи маҷлиси мо ҳосил кунанд ва мо ба улуму кифоёти эшон мустазҳир шавем ва он миннат аз Хоразмшоҳ дорем».

Ва расули вай Хоҷа Ҳусайн ибни Алии Микол буд, ки яке аз афозилу амосили[6] аср ва уъҷубае[7] буд аз риҷоли замона. Ва кори Маҳмуд дар авҷи давлат, мулки ӯ равнақе дошту давлати ӯ улувве. Ва мулуки замона ӯро муроот

---

[1] Абӯнасри Аррок – Мансур ибни Алӣ ибни Аррок, ки аз риёзидонони маъруфи асри Х мебошад. Бо Абӯрайҳони Берунӣ муосир будааст ва дувоздаҳ китоби хешро ба ӯ бахшидааст (Луғатнома, ҷ.13, саҳ.19129).

[2] Батлимус – мунаҷҷим ва ҷуғрофидони юнонӣ, ки китоби «Миҷастӣ»-и ӯ хеле маъруф аст. «Осор-ул-билод» аз дигар таълифоти арзишманди ӯст. Тақрибан соли 167/784 вафот кардааст.

[3] мунағғас – ногувор, парешон

[4] маъруф – (шахси) шинохта, номӣ

[5] адимунназир – бемонанд

[6] амосил – афроди шарифу баргузида

[7] уъҷуба – касе ё чизе, ки бо хислату тавоноии хосса боиси шигифтии дигарон мегардад.

ҳамекарданд ва шаб аз ӯ ба андеша ҳамехуфтанд.

Хоразмшоҳ Хоҷа Ҳусайни Миколро ба ҷои нек фуруд овард ва алафаи[1] шигарф фармуд. Ва пеш аз он ки ӯро бор дод, ҳукаморо бихонд ва ин нома бар эшон арза карду гуфт: «Маҳмуд қавидаст аст ва лашкари бисёр дорад ва Хуросону Ҳиндустон забт кардааст ва тамаъ дар Ироқ баста, ман натавонам, ки мисоли ӯро имтисол[2] нанамоям ва фармони ӯро ба нафоз[3] напайвандам. Шумо дар ин чӣ гӯед?»

Абӯалӣ ва Абӯсаҳл гуфтанд: «Мо наравем». Аммо Абӯнаср ва Абулхайр ва Абӯрайҳон рағбат намуданд, ки ахбори силоту[4] ҳиботи[5] султон ҳамешуниданд. Пас Хоразмшоҳ гуфт: «Шумо ду танро, ки рағбат нест, пеш аз он ки ман ин мардро бор диҳам, шумо сари хеш гиред».

Пас Хоҷа асбоби Абӯалӣ ва Абӯсаҳл бисохт ва далеле[6] ҳамроҳи эшон кард ва аз роҳи биёбон рӯй ба Гургон ниҳоданд.

Рӯзи дигар Хоразмшоҳ Ҳусайни Алии Миколро бор дод ва некӯиҳо пайваст ва гуфт: «Нома хондам ва бар мазмуни нома ва фармони подшоҳ вуқуф афтод. Абӯалӣ ва Абӯсаҳл бирафтаанд, лекин Абӯнаср ва Абӯрайҳон ва Абулхайр басиҷ[7] мекунанд, ки пеши хидмат оянд». Ва ба андак рӯзгор барги эшон бисохт ва бо Хоҷа Ҳусайни Микол фиристод. Ва ба Балх ба хидмати султон Яминуддавла Маҳмуд омаданд ва ба ҳазрати ӯ пайвастанд. Ва султонро мақсуд аз эшон Абӯалӣ буда буд.

---

[1] алафа – озуқа, василаи пазироӣ
[2] имтисол – фармонбардорӣ
[3] нафоз – иҷро, анҷом додан
[4] силот – инъом
[5] ҳибот – бахшишу кароматҳо, саховатҳо
[6] далел – раҳнамо
[7] басиҷ – қасд, ҳаракат, майл

Ва Абӯнасри Арроқ наққош буд. Бифармуд, то сурати Абӯалӣ бар коғаз нигошт. Ва наққошонро бихонд, то бар он мисол чиҳил сурат нигоштанд ва ба маношир[1] ба атроф фиристоданд. Ва аз асҳоби атроф[2] дархост, ки марде аст бад-ин сурат ва ӯро «Абӯалии Сино» гӯянд. Талаб кунанд ва ӯро ба ман фиристанд!

Аммо чун Абӯалӣ ва Абӯсаҳл бо каси Абулҳусайн ас-Суҳайлӣ аз назди Хоразмшоҳ бирафтанд, чунон карданд, ки бомдодро понздаҳ фарсанг рафта буданд. Бомдод ба сари чоҳсоре фуруд омаданд.

Пас Абӯалӣ тақвим баргирифт ва бингарист, то ба чӣ толеъ берун омадааст? Чун бингарид, рӯй ба Абӯсаҳл карду гуфт: «Бад-ин толеъ, ки мо берун омадаем, роҳ гум кунем ва шиддат бисёр бинем». Бӯсаҳл гуфт: *«Разийно биқазоиллоҳи»*[3]. Ман худ ҳамедонам, ки аз ин сафар ҷон набарам, ки тасйири ман дар ин ду рӯз ба Айюқ мерасад ва ӯ қотеъ аст. Маро умеде намондааст. Ва баъд аз ин миёни мо мулоқоти нуфус[4] хоҳад буд». Пас биронданд.

Абӯалӣ ҳикоят кард, ки рӯзи чаҳорум боде бархост ва гард барангехт ва ҷаҳон торик шуд ва эшон роҳ гум карданд ва бод тарикро маҳв кард. Ва чун бод биёромид, далел аз эшон гумроҳтар шуда буд. Дар он гармои биёбони Хоразм аз беобӣ ва ташнагӣ Бӯсаҳли Масеҳӣ ба олами бақо интиқол кард ва далелу Абӯалӣ бо ҳазор шиддат ба Бовард[5] афтоданд.

Далел бозгашт ва Абӯалӣ ба Тӯс рафт ва ба

---

[1] маношир – дастурҳо, фармонномаҳои ҳукумат, ки чун эъломия баён мегардад.

[2] асҳоби атроф – марзбонон

[3] Яъне: Ба қазои Худованд таслиму ризо додем.

[4] мулоқоти нуфус – мулоқоти ҷонҳо

[5] Бовард – ҳамон Абевард, ки он шаҳрест дар Хуросон, байни Сарахс ва Насо (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.1, саҳ.333).

Нишопур расид. Халқеро дид, ки Абӯалиро металабиданд. Мутафаккир ба гӯшае фуруд омад ва рӯзе чанд он ҷо бибуд.Ва аз он ҷо рӯй ба Гургон ниҳод, ки Қобус подшоҳи Гургон буд ва марде бузургу фозилдӯст ва ҳакимтабъ буд. Абӯалӣ донист, ки ӯро он ҷо офате нарасад.

Чун ба Гургон расид, ба корвонсарое фуруд омад. Магар дар ҳамсоягии ӯ яке бемор шуд. Муолиҷат кард, беҳ шуд. Беморе дигарро низ муолиҷат кард, беҳ шуд. Бомдод қорура[1] овардан гирифтанд ва Абӯалӣ ҳаменигарист. Ва дахлаш[2] падид омад ва рӯз ба рӯз меафзуд.

Рӯзгоре чунин мегузошт. Магар яке аз ақрабои Қобуси Вушмгирро[3], ки подшоҳи Гургон буд, оризае падид омад ва атиббо ба муолиҷати ӯ бархостанд ва ҷаҳд карданду ҷидде тамом намуданд, иллат ба шифо напайваст. Ва Қобусро азим дар он дилбастагӣ буд, то яке аз хидам Қобусро гуфт, ки дар фалон тим[4] ҷавоне омадааст, азим табиб ва бағоят муборакдаст ва чанд кас бар дасти ӯ шифо ёфт. Қобус фармуд, ки ӯро талаб кунед ва ба сари бемор баред, то муолиҷат кунад, ки даст аз даст муборактар бувад.

Пас, Абӯалиро талаб карданд ва ба сари бемор бурданд. Ҷавоне дид бағоят хубрӯй ва мутаносибаъзо, хат асар карда[5] ва зор[6] афтода, пас бинишаст ва набзи ӯ бигирифт ва тафсира[7] бихосту бидид. Пас гуфт: «Маро

---

[1] қорура – зарфаке шишай, ки барои ташхис идрори беморро дар он барои табиб мебаранд.

[2] дахл – пуле, ки бо заҳмати хеш ба даст меоваранд.

[3] Қобус – мурод Абулаббос Қобус ибни Вушмгир ибни Зиёр аст, ки «Шамс-ул-маолӣ» лақаб дошт. Аз подшоҳони маъруфи Оли Зиёр аст. Пас аз бародари худ Бесутун ибни Вушмгир ба салтанат расид. Ӯро дуруштхӯ, аммо адибу илмдӯст навиштаанд. Соли 433/1042 кушта гардид.

[4] тим – корвонсаро

[5] хат асар карда – мӯйи рухсора, бахусус мӯйи болои лаб руста ва намоён гардида буд. Мурод синни булуғу навҷавонӣ аст.

[6] зор – лоғар, ошуфта

[7] тафсира – намунаи идрори бемор

марде мебояд, ки ғуруфоту[1] маҳаллоти Гургонро ҳама шиносад». Биёварданду гуфтанд: «Инак.»

Абӯалӣ даст бар набзи бемор ниҳоду гуфт: «Баргӯй ва маҳаллатҳои Гургонро ном бардеҳ!» Он кас оғоз кард ва номи маҳаллатҳо гуфтан гирифт, то расид ба маҳаллате, ки набзи бемор дар он ҳолат ҳаракате ғариб кард. Пас Абӯалӣ гуфт: «Аз ин маҳаллат кӯйҳо бардеҳ». Он кас бардод, то расид ба номи кӯе, ки он ҳаракати ғариб муовадат кард. Пас Абӯалӣ гуфт: «Касе мебояд дар ин кӯй ҳама саройҳоро бидонад». Биёварданд ва саройҳоро бардодан гирифт, то омад ба номе, ки ҳамон ҳаракат ҳодис шуд.

Он гаҳ Абӯалӣ гуфт: «Тамом шуд». Пас рӯй ба муътамадони Қобус карду гуфт: «Ин ҷавон дар фалон маҳаллат ва дар фалон кӯй ва дар фалон сарой бар духтаре фалон ва фалон ном ошиқ аст. Ва доруи ӯ висоли он духтар аст ва муолиҷати ӯ дидори ӯ бошад».

Пас бемор гӯш дошта буд ва ҳар чӣ Хоҷа Абӯалӣ мегуфт, мешунид. Аз шарм сар дар ҷомаи хоб кашид. Чун иститлоъ[2] карданд, ҳамчунон буд, ки Хоҷа Абӯалӣ гуфта буд. Пас ин ҳолро пеши Қобус рафъ карданд. Қобусро азим аҷаб омад ва гуфт: «Ӯро ба ман оред!» Хоҷа Абӯалиро пеши Қобус бурданд. Ва Қобус сурати Абӯалӣ дошт, ки султон Яминуддавла фиристода буд. Чун пеши Қобус омад, гуфт: *«Анта Абуалӣ?»* Гуфт: *«Наъам ё малику муаззам!»*[3] Қобус аз тахт фуруд омад ва чанд гом Абӯалиро истиқбол кард ва дар канораш гирифт ва бо ӯ бар яке ниҳолӣ[4] пеши тахт биништаст ва бузургиҳо пайваст ва некӯ пурсиду гуфт: «Аҷалли[5] афзал ва файласуфи акмал кайфияти ин муолиҷа

[1] ғуруфот – ҳуҷраҳо
[2] иститлоъ – хабарҷӯӣ
[3] Яъне: Ту Абӯалӣ ҳастӣ? Гуфт: Оре, эй подшоҳи бузургвор.
[4] ниҳолӣ – тушак, кӯрпача, бистар, зерандоз
[5] аҷал(л) – бузургвор

албатта бозгӯяд».

Абӯалӣ гуфт: «Чун набзу тафсира бидидам, маро яқин гашт, ки иллат ишқ аст ва аз китмони сир ҳол бад-ин ҷо расида аст. Агар аз вай суол кунам, рост нагӯяд. Пас даст бар набзи ӯ ниҳодам, номи маҳаллот бигуфтанд, чун ба маҳаллати маъшуқ расид, ишқ ӯро биҷунбонид, ҳаракат бадал шуд. Донистам, ки дар он маҳаллат аст. Бигуфтам, то номи кӯйҳо бигуфтанд. Чун номи кӯйи маъшуқи хеш шунид, ҳамон маънӣ ҳодис шуд. Номи кӯй низ бидонистам. Бифармудам, то саройҳоро ном бурданд. Чун ба номи сарои маъшуқ расид, ҳамон ҳолат зоҳир шуд. Сарой низ бидонистам. Бигуфтам, то номи ҳамаи аҳли сарой бурданд. Чун номи маъшуқи худ бишунид, бағоят мутағайир шуд. Маъшуқро низ бидонистам. Пас бад-ӯ гуфтам ва ӯ мункир натавонист шудан, муқир омад».

Қобус аз ин муолиҷат шигифте бисёр намуд ва мутааҷҷиб бимонд ва алҳақ ҷои тааҷҷуб буд. Пас гуфт: «Ё аҷаллу афзалу акмал! Ошиқу маъшуқ ҳарду хоҳарзодагони мананд ва холазодагони якдигар, ихтиёре бикун, то акди эшон бикунем!»

Пас, Хоҷа Абӯалӣ ихтиёре писандида бикард ва он акд бикарданд ва ошиқу маъшуқро ба ҳам пайвастанд. Ва он ҷавони подшоҳзодаи хубсурат аз чунон ранҷе, ки ба марг наздик буд, бираст.

Баъд аз он Қобус Хоҷа Абӯалиро ҳарчӣ некӯтар бидошт. Ва аз он ҷо ба Рай шуд ва ба вазорати шаҳаншоҳ Алоуддавла афтод. Ва он худ маъруф аст андар таърихи айёми Хоҷа Абӯалии Сино.

## Ҳикоят (6)

Соҳиби «Комил-ус-синоа»[1] табиби Азудуддавла[2] буд ба Порс, ба шаҳри Шероз. Ва дар он шаҳр ҳаммоле[3] буд, ки чаҳорсад ман ва понсад ман бор бар пушт гирифтӣ. Ва ҳар панҷ-шаш моҳ он ҳаммолро дарди сар гирифтӣ ва беқарор шудӣ ва даҳ понздаҳ шабонарӯз ҳамчунон бимондӣ.

Якбор ӯро он дарди сар гирифта буд ва ҳафт-ҳашт рӯз баромада ва чанд бор ният карда буд, ки хештанро бикушад.

Охир, иттифоқ чунон афтод, ки он табиби бузург рӯзе ба дари хонаи он ҳаммол бигузашт. Бародарони ҳаммол пеши ӯ давиданду хидмат карданд ва ӯро ба Худой, азза ва ҷалла, савганд доданд ва аҳволи бародар ва дарди сари ӯ ба табиб бигуфтанд. Табиб гуфт: «Ӯро ба ман намоед!» Пас он ҳаммолро пеши ӯ бурданд. Чун бидидаш, марде шигарф ва қавиҳайкал ва ҷуфте кафш дар пой карда, ки ҳар пой ману ним буд ба санг[4]. Пас набзи ӯ бидид ва тафсира бихост. Гуфт: «Ӯро бо ман ба саҳро оред!» Чунон карданд.

Чун ба саҳро шуданд, табиб ғуломи хешро гуфт: «Дастори ҳаммол аз сараш фурӯ гир ва дар гардани ӯ кун ва бисёр битоб!» Пас гуломи дигарро гуфт: «Кафши ӯ аз пой берун кун ва тое бист[5] бар сараш зан!» Ғулом чунон кард. Фарзандони ӯ ба фарёд омаданд. Аммо табиб муҳташаму муҳтарам буд, ҳеҷ наметавонистанд кард. Пас ғуломро

---

[1] Соҳиби «Комил-ус-синоа» – мурод Алӣ ибни Аббоси Маҷусӣ аст, ки ба «Ибни Маҷус» маъруф аст. Аз табибони бузурги Оли Бӯя буд. Бо китоби «Комил-ус-синоа» (ниг. саҳ.145), ки онро ба номи Фанохусрав Азудуддавлаи Дайламӣ намуда буд, маъруф гардид.

[2] Азудуддавла – манзур Мутисуддин Фанохусрав Абӯшуҷоъ ибни Рукнуддавла Ҳасан аст, ки аз подшоҳони муқтадири Оли Бӯя буд. Соли 372/982 фавт кардааст.

[3] ҳаммол – боркаш

[4] санг – вазн

[5] тое бист – тахмин бист бор

гуфт, ки «Он дастор, ки дар гардани ӯ тофтаӣ, бигир ва бар аспи ман нишин ва ӯро бо худ кашон ҳамедавон!» Ғулом ҳамчунон кард ва ӯро дар он саҳро бисёр бидавонид, чунонки хун аз бинии ӯ бикушод. Ва гуфт: «Акнун раҳо кун!» Бигузошт ва он хун ҳамерафт гандатар аз мурдор. Он мард дар миёни ҳамин руъоф[1] дар хоб шуд ва дирамсанге[2] сесад хун аз бинии ӯ бирафт ва бозистод.

Пас, ӯро баргирифтанд ва ба хона оварданд. Аз хоб дарнаёмад ва шабонрӯзе хуфта бимонд. Ва он дарди сари ӯ бирафт ва ба муолиҷа муҳтоҷ наяфтод ва муовадат накард.

Азудуддавла ӯро аз кайфияти он муолиҷат пурсид.

Ғуфт: «Эй подшоҳ! Он хун на моддате буд дар димоғ, ки ба ёраи фиқро[3] фуруд омадӣ. Ваҷҳи муолиҷаташ ҷуз ин набуд, ки кардам».

## Ҳикоят (7)

Молихулиё[4] иллате аст, ки атиббо дар муолиҷати ӯ фурӯ монанд. Агарчи амрози савдовӣ[5] ҳама музмин[6] аст, лекин молихулиё хосияте дорад ба дер зоил шудан. Ва Абулҳасан ибни Яҳё андар китоби «Муолиҷати Буқротӣ»[7],

[1] руъоф – хуне, ки аз бинӣ берун ояд.

[2] дирамсанг – воҳиди андозагирии вазн, ки бо як дирам ё як мисқол баробар буд.

[3] фиқро – доруи ниҳоят талхи равонсозанда, ки қисмати бештари таркиби он аз сабир мебошад.

[4] молихулиё – беморие равонӣ, ки ба ҷунун монанд аст. Дар шахси бар он гирифтор омада, хусусиятҳое, чун хастагии сахт, маҳрумӣ аз эҳсоси лаззат, ҳазён, ваҳмзадагӣ ва ғайра падид меояд.

[5] амрози савдовӣ – бемориҳое, ки аз ахлоти (моеоти) чаҳоргона – балғам, хун, сафро ва савдо маншаъ мегирад. Дар тибби қадим ҳолати саломатӣ ва бемории инсонро аз таносуб ёфтан ё акси он медонистанд.

[6] музмин – замингир, оҷизсозанда

[7] «Муолиҷати Буқротӣ» – зоҳиран, китоби «ал-Муолиҷат ал-Буқротия» аст, ки нусхаҳое аз он то имрӯз боқист. Аммо дар ҳеч як Абулҳасан ибни Яҳё муаллиф дониста нашудааст. Балки ин асари тиббӣ ба қалами Абулҳасан Аҳмад ибни Муҳаммади Табарӣ тааллуқ дорад. Китоб дар даҳ ҷузъ буда, дар он илова бар муолиҷаи анвои бемориҳо аз ташреҳи аъзоҳо низ баҳс сурат ги-

ки андар тиб кас чунон китобе накардааст, баршумурд аз аимма ва ҳукамову фузалову фалосифа, ки чанд аз эшон бад-он иллат маълул[1] гаштаанд.

Аммо ҳикоят кард маро устоди ман аш-Шайх ал-Имом Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад Абӯсаъд ан-Нашавӣ[2] ал-маъруф ба Сурх аз аш-Шайх-ал-Имом Муҳаммад ибни Ақил ал-Қазвинӣ аз амир Фахруддавла Боколиҷор[3] ал-Бӯӣ, ки якеро аз аиззаи Оли Бӯя молихулиё падид омад ва ӯро дар ин иллат чунон сурат баст, ки ӯ гове шудааст. Ҳама рӯз бонг ҳамекард ва ину онро ҳамегуфт, ки «Маро бикушед, ки аз гӯшти ман ҳарисаи[4] некӯ ояд!» То кор ба дараҷае бикашид, ки низ ҳеҷ нахӯрд ва рӯзҳо баромаду наҳор кард. Ва атиббо дар муолиҷати ӯ оҷиз омаданд. Ва Хоҷа Абӯалӣ андар ин ҳолат вазир буд ва шоҳаншоҳ Алоуддавла Муҳаммад ибни Душманзиёр[5] бар вай иқболе дошт ва ҷумлаи мулк дар дасти ӯ ниҳода буд ва куллии шуғл ба рою тадбири ӯ бозгузошта ва алҳақ баъди Искандар, ки

---

рифтааст. Чунин бармеояд, ки китоб нахуст ба форсӣ навишта шуда, сипас ба арабӣ тарҷума гардидааст (Фарҳанги форсӣ, ҷ.6, саҳ.1994).

[1] маълул – дучор, гирифтор; иллатдор, бемор

[2] Муҳаммад Абӯсаъд ан-Нашавӣ – аз устодони Низомии Арӯзист.

[3] Фахруддавла Боколоҷор ал-Бӯӣ – аз шоҳони Дайламиён, ки пас аз вафоти Муайидуддавла соли 373/984 ба салтанат расид. Умури давлати ӯро вазири кордонаш Соҳиб ибни Аббод идора мекард. Вафоти ӯро дар соли 387/997 донистаанд. Шоистаи тазаккур аст, ки «Боколиҷор» лақаби чанд тан аз амирони Оли Зиёр аст. «Колиҷор» – луғати маҳаллии гелонӣ аст ва муштақ аз калимаи паҳлавии «коречор» аст. Назири он дар форсии имрӯза «корзор» мебошад (Луғатнома, ҷ.3, саҳ.3658).

[4] ҳариса – таоме, ки аз гӯшту гандуми пухта таҳия мешуд ва онро одатан бо равғани дог ва гоҳе бо шакар мехӯрданд.

[5] Алоуддавла Муҳаммад ибни Душманзиёр – манзур Муҳаммад ибни Душманзиёр, муканно ба «Абӯҷаъфар» ва мулаққаб ба «Ибни Кокуя» аст. Соли 398/1008 аз ҷониби Даёлима ҳукумати Исфаҳонро дарёфт. Соли 414/1023 Ҳамадонро низ ба қаламрави хеш пайваст. Ибни Сино поёни рӯзгори хешро дар Ҳамадон дар ҳимояти ҳамин подшоҳ гузаронид. Китоби «Ҳикмати Алоӣ»-и хешро ба номи писари ӯ кардааст. Мувофиқи маълумоти манобеъ, Ибни Сино аз хосони Алоуддавлаи мазкур буд, на вазири ӯ. Дар Ҳамадон вазорати Шамсуддавлаи Дайламиро дар ӯҳда дошт, на вазорати ӯро.

Аристотолис вазири ӯ буд, ҳеҷ подшоҳ чун Абӯалӣ вазир надошта буд.

Ва дар ин ҳол, ки Хоҷа Абӯалӣ вазир буд, ҳар рӯз пеш аз субҳдам бархостӣ ва аз китоби «Шифо» ду коғаз тасниф кардӣ. Чун субҳи содиқ бидамидӣ, шогирдонро бор додӣ, чун Киёраиси Баҳманёр[1] ва Абӯмансур ибни Зайла[2] ва Абдулвоҳиди Ҷурҷонӣ[3] ва Сулаймони Димишқӣ[4] ва ман, ки Боколиҷорам, то ба вақти исфор[5] сабақҳо бихондиме ва дар паи ӯ намоз кардиме. Ва то берун омадимоне ҳазор савор аз машоҳир ва маорифу арбоби ҳавоиҷ[6] ва асҳоби ароиз[7] бар дари сарои ӯ гирд омада будӣ. Ва Хоҷа барнишастӣ ва он ҷамоат дар хидмати ӯ бирафтандӣ. Чун ба девон расидӣ, савор дуҳазор шуда будӣ. Пас ба девон то намози пешин бимондӣ ва чун бозгаштӣ ба хон омадӣ. Ҷамоате бо ӯ нон бихӯрдандӣ. Пас ба қайлула[8] машғул шудӣ ва чун бархостӣ, намоз бикардӣ ва пеши шоҳаншоҳ шудӣ. Ва то намози дигар пеши ӯ муфовазаву[9] муҳовара[10]

---

[1] Каёраиси Баҳманёр – Абулҳасан Баҳманёр ибни Марзбони Озарбойҷонӣ, ки аз ҳакимон ва накӯтарин шогирдони Ибни Сино буд. «Мабоҳис», «ат-Таҳсил», «ал-Биҳҷату ва-с-саодат» аз осори ӯст. Соли 458/1066 даргузаштааст.

[2] Абӯмансур ибни Зайла – Ҳусайн ибни Тоҳир ибни Зайлаи Исфаҳонӣ, ки ба «Ибни Зайла» маъруф аст. Дар риёзиёт, табииёт ва мусиқӣ устод буд. Аз шогирдони наздики Ибни Синост. «Табииёти шифо»-ро мухтасар намуда ва ба «Ҳай ибни Яқзон» шарҳ навиштааст. Соли 440/1049 вафот кардааст.

[3] Абдулвоҳиди Ҷурҷонӣ – Абӯубайдуллоҳ Абдулвоҳид ибни Муҳаммади Ҷурҷонӣ, аз мумтозтарин шогирдони Ибни Синост. Зиндагиномаи Ибни Сино бештар ба ривояти ҳамин шогирдаш мавриди истинод қарор мегирад. Иддае аз осори Ибни Сино бо хоҳиши пайвастаи ҳамин шогирдаш навишта шудаанд. То соли 438/1047 дар ҳаёт будааст.

[4] Сулаймони Димишқӣ – танҳо ба баракати ин китоб аст, ки ӯ чун шогирди Ибни Сино мешиносем. Аз дигар аҳволи ӯ иттилоъ ба даст наёмад.

[5] исфор – равшан шудани рӯз

[6] арбоби ҳавоиҷ – ниёзмандон

[7] асҳоби ароиз – пешниҳоддоштагон, касоне, ки гуфтаниву пурсиданиҳо доранд.

[8] қайлула – хоби чоштгоҳӣ, хоби пеш аз намози пешин

[9] муфовоза – сӯҳбат

[10] муҳовара – гуфтугӯ

будӣ миёни эшон дар муҳиммоти мулк. Ду тан буданд, ки ҳаргиз солисе набудӣ. Ва мақсуд аз ин ҳикоят он аст, ки Хоҷаро ҳеҷ фарогате набудӣ.

Пас, чун атиббо аз муолиҷати он ҷавон оҷиз омаданд, пеши шоҳаншоҳ, малики муаззам, Алоуддавла он ҳол бигуфтанд ва ӯро шафеъ барангехтанд, ки Хоҷаро бигӯяд, то он ҷавонро илоҷ кунад. Алоуддавла ишорат кард ва Хоҷа қабул кард. Пас гуфт: «Он ҷавонро башорат диҳед, ки қассоб ҳамеояд, то туро бикушад». Ва бо он ҷавон гуфтанд. Ӯ шодӣ ҳамекард. Пас Хоҷа барнишаст, ҳамчунон бо кавкаба[1] бар дари сарои бемор омад ва бо тане ду даррафт ва корде ба даст гирифта, гуфт: «Ин гов куҷост, то ӯро бикушам?» Он ҷавон ҳамчу гов бонге кард, яъне ин ҷост. Хоҷа гуфт: «Ба миёни сарой оредаш ва дасту пои ӯ бибандед ва фурӯ афканед!» Бемор чун он шунид, бидавид ва ба миёни сарой омад ва бар паҳлӯи рост хуфт. Ва пои ӯ сахт бибастанд.

Пас, Хоҷа Абӯалӣ биёмад ва корд бар корд молиду фурӯ нишаст ва даст бар паҳлӯи ӯ ниҳод, чунонки одати қассобон буд. Пас гуфт: «Ваҳ! Ин чӣ гови лоғаре аст, инро нашояд куштан, алаф диҳедаш, то фарбеҳ шавад!» Ва бархосту берун омад ва мардумро гуфт, ки: «Дасту пои ӯ бикушоед ва хӯрданӣ он чи фармоям, пеши ӯ баред ва ӯро гӯед: «Бихӯр, то зуд фарбеҳ шавӣ!» Чунон карданд, ки Хоҷа гуфт. Хӯрданӣ пеши ӯ бурданд ва ӯ ҳамехӯрд. Ва баъд аз он ҳар чи аз ашриба[2] ва адвия[3] Хоҷа фармудӣ, бад-ӯ додандӣ ва гуфтанд(ӣ), ки «Нек бихӯр, ки ин говро нек фарбеҳ кунад!» Ӯ бишунудӣ ва бихӯрдӣ бар он умед, ки фарбеҳ шавад, то ӯро бикушанд. Пас, атиббо даст ба муолиҷати ӯ

[1] кавкаба – шукӯҳ; афроди зиёде, ки бо ӯ ҳамроҳ ҳаракат мекарданд.
[2] ашриба – нӯшиданиҳо
[3] адвия – доруҳо

баргушоданд,чунонки Хоҷа Абӯалӣ мефармуд. Як моҳро ба салоҳ омад ва сиҳҳат ёфт.

Ва ҳамаи аҳли хирад донанд, ки инчунин муолиҷат натавон илло ба фазле комил ва илме тамом ва ҳадсе рост.

**Ҳикоят (8)**

Дар аҳди Маликшоҳ ва баъзе аз аҳди Санҷар файласуфе буд ба Ҳирот ва ӯро «Адиб Исмоил» гуфтандӣ. Марде сахт бузург ва фозилу комил, аммо асбоби ӯву маоши ӯ аз дахли табибӣ будӣ. Ва ӯро аз ин ҷинс муолиҷоти нодира бисёр аст. Магар вақте ба бозори кушторон бармегузашт. Қассобе гӯсфандеро салх[1] мекард ва гоҳ-гоҳ даст дар шиками гӯсфанд кардӣ ва пиҳи[2] гарм берун кардӣ ва ҳамехӯрд.

Хоҷа Исмоил чун он ҳолат бидид, дар баробари ӯ баққолеро[3] гуфт, ки «Агар вақте ин қассоб бимурд, пеш аз он ки ӯро ба гӯр кунанд, маро хабар кун!» Баққол гуфт: «Сипос дорам».

Чун ин ҳадисро моҳе панҷ-шаш баромад, яке рӯз бомдоде хабар афтод, ки дӯш фалон қассоб бимурд ба муфоҷо[4], бе ҳеҷ иллат ва беморӣ, ки кашид.

Ва ин баққол ба таъзият шуд. Халқе дид ҷомадарида ва ҷамоате дар ҳасрати ӯ ҳамесӯхтанд, ки ҷавон буд ва фарзандони хурд дошт. Пас он баққолро сухани Хоҷа Исмоил ёд омад. Бидавид ва вайро хабар кард.

Хоҷа Исмоил гуфт: «Дер мурд». Пас, асо баргирифт ва бад-он сарой шуд ва чодар аз рӯи мурда бардошт ва набзи ӯ дар даст бигирифт ва якеро фармуд, то асо бар

[1] салх – пӯст кандан

[2] пиҳ – чарбу

[3] баққол – касе, ки маводи аввалдараҷаи ғизои ҳаррӯзаро мефурӯшад, чун сабзӣ, пиёз ва ғ. касе, ки шуғли камэътибор дорад.

[4] муфоҷо – ногоҳ

пушти пои ӯ ҳамезад. Пас аз соате вайро гуфт: «Басанда аст!» Пас илоҷи сакта[1] оғоз кард ва рӯзи савум мурда бархост ва агарчи мафлуҷ[2] шуд, солҳо бизист.

Пас аз он мардумон аҷаб доштанд ва он бузург аз пеш дида буд, ки ӯро сакта хоҳад буд.

**Ҳикоят (9)**

Шайхулислом Абдуллоҳи Ансорӣ[3], қаддасаллоҳу руҳаҳу, бо ин Хоҷа[4] таассуб кардӣ ва борҳо қасди ӯ кард ва кутуби ӯ бисӯхт. Ва ин таассубе буд динӣ, ки ҳиравиён дар ӯ эътиқод карда буданд, ки ӯ мурда зинда мекунад ва он эътиқод авомро зиён медошт.

Магар шайх бемор шуд ва дар миёни мараз фувоқ[5] падид омад. Ва ҳарчанд атиббо илоҷ карданд, суд надошт.

Ноумед шуданд. Охир, баъд аз ноумедӣ қоруран шайх бад-ӯ фиристоданд ва аз ӯ илоҷ хостанд бар номи ғайре.

Хоҷа Исмоил чун қорура нигарид, гуфт: «Ин оби[6] фалон аст ва фувоқаш падид омадааст ва дар он оҷиз шудаанд. Ва ӯро бигӯед, то як истор[7] пӯсти магзи писта бо як истор шакари аскарӣ[8] бикӯбанд ва ӯро диҳанд, то бозраҳад. Ва бигӯед, ки илм бибояд омӯхт ва китоб набояд сӯхт!»

---

[1] сакта – баста шудани рагҳои асосие, ки ба кори қалб пайванд дорад.

[2] мафлуҷ – фалаҷшуда

[3] Абдуллоҳи Ансорӣ – Абӯисмоил ибни Муҳаммади Ансорӣ, кн ба «Пири Ҳирот» маъруф аст. Аз орифон ва донишмандони номвари асри XI ҳисоб меёбад. Мероси ғании ирфонӣ ба ёдгор гузошт, ки «Табақот-ус-суфия», «Тафсири Қуръон», «Канз-ус-соликин», «Зод-ул-орифин» аз ҷомеътарини онҳоянд. Соли 481/1088 дар Ҳирот даргузашт.

[4] ин хоҷа – мурод ҳамон Адиб Исмоил аст.

[5] фувоқ – дарде, ки дар меъда падид меояд; ҷастани гулӯ дар вақти эҳтизор ва таслими ҷон.

[6] об – идрор

[7] истор – ченаки вазн дар гузашта, ки дар замону маконҳои гуногун аз ҳам фарқ дошт, чун 20 г, 4,46 г ва ғ.

[8] шакари аскарӣ – шакари мансуб ба шаҳри Аскар

Пас, аз ин ду чиз сафуфӣ[1] сохтанд ва бемор бихӯрд ва ҳолӣ фувоқ бинишаст ва бемор баросуд.

## Ҳикоят (10)

Якеро аз машоҳири шаҳри Искандария ба аҳди Ҷолинус сари даст дард гирифт ва беқарор шуд ва ҳеҷ наёромид. Ҷолинусро хабар карданд. Марҳам фиристод, ки бар сари китфи ӯ ниҳанд. Ҳамчунон карданд, ки Ҷолинус фармуда буд. Дарҳол дард бинишаст ва бемор тандуруст гашт ва атиббо аҷаб бимонданд. Пас аз Ҷолинус пурсиданд, ки «Ин чӣ муолиҷат буд, ки кардӣ?» Гуфт: «Он асаб, ки бар сари даст дард мекард, махраҷи ӯ аз сари китф аст, ман аслро муолиҷат кардам, фаръ беҳ шуд».

## Ҳикоят (11)

Фазл ибни Яҳёи Бармакиро[2] бар сина қадре барас[3] падид омад. Азим ранҷур шуд ва гармоба рафтан ба шаб андохт, то касе бар он мутталеъ нашавад. Пас надимонро ҷамъ кард ва гуфт: «Имрӯз дар Ироқу Хуросон ва Шому Порс кадом табибро ҳозиқтар медонанд ва бад-ин маънӣ, ки машҳуртар аст?» Гуфтанд: «Ҷосалиқи Порс».

Ба Шероз кас фиристод ва ҳакими ҷосалиқро[4] аз Порс ба Бағдод овард ва ба ӯ ба сир(р) бинишаст ва бар сабили имтиҳон гуфт: «Маро дар пой футуре[5] мебошад,

[1] сафуфӣ – кӯфтаву бехтаи дору

[2] Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ – аз бузургмардони рӯзгор, ки вазири Ҳорунаррашид ва бародари разоии ӯ буд. Пас аз муддати андаки вазирӣ, соли 178/794 волии Хуросон гардид ва то соли 187/803 дар ин мансаб буд. Дар ин таърих Ҳорун бар Бармакиён хашм гирифт ва ӯву падарашро ба зиндон андохт. Фазл соли 193/809 дар ҳамин зиндон аз дунё даргузашт.

[3] барас – сапедшавии пӯст

[4] ҷосалиқ – сурати арабии «котолик» аст, ба маънии ҷомеъ, пешвои усқуфон ва поп. Ин Ҷосалиқро бояд ғайр аз Абулфараҷи Ҷосалиқ, ки табиби ҷаҳонӣ буд ва дар асри Х мезист, донист.

[5] футур – сустӣ, заъф

тадбири муоличат ҳамебояд кард». (Ҳакими Ҷосалиқ гуфт:) «Аз кулли лабаниёт[1] ва туршиҳо парҳез бояд кардан ва ғизо нахӯдоб бояд хӯрдан ба гӯшти мокиёни яксола ва ҳалво, зардаи тухми мурғро ба ангубин бояд кардан ва аз он хӯрдан. Чун тартиби ин гизо тамом низом пазирад, ман тадбири адвия бикунам». Фазл гуфт: «Чунин кунам».

Пас Фазл бар одат он шаб аз ҳама чизҳо бихӯрд. Ва зирбои[2] муаққад[3] сохта буданд, ҳама ба кор дошт[4] ва аз кавомих[5] ва равосир[6] ҳеҷ эҳтироз накард.

Дигар рӯз ҷосалиқ биёмад ва қорура бихост ва бингарист, рӯяш барафрӯхту гуфт: «Ман ин муоличат натавонам кард, туро аз туршиҳо ва лабаниёт наҳӣ кардаам, ту зирбой хӯрдӣ ва аз кома[7] ва анбичот[8] парҳез накунӣ, муоличат мувофиқ наяфтад».

Пас Фазл ибни Яҳё бар ҳадсу ҳазоқати[9] он бузург офарин кард ва иллати хеш бо ӯ дар миён ниҳоду гуфт: «Туро бад-ин муҳим хондам ва ин имтиҳоне буд, ки кардам».

Ҷосалиқ даст ба муоличат бурд ва он чи дар ин боб буд, бикард. Рӯзгоре баромад, ҳеҷ фоида надошт ва ҳакими ҷосалиқ бар хеш ҳамепечид, ки ин чандон кор набуд ва чандин бикашид. То рӯзе бо Фазл ибни Яҳё нишаста буд, гуфт: «Эй худованди бузургвор! Он чи муоличат буд кардам, ҳеҷ асар накард. Магар падар аз ту нохушнуд аст,

[1] лабаниёт – гизоҳое, ки аз шир таҳия мегарданд.

[2] зирбо (зирабо) – оше, ки аксари маводи он зира бошад; оше, ки бо гӯшти мурги фарбеҳ ва зираву сирко таҳия мекарданд.

[3] муаққад (муъкид) – сахт, гализ

[4] ба кор дошт –бихӯрд, тановул намуд

[5] кавомих – нонхурише, ки аз пудинаву шир ва баъзе адвияи гармизоч таҳия мегардад.

[6] равосир – туршиҳо

[7] кома – кавомих

[8] анбичот – навъи мураббоҳо

[9] ҳадсу ҳазокат – дарёфтану доноӣ

падарро хушнуд кун, то ман ин иллат аз ту бибарам».

Фазл он шаб бархост ва ба наздики Яҳё рафт ва дар пои ӯ афтод ва ризои ӯ биталабид ва он падари пир аз ӯ хушнуд гашт. Ва ҷосалиқ ӯро ба ҳамон анвоъ муолиҷат ҳамекард, рӯй ба беҳбудӣ гузорид. Ва чанде барнаёмад, ки шифои комил ёфт. Пас Фазл аз ҷосалиқ пурсид, ки: «Ту чӣ донистӣ, ки сабаби иллат нохушнудии падар аст?» ҷосалиқ гуфт: «Ман ҳар муолиҷате, ки буд, бикардам, суд надошт. Гуфтам, ин марди бузург лагад аз ҷое хӯрдааст. Бингаристам, ҳеҷ кас наёфтам, ки шаб аз ту нохушнуд ва ба ранҷ хуфтӣ, балки аз садақоту силоту ташрифоти ту бисёр кас ҳаме осудааст, то хабар ёфтам, ки падар аз ту биёзурда аст ва миёни ту ва ӯ никоре[1] ҳаст. Ман донистам, ки аз он аст. Ин илоҷ бикардам, бирафт ва андешаи ман хато набуд».

Ва баъд аз он Фазл ибни Яҳё ҷосаликро тавонгар кард ва ба Порс фиристод.

## Ҳикоят (12)

Дар санаи сабъа ва арбаъина ва хамсумиа[2], ки миёни султони олам Санҷар ибни Маликшоҳ ва худованди ман Ало-уд-дунё ва-д-дин[3] ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн, халладаллоҳу таъоло мулкаҳумо ва султонаҳумо[4], ба дари Ӯбаҳ масоф афтод ва лашкари Ғӯрро чунон чашмзахме афтод. Ва мани банда дар Ҳирот чун мутаворигуна[5] ҳамегаштам, ба сабаби он ки мансуб будам ба Ғӯр.

---

[1] никор – озурдагӣ, ҷидол

[2] Яъне: соли 547 (1152)

[3] Ало-уд-дунё ва-д-дин – мурод султон Алоуддини Ҷаҳонсӯз аст (ниг. саҳ.136).

[4] Яъне: Худованд мулку подшоҳии ҳардуро поянда созад.

[5] мутаворигуна – мисли касе, ки пинҳону пӯшида мегардад.

Душманон бар хира[1] ҳар ҷинсе ҳамегуфтанд ва шамотате[2] ҳамекарданд.

Дар ин миён шабе ба хонаи озодмарде афтодам ва чун нон бихӯрдем ва ман ба ҳоҷате берун омадам, он озодмард, ки ман ба сабаби ӯ он ҷо афтода будам, магар маро саное мегуфт, ки мардумон ӯро шоир шиносанд. Аммо берун аз шоирии худ марде фозил аст. Дар нуҷуму тиб ва тарассулу[3] дигар анвоъ мутабаҳҳир[4] аст.

Чун ба маҷлис бозомадам, худованди хона маро эҳтироме дигаргун кард, чунонки муҳтоҷон кунанд. Ва чун соате буд, ба наздики ман нишасту гуфт: «Эй фалон! Як духтар дорам ва берун аз вай кас надорам ва неъмате ҳаст. Ва ин духтарро иллате ҳаст, ки дар айёми узр[5] даҳ-понздаҳ ман сурхӣ аз вай биравад ва ӯ азим заиф мешавад. Ва бо табибон машварат кардем ва чанд кас илоҷ карданд, ҳеҷ суд надошт. Агар мебанданд, шикам бармеояд ва дард ҳамегирад ва агар мекушоянд, сайлон[6] меафтад ва заъф падид меояд. Ва ҳаметарсам, ки набояд, ки якборагӣ қувват соқит[7] гардад».

Гуфтам: «Ин бор, ки иллат падидор ояд, маро хабар кун».

Ва чун рӯзе даҳ баромад, модари бемор биёмад ва маро бибурд ва духтарро пеши ман овард.

Духтаре дидам бағоят некӯ, даҳшатзада ва аз зиндагонӣ ноумедшуда. Ҳамэдун[8] дар пои ман афтоду гуфт: «Эй падар! Аз барои Худой, ки маро фарёд рас, ки

[1] хира – беҳуда, бесабаб
[2] шамотат – маломат, сарзаниш, бадгӯӣ
[3] тарассул – номанигорӣ
[4] мутабаҳҳир – касе, ки огоҳӣ ва дониши комил дорад.
[5] узр – одати моҳонагӣ (ҳайз)
[6] сайлон – равон гардидан
[7] соқит – афтодан
[8] ҳамэдун – ҳамон лаҳза

ҷавонам ҷаҳоннодида». Чунонки об аз чашми ман биҷаст, гуфтам: «Дил фориғ дор, ки ин саҳл аст».

Пас, даст бар набзи ӯ ниҳодам, қавӣ ёфтам ва рангу рӯй ҳам бар ҷой буд ва аз умури ашара[1] бештар мавҷуд буд, чун имтило[2] ва қувват ва мизоҷ ва саҳна[3] ва син(н) ва фасл ва ҳавои балад ва одат ва аърози мулоима[4] ва синоат[5].

Фассодеро[6] бихондам ва бифармудам, то аз ҳар ду дасти ӯ раги босилиқ[7] бигушуд ва занонро аз пеши ӯ дур кардам. Ва хуне фосид ҳамерафт. Пас ба имсоку[8] тасреҳ[9] дирамсанге ҳазор хун баргирифтам ва бемор беҳуш бияфтод.

Пас, бифармудам, то оташ оварданд ва баробари ӯ кабоб ҳамекардам ва мурғ ҳамегардонидам, то хона аз бухори кабоб пур шуд ва бар димоғи ӯ рафт ва бо ҳуш андар омад, биҷунбиду бинолид. Пас шарбате бихӯрд. Ва муфарриҳе[10] сохтам ӯро муътадил ва як ҳафта муолиҷат кардам. Хун ба ҷой бозомад ва он иллат зоил шуд ва узр ба қарори хеш бозомад ва ӯро фарзанд хондам ва ӯ маро падари худ хонд ва имрӯз маро чун фарзандони дигар аст.

---

[1] умури ашара – умури даҳгонае, ки дар тибби қадим ба онҳо таваҷҷуҳ доштанд. Дар идома муаллиф худ онҳоро ёд намудааст.

[2] имтило – пур будани ҷисм аз моеоти чаҳоргона – балғам, хун, сафро, савдо.

[3] саҳна – ҳолати бадан аз фарбеҳиву харобӣ ва сахтиву нармӣ

[4] аърози мулоима – мизоҷу аломатҳои беморӣ

[5] синоат – кору фаъолият(и бемор)

[6] фассод – рагзан

[7] босилиқ – шоҳраги сиёҳ

[8] имсок – боздоштан

[9] тасреҳ – раҳо кардан

[10] муфарриҳ – доруе, ки дилу димоғро нерӯ мебахшад.

## Фасл

Мақсуд аз таҳрири ин рисолат ва тақрири ин мақолат изҳори фазл нест ва изкори[1] хидмат не, балки иршоди мубтадӣ[2] аст ва иҳмоди[3] худованд, малики муаззами муайяди музаффари мансур, Ҳусом-уд-давлати ва-д-дунёи ва-д-дин, нусрат-ул-исломи ва-л-муслимин, умдат-ул-ҷуюши фи-л-ъоламин, ифтихор-ул-мулуки ва-с-салотин, қомиъ-ул-кафарати ва-л-мушрикин, қоҳир-ул-мубтадиъати ва-л-мулҳидин, заҳир-ул-айём, муҷир-ул-аном, азуд-ул-хилофат, ҷамол-ул-миллат, ҷалол-ул-уммат, низом-ул-араби ва-л-аҷам, асил-ул-олам, шамс-ул-маолӣ, малик-ул-умаро Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд ибни Ҳусайн, насиру амирулмуъминин, адомаллоҳу ҷалолаҳу ва зода фи-с-саодати иқболаҳу[4], ки подшоҳиро ба макони ӯ муфохират аст ва давлатро ба хидмати ӯ мубодират[5]. Эзад, таборак ва таъоло, давлатро ба ҷамоли ӯ ороста дорад ва мулкро ба камоли ӯ пероста. Ва чашми худовандзода, малики муайяди музаффари мансур Шамс-уд-давлати ва-д-дин[6] ба ҳусни сирату сарирати[7] ӯ равшан бод ва ҳифзи илоҳиву инояти подшоҳӣ бар қадди ҳашмату қомати исмати ҳарду ҷавшан

[1] изкор – ба забон овардан

[2] мубтадӣ – тозароҳ

[3] иҳмод – ситоиш

[4] Яъне: Муваффақи пирӯзманди ғолиб, шамшери давлату дунёву дин, кӯмакгари ислому муслимин, такягоҳи лашкариён(и хеш дар баробари тоғиёни) ҷаҳон, мояи ифтихори подшоҳону фармонравоён, нобудгари кофирону мушрикон, мағлубгари бидъатгарону бединон, пуштибон (дар сахтиҳои) рӯзгор, фарёдраси мардумон, бозуи хилофат, ҷамоли миллат, ҷалолу шукӯҳи уммат, мояи низому пойдории арабу аҷам, покгуҳари олам, шамсулмаолӣ, маликулумаро Абулҳасан Алӣ писари Масъуд писари Ҳусайн, ёригари халифа. Худованд шукӯҳмандияшро пайваста дорад ва муваффақияташро дар комгорӣ афзун гардонад.

Манзур мамдуҳи муаллиф аст, ки дар муқаддима низ бо алфози бисёр ҳамгун ба ҳамин тариқ ӯро сутудааст (ниг. саҳ.21).

[5] мубодират – шитофтан

[6] Шамс-уд-давлати ва-д-дин – мурод бародари мамдуҳ аст (ниг.саҳ.22,137).

[7] сарират – ботин

бод! Ва дили худованд, валийю-л-инъом, малики муаззам, олими одил, муайяди музаффари мансур Фахр-уд-давлати ва-д-дин, баҳо-ул-исломи ва-л-муслимин, малику мулуки-л-ҷибол[1] ба бақои ҳар ду шодмона, на муддате, балки ҷовидона.

## Тамма-л-китобу

[1] Фахр-уд-давлати ва-д-дин – манзур падари мамдуҳ – Фахриддин Масъуд аст (ниг. саҳ.22, 24).

# ФЕҲРИСТҲО

## Феҳристи номи ашхос ва хонадонҳо

### А

Абдулвоҳиди Ҷурҷонӣ 165
Абдуллоҳи Ансорӣ 168
Абевардӣ 44
Абулаббос ар-Рабинҷанӣ 71
Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳ 155
Абулқосими Довудӣ 127
Абулқосими Рафеӣ 77
Абулмасал ал-Бухорӣ 72
Абулмаолии Розӣ 76
Абулмузаффари Чағонӣ 90
Абулфараҷи Рунӣ 73
Абулхайри Хаммор 155, 156
Абдулҳамид 43
Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд 12, 21, 174
Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд ибни Ҳусайн 12,174
Абулҳасан Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Суҳайлӣ 155
Абулҳасани Сарахсӣ ал-Баҳромӣ 80
Абулҳасан ибни Яҳё 163
Абулҳасан ал-Кисоӣ 72
Абулҳасани Ағаҷӣ 72
Абдуссайид Рашидӣ 105
Абӯабдуллоҳи Қурашӣ 100
Абӯбакри Азрақӣ 100, 101
Абӯбакри Ахавайнӣ 144
Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ 112
Абӯбакри Даққоқ 5, 14, 142
Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн 25
Абӯбакри Ҷавҳарӣ 9, 14, 77

Абӯдулаф 107
Абӯмансури Бағдодӣ 118
Абӯмансури Боюсуф 100
Абӯмаъшари Балхӣ 119
Абӯмансур ибни Зайла 165
Абӯнасри Аррок 156, 158
Абӯнасри Кундурӣ 43
Абӯнасри Порсӣ 102
Абӯисҳоқи Ҷӯйборӣ 72
Абӯрайҳони Берунӣ 117, 119, 156
Абӯраҷо 85, 86
Абӯризо ибни Абдуссалом ан-Найсобурӣ 35
Абӯсаъд Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ 86
Абӯҳанифаи Ископ 73
Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад Абӯсаъд ан-Нашавӣ 164
Адиб Исмоил 167
Аёз 87, 88
Алии Бонизӣ 75, 104
Алии Дайлам 107, 108
Алии Сипеҳрӣ 14, 75, 104
Алии Сӯфӣ 14, 77
Алии Фаромарз 97
Алии Хос 102
Алии Шатранҷӣ 75
Алӣ ибни Лайс 69,70
Алӣ ибни Муҳтоҷ ал-Кушонӣ 47
Алпарслон 97, 100
Алптагин 45, 46, 47, 48
Амид Асъад 91, 92, 93, 94
Амиди Камолӣ 79
Амир Абдурраззоқ 111
Амир Абӯсаъди Ҷарра 132
Амиди Сафиюддин 113, 115
Амир Алӣ 97, 98, 99
Амири Биёбонӣ 62
Амир Дод 128, 129
Амр ибни Лайс 69
Амъақи Бухорӣ 74
Аристотолис 147, 156, 165

Асчадӣ 72
Атмтагин 62, 63
Афросиёб 74, 111
Аҳмади Абдулчалили Сичзӣ 119
Аҳмади Бадеҳӣ 100, 101
Аҳмади Фарач 144
Аҳмад ибни Абдулазиз 62
Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хучустонӣ 68
Аҳмад ибни Абдуссамад ал-Обидӣ 86
Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ ан-Низомӣ ал-Арӯзӣ ас-Самарқандӣ 25
Аҳмади Халаф 14, 74
Аҳмади Ҳасан(и Маймандӣ) 125

**Б**

Бадеъ 43
Балъамӣ 43
Банӣ Аббос 51, 60
Банӣ Сомон 49
Банӣ Ҳошим 112,119
Батлимус 156
Баҳромӣ 72, 80
Бомансури Боюсуф 101
Борбад 71
Бузарчмеҳри Қоинӣ 73
Букрот 146
Булмузаффаршоҳ 93
Бундор 76
Бурҳон 76
Бурҳонӣ 76, 96, 98, 99
Бухтайшуъ 149
Бӯалӣ Сино 125
Бӯсаҳли Масеҳӣ 145, 155, 156, 158

**В**

Валид ибни Муғира 64

Г

Гӯрхони Хитоӣ 61
Гӯшёри Ҷилӣ 120

Ғ

Ғаззӣ 44

Д

Дақиқӣ93
Дарфирӯзи Фахрӣ 76

З

Зинатӣ 73
Зол 106

И

Ибни Аббодӣ  44
Ибни Мандавайҳи Исфаҳонӣ 148
Ибни Нассобаи Алавӣ 44
Иброҳимӣ 78
Иззуддин Маҳмуди Ҳоҷӣ 137
Имомӣ 16
Искандар 154
Искофӣ 45, 47, 48, 50, 51

К

Каё Ғазоирӣ 75
Киёраиси Баҳманёр 165
Килобӣ 14, 74
Кифоии Ганҷаӣ 14, 77

Қ

Қассори Уммӣ 73
Қобус 16, 42, 159, 160, 161
Кӯсаи Фолӣ 14, 77

Асҷадӣ 72
Атмтагин 62, 63
Афросиёб 74, 111
Аҳмади Абдулҷалили Сиҷзӣ 119
Аҳмади Бадеҳӣ 100, 101
Аҳмади Фараҷ 144
Аҳмад ибни Абдулазиз 62
Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ 68
Аҳмад ибни Абдуссамад ал-Обидӣ 86
Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ ан-Низомӣ ал-Арӯзӣ ас-Самарқандӣ 25
Аҳмади Халаф 14, 74
Аҳмади Ҳасан(и Маймандӣ) 125

**Б**

Бадеъ 43
Балъамӣ 43
Банӣ Аббос 51, 60
Банӣ Сомон 49
Банӣ Ҳошим 112,119
Батлимус 156
Баҳромӣ 72, 80
Бомансури Боюсуф 101
Борбад 71
Бузарҷмеҳри Қоинӣ 73
Букрот 146
Булмузаффаршоҳ 93
Бундор 76
Бурҳон 76
Бурҳонӣ 76, 96, 98, 99
Бухтайшуъ 149
Бӯалӣ Сино 125
Бӯсаҳли Масеҳӣ 145, 155, 156, 158

**В**

Валид ибни Муғира 64

## Г

Гӯрхони Хитоӣ 61
Гӯшёри Ҷилӣ 120

## Ғ

Ғаззӣ 44

## Д

Дақиқӣ93
Дарфирӯзи Фахрӣ 76

## З

Зинатӣ 73
Зол 106

## И

Ибни Аббодӣ 44
Ибни Мандавайҳи Исфаҳонӣ 148
Ибни Нассобаи Алавӣ 44
Иброҳимӣ 78
Иззуддин Маҳмуди Ҳоҷӣ 137
Имомӣ 16
Искандар 154
Искофӣ 45, 47, 48, 50, 51

## К

Каё Ғазоирӣ 75
Киёраиси Баҳманёр 165
Килобӣ 14, 74
Кифоии Ганҷаӣ 14, 77

## Қ

ҚассориУммӣ 73
Қобус 16, 42, 159, 160, 161
Кӯсаи Фолӣ 14, 77

Қудома ибни Ҷаъфар 42
Қамарии Гургонӣ 77

Л

Ломеии Деҳистонӣ 76
Луълуӣ 14, 74

М

Мантиқӣ 41, 75
Манучеҳрӣ 73
Маншурӣ 73
Масъуди Иброҳим 102
Масъуди Саъди Салмон 73, 102
Масъудӣ 73, 120
Маъмун 57, 58, 59, 60, 121, 122, 149, 155
Маҳмуд ибни Сабуктагин 65
Маҳмуди Довудӣ 127, 129
Маҷдуд ас-Саноӣ 74
Мокони Кокуӣ 48
Музаффари Исфизорӣ 132
Музаффарӣ 73
Муиззӣ 6, 9, 14, 15, 76, 86, 95, 99, 111
Мукрӣ Ҳаддоди Табиб 14, 128
Мутанаббӣ 44
Муҳаммади Закариёи Розӣ 143, 144
Муҳаммад ибни Ақил ал-Қазвинӣ 164
Муҳаммад ибни Душманзиёр 148
Муҳаммад ибни Закариё 148, 152
Муҳаммад ибни Маликшоҳ 103, 134
Муҳаммади Муҳаммад 141
Муҳаммад ибни Абдаҳ ал-Котиб 66
Муҳаммадхон 128
Мӯсо (а)

Н

Насимӣ 100
Наср ибни Аҳмад 81, 82, 83

Наҷҷори Соғарҷӣ 74, 104
Наҷибии Фарғонӣ 74, 104
Низомии Мунярӣ 113, 114
Низомулмулк 96, 130
Нилӣ 143
Нӯҳ ибни Мансур 46, 48, 49, 51

## О

Одам 22, 26, 38
Оли Аббос 56
Оли Бованд 109
Оли Бӯя 14, 75, 164
Оли Носируддин 72
Оли Салҷуқ 8, 61, 75, 100
Оли Сосон 71
Оли Хоқон 74
Оли Шансаб 9, 14, 22, 77

## П

Писари Дарғуш 75, 104
Писари Исфароинӣ 104
Писари Теша 14, 75
Пури Калла 74

## Р

Рашидии Самарқандӣ 14
Рофеии Нишопурӣ 77
Рошидӣ 14, 73
Рустам 86
Рӯдакӣ 14, 15, 71, 81, 84, 85, 86

## С

Сабуктагин 46, 65
Садруддин Муҳаммад ибни Музаффар 133
Сайид Исмоили Ҷурҷонӣ 144, 148
Салломӣ 70

Салҷуқиён 8, 65
Санҷар ибни Маликшоҳ 6, 12, 62, 95, 136, 171
Саффориён 69, 70
Симҷуриён 46
Ситтӣ Зайнаб 105
Собит ибни Қурра 117
Собӣ 16
Соми Наримон 106
Соҳиби Кофӣ (Исмоил ибни Аббод ар-Розӣ (Соҳиб) 42, 52
Сулаймони Димишқӣ 14, 165
Султон Баҳромшоҳ 78
Султон Маҳмуд ибни Носируддин 123

Т

Таҳовӣ 72
Тоҳири Алии Мушкон 103
Тош 49, 50

У

Уқлидуси Наҷҷор 117
Унсурӣ 14, 44, 72, 78, 88, 89
Усмони Мухторӣ 74

Ф

Фаррухии Гургонӣ 76
Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ 169, 170, 171
Фирдавсӣ 14, 15, 38, 78, 79, 106, 107, 108, 109, 110, 111, 112

Х

Хаббозии Нишопурӣ 72
Халафи Бону 89
Хизр ибни Иброҳим 104
Хоқониён 104
Хоразмшоҳ Отсиз 62
Хоразмшоҳӣ 116
Хоҷа Имом Умари Хайёмӣ 132, 135

## Ҳ

Ҳакими Мавсилӣ 130
Ҳақиқӣ 100
Ҳамид 3, 11, 12, 16, 43, 78
Ҳаммодӣ 16
Ҳанзалаи Бодғисӣ 69
Ҳарирӣ 16
Ҳасани Саҳли Зурриёсатайн 56
Ҳуйаййи Қутайба 107, 108
Ҳунайни Исҳоқ 113
Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн 25, 171
Ҳусайн ибни Алии Микол 156
Ҳусомуддин 12, 62

## Ҷ

Ҷабраил 78
Ҷавҳарӣ 9, 14, 75, 77
Ҷаъфари Ҳамадонӣ 14, 76
Ҷолинус 145, 146, 156, 169

## Ш

Шариф Муҷаллидии Гургонӣ 71
Шиҳобиддин Қутлимиши Албғозӣ 103
Шоҳ Бӯраҷо 74
Шуҷоии Насавӣ 100

## Я

Яздигурд 110
Яранақуши Ҳарива 137
Яҳёи Аксам 57
Яъқуб ибни Лайс 69
Яъқуби Исҳоқи Киндӣ 121, 122

## Фехристи ҷойҳо

### Б

Бағдод 8, 11, 60, 118, 122, 131, 134, 149, 169
Байҳақ 16, 50, 70
Балх 7, 113, 122, 132, 157
Баруна 15, 85
Бодғис 69, 82, 83
Бож 106
Барсахон 63
Бухоро 45, 46, 50, 63, 82, 84, 85, 152, 153
Бушт 70

### В

Вачиристон 102

### Г

Гургон 157, 159,

### Ғ

Ғазнин 53, 54, 67, 69, 78, 108, 109, 111, 123, 124
Ғӯр 9 77, 136

### Д

Дарвоз 83

### З

Зовулистон 46

### И

Ироқ 82, 102, 115, 157
Искандария 169
Исфаҳон 86, 134, 135,

### К

Карух 70, 82
Кирмоншоҳон 61

Кумиш 48, 50
Кӯҳистон 48

Қ

Қазвин 96
Қум 53

Л

Ламғон 53

М

Марв 112, 115, 133, 154, 155
Миср 51
Мозандарон 83, 86, 106
Мовароуннаҳр 35, 62, 65, 66, 67, 106, 128
Молин 82, 83

Н

Нил 78
Нишобур 35, 46, 111, 112, 132, 141

О

Омуй 54

П

Панҷдеҳ 128
Порс 162, 169, 171

Р

Рай 48, 50, 155, 161
Рӯдбор 112

С

Синд 53
Систон 89, 90, 91, 94
Сиҷистон 83

## Т

Табарон 106, 112
Табаристон 14, 15, 76, 109
Тамғоч 35
Туркистон 35, 104
Турук 6, 95
Тӯс 6, 95, 106, 107, 108, 109, 111, 112, 158

## Ӯ

Ӯбаҳ 136, 171

## Х

Хор 31, 48
Хоф 70
Хузон 128
Хуросон 47, 50, 60, 69, 70, 82, 104, 122, 135, 169
Хуҷустон 69

## Ҳ

Ҳамадон 103
Ҳарӣ 70, 82, 83, 84, 95, 109, 128, 137, 138
Ҳилла 134
Ҳиндустон 111, 157
Ҳира 15, 132
Ҳирот 6, 7, 45, 46, 101, 167, 171

## Ч

Чағониён 90,91
Ҷайҳун 50, 85, 152, 153

## Ш

Шом 44, 98, 99, 142

## Э

Эрон 24

# Феҳристи осор

## А

Агроз 41, 60, 144
Арисмотиқӣ 118

## Ё

Ёдгор 188

## З

Захира 144
Захираи Хоразмшоҳӣ 146

## И

Ислоҳи «Қонун» 146

## К

Кифоя (Аҳмади Фараҷ) 144
Комил-ус-синоа 145, 162
Кори меҳтар 120
Кифоя (Ибни Мундавайҳ) 148

## Қ

Қонун 139, 146,148
Қонуни Масъудӣ 120
Қуръон 45, 48, 63, 64, 142

## М

Мабдаъ ва маод 150
Мансурӣ 144, 152
Масоил 65, 67, 143
Миҷастӣ 118, 119
Миҷастӣ шифо 119
Муршид 143
Муҷмал-ул-усул 120

## О

Осори улвӣ 29

## С

Сад боб (Сичзӣ) 118
Сад боб (Бӯсаҳли Масеҳӣ) 145
Ситтата ашар 145

## Т

Тадоруку анвоъи-л-хатаъ фи-т-тадбири-т-тиббӣ 148
Такмила 118
Тафсир 3, 119, 159
ат-Тафҳим фӣ синоати-т-танчим 117
Туҳфат-ул-мулук 148

## Ф

Фусул 16,143

## Х

Хуффии Алоӣ 148

## Ҳ

Ҳидоя 39,139,140
Ҳовӣ 145

## Ҷ

Ҷомеи шоҳӣ 120

## Ш

Шарҳ (Нилӣ) 143
Шоҳнома 78,106,107, 108, 109, 110

# Феҳристи манобеи асосии таҳқиқ


1. ал-Қуръон-ул-карим. Мусҳаф-ул-мадина ал-мунаввара, 1421. - 606 с.
2. Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур ас-Самъонӣ. ал-Ансоб.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1998, иборат аз шаш ҷилд.
3. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб / Ба кӯшиши Муҳаммади Аббосӣ.-Теҳрон: Мумтоз, 1361, иборат аз ду ҷилд.
4. Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс / Тасҳеҳи Дабирсиёқӣ.-Теҳрон: Таҳурӣ, 1336, иборат аз се ҷилд.
5. Аҳмад Самеии Гелонӣ.-Ҷ.1.-Фарҳанги осор.-Теҳрон: Суруш, 1385.
6. Бағдодӣ, Исмоилпошшо ибни Муҳаммадамин. Изоҳ-ул-макнун. -Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008, иборат аз ду ҷилд.
7. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома.-Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1334-1345, иборат аз понздаҳ ҷилд.
8. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ.-Ҷ.15.-Теҳрон: Маркази Доиратулмаорифи исломӣ, 1387. - 760 с.
9. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон.-Бейрут: Дору Содир, 1995, иборат аз ҳафт ҷилд.
10. Ёқути Ҳамавӣ. Муъчам-ул-удабо.-Бейрут: Муассиса ал-маориф, 1999, иборат аз шаш ҷилд.
11. Заҳабӣ, Шамсиддин. Сияру аъломи-н-нубало.-Қоҳира: Дор ал-ҳадис, 2006, иборат аз ҳаждаҳ ҷилд.
12. Зириклӣ, Хайриддин. Қомус-ул-аълом.-Бейрут: Дор-ул-илм ли-л-малойин, 2007, иборат аз ҳашт ҷилд.
13. Ибни Манзур. Лисон-ул-араб.-Бейрут: Дору Содир, 2005, иборат аз ҳаждаҳ ҷилд.
14. Ибни Надим. ал-Феҳрист.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1996. – 790 с.
15. Ибни Халликон. Вафийёт-ул-аъён.-Ҷ.6.- Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1998. – 448 с.
16. Исмоилпошшо ибни Муҳаммадамин. Ҳадийят-ул-орифин.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008, иборат аз ду ҷилд.
17. Қифтӣ, Ҷамолуддин. Таърих-ул-ҳукамо.-Ҳайдаробод, 1903.

18. Қурашӣ, Абдулқодир. Ҷавоҳир-ул-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафийя.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2005. -630 с.
19. Маҳмуди Мудаббирӣ. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон.-Теҳрон:Понус, 1380.
21. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1375, иборат аз шаш ҷилд.
22. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Қазвинӣ (Ба кӯшиши Муҳаммад Муин).-Теҳрон: Армуғон.-160 с.
23. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / Тасҳеҳи Муҳаммад Қазвинӣ, бо тавзеҳоти Саид Қарабеглу ва Ризо Анзобинажод.-Теҳрон: Ҷомӣ, 1382.-240 с.
24. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоға / Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми профессор Аҳмад Оташ. - Теҳрон: Асотир, 1362. - 290 с.
25. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Ба кӯшиши Муҳаммад Рамазонӣ. -Теҳрон: Падидаи Ховар, 1366. - 432 с.
26. Сируси Шамисо. Сабкшиносии наср.- Теҳрон: Митро, 1387. -328 с.
27. Табрезӣ, Бурҳонмуҳаммад Ҳусайн ибни Халаф. Бурҳони қотеъ.- Лакҳнав, бидуни соли нашр, иборат аз ду ҷилд.
28. Тақиуддин Тамимии Мисрӣ. Табақот-ус-санийя фӣ тароҷими-л- ҳанафийя. - Риёз: Дор ар-Рафоӣ, 1973, иборат аз чаҳор ҷилд.
29. Ҳасан Анварӣ. Фарҳанги фишурдаи сухан. -Теҳрон: Сухан, 1385, иборат аз ду ҷилд.
30. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо / Ба кӯшиши Музоҳир Мусаффо. - Теҳрон, 1339.- 498 с.
31. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун. -Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008, иборат аз се ҷилд.
32. Хатиби Бағдодӣ. Таърихи Бағдод. -Бейрут: Дор-ул-фикр, 2004, иборат аз дувоздаҳ ҷилд.

# МУНДАРИҶА

Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Чаҳор мақола»-и ӯ . . . 3

Дебоча . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21

МАҚОЛАТИ АВВАЛ
Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил
ва он чи тааллуқ бад-ин дорад . . . . . . . . . . . . . . . . 40

МАҚОЛАТИ ДУВУМ
Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир . . . . . . . . . . 68

МАҚОЛАТИ САВУМ
Дар илми нуҷум ва ғазорати мунаҷҷим дар он илм . . . . 117

МАҚОЛАТИ ЧАҲОРУМ
Дар илми тиб ва ҳидояти табиб . . . . . . . . . . . . . . . . . 139

ISBN 978-99975-41-92-5

**Низомии Арӯзии Самарқандӣ**

# ЧАҲОР МАҚОЛА

Мусаҳҳеҳон:
**Тоҷибой Султонӣ, Иззатбек Шехимов, Нӯъмонҷон Неъматов, Сорбон Азизов**

Муҳаррири техникӣ:
**Абдумаҷид Абдусамадов**

Ҳуруфчинон:
**Нӯъмонҷон Неъматов, Марям Абдуллоева**

Ба матбаа 8.09.2015 супорида шуд. Ба чоп 21.09.2015 имзо шуд.
Андозаи қоғаз 60x84 1/16. Чопи офсет. Қоғази «Снегурочка».
Ҷузъи чопӣ 7,0. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Супориши №3819. Теъдод 500 нусха.

Матбааи «Ношир»,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735714, ш.Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев, 2
тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj

"НОШИР"
матбааи